**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ**
**АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**УДК:004+376**
**ББК:74.2**
**Ҳ-28**

**ҲАҚНАЗАРОВ ТОЛИБҶОН МЕҲРИДДИНОВИЧ**

# ИСЛОҲНАМОИИ НУҚСОНҲОИ НУТҚИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ ТАВАССУТИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА БАРНОМАҲОИ КОМПЮТЕРӢ

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия)

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Дадобоева М.С.

**ДУШАНБЕ – 2023**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮИ ИХТИСОРА** ........................................................................ **3**

**ЛУҒАТИ ИСТИЛОҲОТ**.......................................................................... **4**

**МУҚАДДИМА** .................................................................................... **5-16**

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ПЕДАГОГИИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ КӮДАКОНИ НУҚСОНИ НУТҚИДОШТАИ СИННИ ТОМАКТАБӢ**.............................................................. **17-67**

1.1. Таснифоти психологӣ - педагогии кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ.................................................. **17-30**

1.2. Нуқсони нутқии алалия дар кӯдакони синни томактабӣ - объекти педагогӣ- психологӣ……………………………………… **31-48**

1.3. Асосҳои назариявӣ-педагогии истифодаи технологияҳои компютерӣ-иттилоотӣ дар таълими кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ.................................................. **49-64**

Хулосаи боби 1.......................................................................... **65-67**

**БОБИ II. ШАРОИТҲОИ ОЗМОИШИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР КОРҲОИ ИСЛОҲӢ-ЛОГОПЕДӢ БО КУДАКОНИ НУҚСОНИ НУТҚИДОШТАИ СИННИ ТОМАКТАБӢ**............................................................... **68-164**

2.1. Асосҳои корҳои коррексионию логопедӣ дар раванди таълими кӯдакони синни томактабии имконияти маҳдуддошта................. **68-85**

2.2. Мақсад ва вазифаҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-компютерӣ дар раванди корҳои ислоҳӣ-педагогӣ......................... **86-111**

2.3. Барномаҳои компютерӣ ва тарзи истифодабарии онҳо дар таълими кӯдакони синни томактабии нуқсони нутқидошта дар мисоли алалия.................................................................................. **112-161**

Хулосаи боби 2……………………………………………………....... **162-164**

**ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО**........................................................... **165-167**

**РӮЙИХАТИ АДАБИЁТ**................................................................ **168-186**

**ЗАМИМА**.......................................................................................... **187-188**

# НОМГӮИ ИХТИСОРА

ДДОТ - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

ДДК ба номи А.Рӯдакӣ – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ

ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон

ФР - Федератсияи Россия

ИДМ - Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Америка

ТИК- технологияҳои информатсионӣ-коммуникатсионӣ

КИМД - кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта

ТКТ- технологияҳои компютерии таълим

БТТК - барнома ва технологияҳои таълими компютерӣ

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

КОА – Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ЮНЕСКО - United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization/ Созмони миллали муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг

## ЛУҒАТИ ИСТИЛОҲОТ

1. Аменция – модарзодӣ, наслӣ, ирсӣ.
2. Алименторӣ – ҳолати бо ғизои ғайриреҷа ва нопурра алоқаманд.
3. Асфиксия-нафасгиршавӣ, дамгир шудан, норасогии оксиген.
4. Агнозия – вайроншавии идроки хабар, ки дар натиҷаи захмбардории пӯстлохи майнаи сар ба вуҷуд меояд.
5. Апраксия- нуқсони ҳаракат.
6. Аномалӣ – ғайримаъмулӣ, нодуруст, хилофи қоида будан.
7. Визуалӣ - мушоҳидаи бевоситаи биноӣ.
8. Гидроцефалия – каллакалонӣ.
9. Гиперопека - ғамхории аз меъёр зиёд.
10. Декомпенсация – барқарорнашаванда.
11. Дефект – нуқсон, камбудӣ.
12. Деменция – пайдошуда.
13. Дезадаптация – мутобиқ нашудан.
14. Дизонтогенез- органзими инкишофнаёфта ва ё дар инкишофи организм ба вуҷуд омадани нуқсон.
15. Инволютсия- инкишоф ва ҳаракати баръакс.
16. Компенсация – ҷуброн кардан, барқарор намудан.
17. Логорея – сергапӣ.
18. Микроцефалия – каллахурдӣ.
19. Онтогонезе- инкишофи организми ҳар як мавҷудоти зинда аз рӯзи ба дунё омадан то охири ҳаёт.
20. Патология – ғайримуқаррарӣ, ғайритабиӣ.
21. Профилкатика -пешгирӣ намудан.
22. Симптом – аломат ва ё нишонаи беморӣ.
23. Соматический -бемории ҷисмонӣ.
24. Этиология -соҳаи илми тиб, ки пайдоиши бемориҳоро муайян мекунад.
25. Эхолалия - такрори калимаҳои бегона.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Оғози асри XXI дар рушду инкишофи соҳаи маорифи кишварҳои пешрафта марҳилаи нав, яъне дунёи иттилооту техникаро кушод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин самт истисно нест, яъне кишвари мо ҳам бо ба даст овардани соҳибистиқлолӣ тадриҷан ба раванди умумиҷаҳонии маориф ворид гардид. Фаъолияти самараноки илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ шарти зарурии таъмини рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ба шумор меравад. Машғул шудан ба фаъолияти инноватсионӣ ва таҳияи маҳсулоти инноватсионӣ яке аз омилҳои мусоидаткунанда ба таъмини алоқаи илм бо истеҳсолот аст. Натиҷаи чунин фаъолият офаридани донишҳои нави илмӣ ва татбиқи минбаъдаи онҳо дар технологияҳо ё маҳсулоти нави бо ёрии ҳамин технологияҳо истеҳсолшаванда мебошад. Намудҳои муосири техникаю маҳсулот – навовариҳое, ки танҳо баъди татбиқи амалӣ манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ меоранд, яъне вақте ки онҳо барои истеъмолкунандагон дастрас мешаванд. Аз ҷумла, дар Тоҷикистон ба душвориву пешомадҳои иттилоотикунонӣ чун самти асосии навсозии низоми таҳсилот, ки проблемаи асосии дурнамои рушди тамаддун баҳогузорӣ мегардад, мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор дошт ва дорад.

Тавре маълум аст, проблемаҳои дастгирии иттилоотӣ-компютерӣ ё тағйироти таҷрибавӣ, таҳлилу ташкили масъалаҳои копютеркунонӣ мунтазам дар маркази диққати ҳукумати кишвар ҷой дошта, дар баробари дигар самтҳо, вазифаи меҳварии таҳсилоти фарогир, бахусус дар муассисаҳои томактабии махсус маҳсуб меёбад ва он бо асосҳои таърихӣ дохил гардидан ба асри XXI дар шароити тағйирёбии куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию фарҳангии ҷомеа, яъне тамоили умумии истифодаи самараноки БТТК муқаррар мегардад. Дар ин замина, таҳсилот ҳамчун самти афзалиятнок, бо фарҳанги ҷомеа алоқаманд буда, зарур аст ҳалли масъалаи компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта, босуръат гардонида ва омӯзиши

таълимгирандагон дар ин самт тақвият дода шавад. Зарур аст, дар донишҷӯён, аз ҷумла мутахассисони ояндаи риштаи дефектология ба вуҷуд овардану ташаккул додани мафҳумҳои ҷаҳонбинии илмӣ бидуни донистану истифода бурдани БТТК, асосҳои илм ва малакаҳои ҳаётӣ ва саҳм гузоштан дар рушду инкишофи ҷомеаи кишвар ғайриимкон аст.

Муҳимияти мавзуи таҳқиқот дар он таҷассум мегардад, ки давраи муосири рушди сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иктисодии кишвар таъмину танзими омодагии насли наврас, аз ҷумла кӯдакону наврасони имкониятҳои маҳдуддоштаро ба зиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ, яъне ба вуҷуд овардани қобилияти инсон барои қаноатманд намудани талаботи чунин ҷомеа тақозо мекунад.

Дар баробари дастоварду пешрафт ва комёбиҳои назарраси соҳаи маориф, таъмини ташкили муассисаҳои таълимии махсус барои кӯдакони имконияташон маҳдуди синни томактабӣ, ташкили кафедраву факултетҳои самти омодасозии мутахассиси соҳаи таҳсилоти фарогир машғул дар заминаҳои мактабҳои олӣ, коркарду таҳияи маводҳои таълимиву методӣ, китобҳои дарсӣ, ташкили гурӯҳу синфхонаҳои махсуси дорои асбобу лавозимоти махсус барои мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогир, муайян намудани имтиёз дар назди Маркази миллии тестӣ барои довталабони имкониятҳои маҳдуддошта ва дигар корҳои аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишаванда, баъзе норасогиву нопуррагиҳо низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи маориф -истифодаи хеле маҳдуди барнома ва технологияҳои таълими компютерӣ (минбаъд БТТК) дар ҷараёни таълими кӯдакони имконияти маҳдудошта ва донишҷӯёни ихтисоси соҳаи таҳсилоти фарогир, аз ҷумла логопед, сурдопедагог, олигофренопедагог, тифлопедагог ва ғайра аз тарафи омӯзгорон маҳсуб меёбад.

Имрӯз дар соҳаи педагогикаи махсуси аксари давлатҳои пешрафтаи дунё (Олмон, ИМА, Эрон, Ҷопон, Малазия ва ғайра) роҳҳои истифодаи барнома ва технологияҳои таълими компютерӣ дар ҷараёни таълими

кӯдакони имконияти маҳдуддошта барои донишҷӯён-дефектологон коркард гардидааст, вале дар кишвари мо вобаста ба ин самт мутассифона муҳаққиқон камтар таҳқиқ бурдаанд. Вобаста ба ин, дар доираи таълими фанҳои махсуси дефектологӣ дар Тоҷикистон дар муқоиса бо кишварҳои аъзои ИДМ ба монанди Россия, Украина, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва ғайра, ки мутахассисони мо дар масъалаи таҳсилоти фарогир бештар ба таҷрибаи ин давлатҳо такя мекунанд, татқиқоти назариявӣ-озмоишии ташкил ва истифодаи БТТК камтар гузаронида шудаанд.

Дараҷаи коркарду истифодаи захираи муосир, аз ҷумла БТТК, ки воридсозии комилан мувофиқи он ба ҷараёни таълим метавонад дараҷаи ташаккули маҳорату малакаи касбии хатмкунандагони ихтисоси логопеди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми кор бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабиро таъмин намояд, ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст, ки бо ин ***мубрамияти*** татқиқоти мо муайян мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ислоҳоти соҳаи таҳсилоти олии кишвар дар давраи муосир ба баланд бардоштани сифати омодагии мутахассисон равона гардида бошад ҳам, вале масъалаҳои омодагии умумии касбии мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогири кишвар (логопед, сурдопедагог, олигофренопедагог, тифлопедагог ва ғайра) барои гурӯҳҳои махсуси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мутаассифона то имрӯз ба таври хеле маҳдуд мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд (И.Х. Каримова, Б.Маҷидова, Л.М.Иматзода, М.С.Дадобоева, М.И.Обидова, А.М.Байзоев, Д.Каримова, Ҷ.С.Ҳакимова, З.П.Раҳмонов, Д.З.Раҳмонова, С.Д.Қувватов, Х.М.Сабуров, Б. Зулфонов ва дигарон).

Аз ин лиҳоз, дар ин масъала имрӯз мутахассисони тоҷик дар ин самт бо такя ба таҳқиқоти олимону мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогири хориҷӣ, бахусус рус фаъолияти худро ба роҳ мондаанд (Т.С.Зикова, Л.С.Виготский, М.С.Певзнер, Ж.Пиаже, И.М. Соловева, Ж.И.Шиф, Р.

И. Лалаева, Н. Н.Малофеев, Т. В. Пелимская, Ф. Ф. Рау, Л. Н. Зуева, Е. Е. Шевтсова, Л. И. Белякова, Л. С. Волкова, Р. Е. Левина, О. В. Правдина, В. И. Селиверстов, Т. Б. Филичева, С.Холл ва дигарон). Таъкид ба ҳатмияти истифодаи воситаҳои техникӣ-компютерии омӯзишӣ дар ҷараёни таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таҳқиқоти М. А. Иноятова, Ф. С. Комилов, Б. Мирбобоева, М. Мирзоев, Х. Шарипов, С. Султонова, С. Афғонов, А.А.Андреев, В.И.Солдаткин, С.В.Титова, Д. В. Погуляев, Э. Г. Азимов, Т. З. Шарипов, С. В. Тришина, А. В. Хуторской, С. В. Панукова, А. А. Кузнетсова, Е. С. Полат, А. Л. Андреев, Х. С. Замский, Л.Н.Чуксина ва дигарон ишора гардидааст. Таҳқиқ ва исбот гардидааст, ки воридсозии мувофиқи БТТК ба ҷараёни таълим, ба таври назаррас сифатнокиии омодасозӣ ва бозомӯзии мутахассисони соҳаҳои мухталифро баланд мебардорад (П. Лутфуллоева, Ш. Мирзоев, Х. Шарипов, З. Ҳалимова, С.Султонова, Т.Назирқулов, И. И. Олимов, З. А. Раҳимов, О. Г. Смолянинова, П. В. Сисоев, С. В. Титова, Е. И. Машбитс, И. В. Роберт, Н. С. Петришева, А. Л. Семенов, О. К. Филатов, Н.Л.Половникова, Д.В.Погуляев ва дигарон). Чунончӣ, қаблан ишора шуда буд, мутаассифона то ба имрӯз дар соҳаи таҳсилоти олии соҳаи таҳсилоти фарогир, аз ҷумла логопедии кишвари мо дар баробари дигар масъалаҳои мавҷудаи самти таҳсилоти фарогир, нақш ва вазифаҳои БТТК муайян нагардидаанд, ки ин норасогӣ дар ихтисосҳои сурдопедагогика, олигофренопедагогика ва тифлопедагогика низ ба тарви назаррас мушоҳида мегардад.

**Робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ**. Ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакони имконияташон маҳдуд (ДДОТ ба номи С.Айнӣ), “Татбиқи стандартҳои байналмилалии сифат дар таҳсилоти хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ДДЗТ ба номи С. Улуғзода), системаи автоматкунонии низоми таълим “Барномаи Алфа-экспресс (Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон).

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Таҳияву коркард ва ворид намудани барномаи компютерииислоҳи нуқсони нутқии кӯдакони синни томактабӣ ба раванди таълими касбии донишҷӯ-логопед.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Омӯзиши ташаккул ва инкишофи хусусиятҳои педагогӣ-психологии кӯдакони нуқсонҳои нутқидоштаи синни томактабӣ дар мисоли алалия бо воситаи адабиёт ва таҳқиқоти мавҷуда.
2. Таҳлил ва ташхиси амалӣ-методии таълиму тарбияи кӯдакони нуқсонҳои нутқидоштаи синни томактабӣ дар мисоли алалия.
3. Исбот ва тавсифи зарурияти истифодаи барномаву технологияҳои компютерӣ ва муқаррарнамоии нақшу вазифаҳои онҳо дар ташаккули дараҷаи касбияти донишҷӯ-логопед ҳангоми кор бо кӯдакони синни томактабии нуқсони нутқидошта.
4. Таҳия ва коркарди барномаи компютерии ба ташаккули маҳорати касбӣ ва инкишофи тафаккури донишҷӯи ихтисоси логопед таъсиррасонанда, ҳангоми кор бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ.
5. Татбиқи озмоишии барномаи компютерии коркардшуда бо мақсади ташаккули маҳорати касбӣ ва дараҷаи малакаву дониши донишҷӯ-логопед, ҳангоми кор бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ.

**Объекти таҳқиқот** – барномаҳои компютерӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати омодагии касбии донишҷӯ- логопед ҳангоми кор бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** – роҳҳои коркарду истифодаи барномаҳои компютерии таълими кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ дар раванди таълими донишҷӯ-логопеди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

**Фарзияи таҳқиқот** – таҳия, коркард ва воридсозии барномаҳои компютерӣ ба раванди таълим ва омодасозии касбии донишҷӯ-логопед,

ҳангоми кор бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таълимро босифат хоҳад кард, агар:

- таҷрибаи донишҷӯ-логопед ба сифати мутахассиси ояндаи дорои касбияти баланд дар ташхиси сабаб ва омилҳои пайдоиши нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, аз ҷумла алалия бо истифодаи БТТК дар амал татбиқ гардад;

- фаъолияти пурмаҳсули инфиродии донишҷӯ-логопед дар машғулиятҳои гурӯҳӣ бо пешниҳоди кӯмаки мазмунноки марҳилавӣ дар ҳар як давраи иҷрои машқҳои касбӣ, маълумоти оморӣ бо натиҷаҳои таҳлилии фаъолияти ҳар як донишҷӯ роҳандозӣ гардад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳила аз соли 2016 то 2022 гузаронида шуд.

**Дар марҳилаи якум** *(2016 - 2017)* адабиёти илмӣ ва таълимию методӣ омӯхта шуда, усулҳои асосии омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян гардиданд, таҷрибаи татбиқ, рушд ва истифодаи технологияҳои коммуникатсионӣ-таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти фарогир, аз ҷумла дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва ҷамъбаст шуд. Инчунин дар ҳамин марҳила аҳамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок ва дараҷаи таҳқиқи он пешниҳод гардида, воситаҳои илмии таҳқиқот таҳия ва фарзияи корӣ мухтасар ифода карда шуд.

**Дар марҳилаи дуюм** *(2018-2019)* усулҳо ва моделҳои асосии истифодаи технология ва барномаҳои компютерӣ баррасӣ гардида, ҷанбаи ташкилию техникии он, инчунин нақши алоқаҳои байнифаннӣ дар соҳаи таҳсилоти фарогири муассисаи томактабии махсус омӯхта шуд. Модели унсурҳои мантиқию мазмунии истифодаи технология ва барномаҳои компютерӣ дар низоми таҳсилоти фарогир дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян гардид. Хусусиятҳои методология, нақшаи омодагӣ ва истифодаи технология ва барномаҳои компютерӣ омӯхта шуда, қисмати ташкилию технологии методикаи умумии истифодаи технология ва барномаҳои компютерӣ, ки барои низоми таҳсилоти олии

касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳсилоти фарогири муассисаҳои таълимии томактабии махсус қобили қабул аст, таҳия гардид.

**Дар марҳилаи сеюм** *(2020-2022*) ҳуҷҷатҳои оморӣ ва ҳисоботии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таълимии томактабии махсус, инчунин қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф омӯхта шуда, таҳқиқотҳои мавҷуда ва пештар гузарондашудаи баҳодиҳии самаранокии татбиқи истифодаи технология ва барномаҳои компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таҳлил ва ташхис гардид. Дар ҳамин асос маълумоти гирифташуда таҳлилу тафсир ва коркарди омории маводи таҳқиқот гузаронида шуд, инчунин тавсияҳои амалӣ ва натиҷаҳои умумии таҳқиқот пешниҳод гардиданд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Рисолаи мазкур барои соҳаи таҳсилоти фарогир, аз ҷумла логопедияи ватанӣ роҳи нави таҳқиқотро мекушояд, яъне коркарду таҳия ва истифодаи самараноки барнома ва технологияҳои компютерӣ раванди тайёрии касбии донишҷӯ-логопед, ҳангоми кор бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро таъмин хоҳад кард.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқотро асосан дар таълими фанни «Логопедия», аз ҷумла қисмати «Алалия», ки минбаъд ба омӯзиши корҳои ислоҳи бо кудакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ ва масъалаҳои назариявии таълими логопедия бо истифодаи барнома ва технологияҳои компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат мекунанд, истифода бурдан мумкин аст (консепсияи муносибати системанок ба омӯзиш ва ислоҳи нуқсонҳои нутқӣ (Т.В.Розанова, Т.А.Власова); муносибати фаъолона ба таълим (Л. С. Виготский, А.Г.Зикеев, Л.П.Носкова, К.Г.Коровин); консепсияи истифодаи барнома ва воситаҳои таълимии компютерӣ (Е.Л.Гончарова, Т.К.Королевская, В. В. Давидов, О.И.Кукушкина, В. В. Рубтсов ва дигарон).

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаи асосии диссертатсия китобҳои дарсӣ, матни автореферат ва диссертатсияи илмии муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ истифода шудаанд. Дар баррасии масъалаҳои нутқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ таҳқиқоти Л.С.Волкова, С.Н. Шаховской, Рау Ф.А., Маҷидова Б., Иматзода Л.М., Туронов С.Ш., Обидова М.И., Дадобоева М.С., Котибова Ш.П. ва оид ба истифодаи технологияи иттилоотӣ диссертатсияҳои Лопатина Л.В., Моисеев В.Б., Назарова Н.М., Шарипов Х., Мирзоев Ш. ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ** дар асоси хусусияти мавзуъ, объект ва вазифаҳои таҳқиқот интихоб гардида, иборат буданд аз ташхис, батартибдарорӣ ва ҷамъбасти маълумоти адабиётӣ, методи лоиҳавӣ, озмоиши таълимӣ ва эксперименталӣ, ташхиси миқдорию сифатии натиҷаҳои онҳо.

**Пойгоҳи таҳқиқотиро** заминаҳои факултети «Психология ва таҳсилоти фарогир»-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ (20 нафар донишҷӯёни ихтисоси логопедия), Маркази офиятбахшии "Инсайд (10 нафар) ва Ташкилоти ҷамъиятии "Чашмаи Умед" (10 нафар) ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он таҷассум меёбад, ки:

- бори аввал раванди ташаккули заминавии қисмати асосии фаъолияти касбии донишчу-логопед, яъне маҳорати таҳлил ва гурӯҳбандии нуқсонҳои нутқӣ, аз ҷумла алалия дар сохтори нуқсонҳои нутқии гуногуни кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз барнома ва технологияҳои компютерӣ пешниҳод гардид;

- нақш, мавқеъ ва вазифаҳои барнома ва технологияҳои компютерӣ дар ин раванд асоснок гардидаанд;

- барномаи намунавии компютерии барои ин раванд зарур коркард гардид (тасвирӣ-намоишӣ, таълимӣ ва ғ.);

- бо воситаи озмоиш сифатнокии истифодаи барномаи намунавии компютерии коркардшуда дар ҷараёни ташаккули салоҳиятнокии

касбии донишҷӯ-логопед, ҳангоми кор бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ исбот гардид.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1.Омодагии касбии донишҷӯ-логопед ҳангоми кор бо кӯдакони нуқсонҳои нутқидоштаи синни томактабӣ (дар мисоли алалия) дар марҳилаи нав таҷдиди назар ва азнавсозии роҳҳои ташаккули маҳорати касбиро дар асоси истифодаи БТТК талаб мекунад.

2. Бо воситаи БТТК имконпазир мегарданд:

- тамошо ва гӯш кардани якчандкаратаи намунаҳои нутқи кӯдакони синни томактабии нуқсони нутқии алалиядошта дар шакли сабти аудио-видеоӣ, ки ба туфайли он дар шароити таълими аудиторӣ донишҷӯ-логопед таҷрибаи зиёди таҳлили нуқсонҳои фонетикии нутқи кӯдаконро ба даст меорад;

- истисноии идроки шунавоӣ ва биноии нутқи кӯдаки синни томактабӣ бо таъмини имкониятҳои баҳодиҳии қисмати фосилавӣ ва талаффузии нутқи нуқсондори фонетикӣ;

- дар шароити аудиторӣ таъмин намудани ташхиси логопедии якчанд ҳолатҳои махсуси кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ, дар мисоли алалия, мутахассис бо интихоби кушоди пайдарҳамиву мундариҷаи амалӣ, бо тафтиши автоматиии натиҷаҳои ташхиси гузаронидашуда, метавонад ислоҳнамоии мустақилонаи хатоиҳои роҳдодашуда ва азнавтафтишнамоии автоматӣ ба роҳ монад.

3. Ворид намудани барномаи компютерии коркардшудаи «Машғулияти ислоҳи алалия бо воситаи бозии компютерӣ» ба раванди таълим имоконият медиҳад, ки яке аз қисматҳои фаъолияти касбии донишҷӯ-логопед маҳорати ошкорсозӣ ва гурӯҳбандии нуқсонҳои фонетикӣ дар сохтори нуқсонҳои гуногуни нутқӣ, дар кӯдакони синни томактабӣ ташаккул ёбад.

**Аҳамияти назарияви таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар диссертатсия дар асоси БТТК маҳорат ва малакаи корҳои ислоҳии донишҷӯ, мутахассиси оянда - логопед ҳангоми кор бо кӯдакони синни томактабии

нуқсони нутқидошта ташаккул дода шуд: мураттибии равиши ҳадафҳо, вазифаҳо ва маҷмӯи принсипҳо, мундариҷаи таълим, шароитҳои педагогӣ, давраҳои пажӯҳиши озмоишӣ ва меъёрҳо дар самти баҳодиҳии маҳорат ва малакаҳои ҳосилшуда гузаронида шуд. Истифодаи БТТК дар ташаккули раванди таълими донишҷӯ-логопед баррасӣ шуда, истифодаи усулҳои фаъоли таълим бо истифодаи БТТК дар асоси равияи шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ коркард карда шуд, то ки давраҳо ва механизмҳои ташаккули қобилият ва малакаҳои номбурда дар мутахассисони ояндаи ихтисоси дефектология, аз ҷумла логопедия мавриди амал қарор гирад.

**Аҳамияти амалии** таҳқиқотро методикаи аз лиҳози бунёдӣ-назариявӣ асосноккардашуда ва аз лиҳози озмоишӣ санҷидашудаи ба роҳ мондани корҳои ислоҳи бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ бо истифода аз БТТК дар ихтисосҳои дефектологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, ки ба ҳалли масъалаи баланд бардоштани самарабахшии ташкили раванди корҳои ислоҳӣ нигаронида шудааст, ташкил медиҳад. Барномаи коркардшудаи муаллиф вобаста ба пажӯҳиши таҷрибавӣ-озмоишӣ барои осону шавқовар намудани раванди корҳои ислоҳӣ бо кудакони нуқсони нутқидоштаи синни тоамктабӣ бо истифода аз БТТК дар самти таълими логопедияи донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба амалӣ сохтани донишҳои махсуси логопедӣ, маҳорат ва малакаҳои донишҷуѐни факултетҳои ихтисосҳои дефектологӣ ва салоҳиятмандии касбии онҳо мусоидат мекунад; натиҷаҳои пажӯҳиш ҳамчунин дар барномаи таҳияшудаи муаллиф (Барномаи таълимӣ-ислоҳии “Заргӯши доно”) минбаъд ба барнома, силлабус ва мундариҷаи машғулиятҳои курси “Логопедия” ворид хоҳад гардид. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои кори диссертатсиониро донишҷӯ-дефектолог, аз ҷумла логопед ва омузгорони дар самти дефектология таълимдиҳандаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии самти омузгорӣ метавонанд васеъ истифода баранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** таъмин мегарданд: бо заминаҳои методии таҳқиқот; бо маҷмуиятнокӣ ва мувофиқии методҳои таҳқиқот ба вазифаҳои гузошташуда, инчунин мутобиқатии натиҷаҳои ташхиси миқдориву сифатӣ; бо мутобиқнамоӣ ва истифодаи самарноки БТТК дар раванди таълим ва омодагии касбии донишҷӯ-логопед, ҳангоми кор бо кудакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия): банди 2 – Таҳлил ва пешгӯии рушди низоми таълиму тарбияи кӯдакони дорои нуқсонҳои гуногуни инкишоф, банди 5 – Таҳияи технологияҳои педагогӣ барои муайян кардани мазмуни талаботи махсуси таълимии кӯдакон, наврасон ва калонсолони дорои нуқсонҳо ва нуқсонҳои гуногуни инкишоф; банди 6 – Назария ва амалияи таҳия ва истифодаи воситаҳои компютерӣ барои тарбияи инкишоф ва ислоҳӣ нигаронидашудаи кӯдакон, наврасон ва калонсолони дорои инҳирофҳои гуногун ва нуқсонҳои инкишоф мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки дар заминаи омӯхтан, таҳлил намудани тадқиқоти илмии олимони хориҷию ватанӣ, заминаҳои назариявию амалӣ, таҷрибаи муассисаҳои кишварҳои пешсаф дар соҳаи таҳсилоти фарогир имконияти таъмини дастгирии компютериро дар ташаккули донишу малака ва маҳоратҳои касбии донишҷӯёни ихтисоси логопедия, ҳангоми кор бо кудакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ муайян намуд: бо таҳияву коркарди барномаи компютерии «Машғулияти ислоҳи алалия бо воситаи бозии компютерӣ» ва бо ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ аҳамияти истифодаи воситаҳои технологиро дар таъмини муҳити омӯзишӣ ва самаранокии омодасозии донишчу-логопед,

ҳангоми кор бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ муқаррар намуд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар ҷараёни конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалии илмӣ-амалӣ, тренингҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳо оид ба масъалаҳои назария ва амалияи омӯзишу парвариш; гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласа ва семинарҳои илмӣ-методии факултети психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва Маркази технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионии Коллеҷи омӯзгории назди ДДК ба номи А.Рӯдакӣ; маърӯзаҳо дар конференсияҳои солонаи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорони ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва ДДК ба номи А.Рӯдакӣ; суханронӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ доир ба назария ва методикаи таълими донишҷӯёни ихтисосҳои информатика ва дефектология, аз ҷумла логопедон.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муаллиф аз рӯи мавзуи таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақоларо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (“Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ”, “Паёми ДМТ”, “Паёми ДДК ба номи А.Рӯдакӣ”) ба нашр расонд. Инчунин мазмуни кори диссертатсионӣ дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ пешниҳод ва баррасӣ шуд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи илмии мазкур ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйихати адабиёт ва замимаро дар бар мегирад. Ҳаҷми кор аз 188 саҳифа иборат буда, дар он 25 расм, 3 ҷадвал ва 1 диаграмма ҷой дода шудаанд.

# БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ПЕДАГОГИИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ КӮДАКОНИ НУҚСОНИ НУТҚИДОШТАИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

## 1.1. Таснифот ва гурӯҳбандии психологӣ - педагогии кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ

Давраи барвақти бачагӣ дар инкишоф ёфтани нутқ давраи мусоид ба ҳисоб меравад, ки онро «давраи сензитивии инкишофи нутқ» меноманд, зеро дар ин синнусол раванди инкишофи нутқ нисбат ба дигар равандҳо дар марказ меистад [104].

Инкишофи нутқи кӯдак пеш аз ҳама аз муносибати калонсол вобаста аст, зеро муоширати калонсол ба инкишофи нутқи кӯдак таъсир мерасонад. То 1-солагӣ дар кӯдак нутқи ғайрифаъол пайдо гардида, бо имою ишора зоҳир мегардад. Масалан: кӯдак бо даст ва ё ангушт ба ашёи дар атроф буда ишора мекунад, ки ин ишораро танҳо модар ва шахсони наздик мефаҳманд. Нутқи ғайрифаъол то 1 - 1,5 - солагӣ давом мекунад ва баъдтар ба ҷои он нутқи автономӣ пайдо мешавад. Нутқи автономӣ аз иборахое иборат аст, ки дар нутқи калонсол истифода намешаванд, яъне чунин намуди нутқ бо калима, ҳиҷоҳое ифода меёбад, ки кӯдак дар аввали нутқронияш аз онҳо истифода мебарад (мисол: ка - ка, ти - ти, ба - ба, ҷиза, ло-ло, па-па, кха ва ғайра).

Бо мурури вақт нутқи кӯдак бо калимаҳои фаҳмо пурра мегардад, ки талаффузи онҳо барои кӯдак осон аст. Нутқи пайдошуда ба вазъият нигаронида шудааст - кӯдак ашёеро мебинад ва ба он ишора намуда «те», «гир» мегӯяд, яъне ишора калимаро пурра мекунад. Талаффузи ин калимаҳо барои кӯдак фаҳмову осонтар аст ва чунин намуди нутқ аз калимаҳои сода иборат аст. Минбаъд давраи дукалимагӣ (аз рӯи ақидаҳои Штерн) ба вуҷуд меояд, ки он аз ду калима иборат аст, масалан, «об те», «дада омад» ва ғ. [151] . Дар сесолагӣ бошад, муоширате пайдо мешавад, ки аз якчанд калимаҳо иборат аст, дар ин давра кӯдак метавонад ҳикояҳои кӯтоҳро нақл кунад, асосҳои имлоии нутқро аз худ карда, бо забони модараш гап занад. Дар сесолагӣ дар кӯдакон нутқи алоқанок пайдо

мешавад, яъне нақл кардан бо истифодаи бисёр калимаҳое, ки бо ҳам алоқамананд. Бояд қайд намуд, ки нутқи алоқанок аз нутқе, ки ба вазъият нигаронида шудааст, фарқ мекунад. Қаблан, ки кӯдак ашёи атрофро аз назар гузаронида дар бораи он гап мезад, минбаъд ашёро нодида дар бораи он нақл мекунад. Ин раванд бо инкишофи тафаккури аёнӣ - амалӣ (ашёро мебинад ва онро мегирад), аёнӣ- образӣ ва хотири образӣ (образи ашёро дар хотир нигоҳ дошта, пас аз рӯи образ гап мезанад) алоқаманд аст. Масалан, кӯдак қандро дида « ба ман деҳ» мегӯяд, минбаъд образи қанд дар хотир нигоҳ дошта мешавад - « ба ман қанд деҳ» мегӯяд. Дар ин давраи синнусолӣ овози фонематикӣ ва артикулятсионӣ ҳоло ба қадри кифоя инкишоф наёфтааст. Ба моҳияти инкишофи нутқи кӯдакон сарфаҳм нарафтани аксарияти падару модарон сабаби нодуруст инкишоф ёфтани нутқи кӯдак мегардад. Муносибат кардан бо лафзи кӯдакӣ ё худ бо лафзи ширин бо кӯдак, сабабгори минбаъдаи нодуруст талаффуз кардани аксарияти овозҳо мегардад (мисол: р, к, г, д, т, ч, ш).

Дар охири 3 - солагӣ нутқи кӯдак пурра инкишоф ёфта, захираи луғавӣ мавҷуд аст ва нутқ аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст сохта шудааст.

Дар давраи томактабӣ хусусияти нутқ чунин сохтор дорад: [105]

Нутқи алоқаноки монологӣ: ин нутқ пурра, муфассал ва мустақил буда, дар инкишофи психикии кӯдакони ин давра мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Нутқи кӯдак дар аввал аз аёният ва амалҳои кӯдак бо ашё вобаста буда, баъдтар ин вобастагӣ канда мешавад. Нутқ дар шакли шартӣ - хаёлӣ сохта мешавад, ки амалҳои фикриро талаб мекунад. Дар инкишофи нутқ як қатор дигаргуниҳо ба вуҷуд меоянд: нутқ аз вазъияти аёнӣ ҷудо мешавад; дар нутқ банақшагирӣ пайдо мешавад ва нутқи ботинӣ ба вуҷуд меояд. Дар охири 5 - солагӣ вазифаи дигари нутқ пайдо мешавад: сараввал он чун воситаи муошират истифода гардида, вазифаи муоширатиро иҷро менамояд, минбаъд вазифаи банақшагирии нутқ пайдо мешавад (кӯдак пешакӣ чӣ гуфтанашро ба нақша мегирад).

Жан Пиаже ҳангоми гузаронидани таҷриба намуди дигари аҷиби нутқи кӯдаконро мушоҳида кард: гарчанде кӯдакон ҳангоми расмкашӣ дар

борай расми кашидаи худ байни ҳамдигар муошират кунанд ҳам, вале диққати онҳо ба якдигар равона нагардида буд. Ин гуна нутқро Пиаже «нутқи эгосентрикӣ» номид, ки маънои нутқи ба худ мутамарказонидашударо дорад, барои нутқи мутамарказонидашуда ҳатман ҳамсуҳбат ва шунаванда лозим аст (ин намуди нутқ дар калонсолон низ мавҷуд аст) [49].

Дар синни сесолагӣ вақте кӯдак пурра нутқро азхуд мекунад, ҷаҳиш дар инкишофи кӯдак ба мушоҳида мерасад: шакли калимагии тафаккур ва хотир пайдо мешавад. Дар ин давра таълим шакли асосии азхуд намудани муносибати фарҳангӣ ва маънавӣ ба ҳисоб меравад, яъне таълим чӣ гуна пешниҳод шуда бошад, инкишоф низ чунин мешавад. Ба ақидаи Л.С. Виготский на ҳама шакли таълим пешбарандаи инкишоф аст, яъне танҳо ҳамон таълим метавонад пешбарандаи инкишоф бошад, агар дар он кӯдак барои худ чизи наверо, ки рафтор ва амали ӯро дар оянда тағйир диҳад, гирифта бошад [25]. Масалан, калонсол афсона мехонад, кӯдак онро мувофиқи дарки худ бо иловаҳо нақл мекунад.

Дар 5 - солагӣ нутқ вазифаи банақшагириро иҷро мекунад, нутқи дохилӣ инкишоф меёбад, ки хусусияти хосро дорад: кӯдак ҳангоми банақшагирӣ бо овози баланд гап мезанад, онро ба шахси дигар равона месозад ва худ ба худ гап мезанад, ин намуди нутқро « нутқи ботинӣ» мегӯянд, ки барои он шунаванда лозим нест. Ба воситаи чунин нутқ кӯдак на танҳо муошират мекунад, балки фаъолияти худро низ ба нақша мегирад.

Ҳар як давраи синнусолӣ дар кӯдак навовариҳо ба вуҷуд омада, ӯ аз рӯи хислат ва андоза тағйир меёбад, яъне мувофиқи таълимоти Л.С.Виготский ҳар як синнусоли минбаъда аз пештара бо навгониҳои ба худ хос фарқ мекунад [26].

Дар ҳар як давраи инкишофи синну солӣ фаъолнокии кӯдак бо амалҳои ӯ вобастагӣ дошта ва он зина ба зина такмил меёбад. Масалан, ҳаракатҳои дасту пой, рефлекс, роҳгардӣ, аз худ кардани нутқ, мустақилона иҷро кардани амалҳои худхизматрасонӣ, якҷоя бозӣ кардан,

ба муоширати нутқӣ дохил шудан, дар машғулиятҳо иштирок кардан ва ғайра.

Ҳамин тавр, дар инкишофи психикаи кӯдак омилҳои биологӣ, муҳити табиию иҷтимоӣ, таълиму тарбия ва фаъолнокии кӯдак нақши назаррас дошта, қонунҳои асосии икишофи психика ба онҳо вобастагӣ дорад.

Инкишофи психикии кӯдакони вайроншавии нутқидошта тарзи муайяни инкишоф мебошад, ки дар шароитҳои махсуси байниҳамдигарӣ бо олами атроф ба амал меояд. Ин намуди норасоии аввалиндараҷаи вайроншавии марказҳои нутқронӣ метавонад ба инкишоф наёфтани функсияҳое, ки бо ҳам зич алоқаманданд оварда расонад, инчунин, суръати инкишофи дигар функсияҳои бо нутқ алоқамандро суст мегардонад. Вайроншавии инкишофи функсияҳои хусусии психикӣ дар навбати худ ба боздории инкишофи психикии кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ оварда мерасонад.

Инкишофи психикии кӯдакони вайроншавии нутқидошта ва инкишофи психикии кӯдакони муқаррарӣ ба қонунҳои муайян тобеъ мешаванд, ки ин қонунҳо аз рӯи нишонаҳои биологӣ ва иҷтимоӣ тавсиф дода мешаванд.

Қонуни якум. Дар илми логопсихология ба ҳисоб гирифтани таносуби омилҳои биологӣ ва иҷтимоӣ дар ҷараёни инкишофи психикии кӯдак хеле муҳим дониста мешавад. Ба омилҳои биологӣ хусусиятҳои инкишофи системаи асаб, ки типи мизоҷро муайян менамояд; заминаҳои қобилиятнокӣ - умумӣ ва махсус тааллуқ доранд. Ба ҳаёти минбаъдаи кӯдак шароитҳои давраи дохилибатнӣ - нуқсони инкишофи мағзи сар, ки дар натиҷаи тағйирёбии генҳо ба вуҷуд меояд, вайроншавии дохилибатнии инкишоф, осебҳо ва захмҳо ҳангоми таваллуд низ таъсир мерасонанд.

Омилҳои иҷтимоӣ дар якҷоягӣ хусусияти сиёсати давлатдорӣ, анъанаҳои фарҳангӣ, дин, дараҷаҳои инкишофи илму санъат ва муносибатҳои ҷамъиятро, ки дар он кӯдак ба воя мерасад, дар бар мегирад. Муҳити иҷтимоӣ ва табиате, ки инсон онро тағйир додааст, ҳамчун сарчашмаи инкишоф буда, низоми таълим ва тарбияи ҷамъ-иятро муайян

менамояд. Омӯхтани таҷрибаи иҷтимоӣ дар ҳамаи намудҳои фаъолият муоширaт, бозӣ, таълим, меҳнат ба роҳ монда мешавад. Кӯдакон ин таҷрибаро на мустақилона, балки бо ёрии калонсолон аз худ менамоянд.

Дар ҷараёни инкишоф ягонагӣ ва таъсири мутақобилаи омилҳои биологӣ ва иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад, ки Л.С.Виготский ин ягонагиро бо ду хусусияташ тавсиф додааст.

Якум, ҳар як омил дар ташаккули функсияҳои мураккаби психика нақши муайянро иҷро менамояд. Дар ташаккули функсияҳои на он қадар мураккаб (мисол эҳсосот) нақши омилҳои биологӣ ва ирсият назаррас аст. Дар инкишофи функсияҳои олии психика (мисол хотири ихтиёрӣ, тафаккури абстрактӣ ва аёнӣ) мавқеи муҳимро омилҳои иҷтимоӣ ишғол менамояд. Ҳар қадаре, ки функсияҳо мураккаб бошанд, ҳамон қадар вақти зиёд барои ташаккули он талаб карда мешавад ва таъсири омилҳои иҷтимоӣ, шароити таълиму тарбия зиёд мегардад.

Дуюм, ягонагӣ ва таъсири мутақобилаи омилҳои биологӣ ва иҷтимоӣ дар ҷараёни инкишоф тағйир меёбанд, яъне вобаста аз давраҳои синнусолӣ. Нақши ҳар як омилҳо дар инкишофи ҳамон як функсия гуногун аст [26].

Вайроншавии нутқӣ зери таъсири биологӣ, ба монанди ирсият, патология ҳангоми таваллуд, вайроншавии марказҳои нутқронии мағзи сар ва ғайра ба вуҷуд меояд. Донистан ва ба назар гирифтани вақти пайдоиши нуқсон аҳамияти калон дорад, зеро ҳамон як сабаб, дар давраи гуногуни онтогенезӣ амал намуда, ба оқибатҳои гуногун оварда мерасонад. Хусусияти асосии давраи кӯдакӣ нисбат ба калонсолӣ иборат аст аз: нопурра инкишоф ёфтани сохтори мағзи сар, ҷузъиёти алоҳидаи ташаккулнаёфтаи психика, чандирии системаи асаб ва имкониятҳои барқароршавии он. Барои барқароршавии вайроншавиҳои нутқӣ омилҳои иҷтимоӣ - шароити тарбияи оилавӣ, таҷрибаи эмотсионалии кӯдак дар давраҳои аввали онтогенезӣ, дараҷаи маълумотнокии волидайн, саривақт муроҷиат кардан ба мутахассис ва дараҷаи иштирок дар корҳои ислоҳӣ аз аҳамияти холӣ нест.

Қонуни дуюм. Қонуни умумие, ки дар инкишофи психикии кӯдакон ифода мегардад, аз ташкили мураккаби муҳлати он аз тартиби муайяни дар ҳар як давраи синну солӣ тағйир ёбанда, мундариҷаи муайяни аз хусусиятҳои ташаккули организм вобаста буда, аз шароитҳои ҳаёт ва таълиму тарбияи кӯдак иборат аст. Ҷараёни гузариш аз як зина ба дигар зинаи инкишофи психика дигаргуниҳои тамоми сохтори ҷузъиёти психикаро ба вуҷуд меорад, яъне синнусоли психологӣ ин зинаи муайян ва сифатан ба худ хоси онтогенезӣ мебошад.

Қонуни сеюм. Нобаробарии инкишофи психикаи кӯдакон аз инкишофи фаъоли мағзи сар дар давраи муайяни ҳаёт ва ташаккули функсияи психика дар асоси дигар функсия вобаста аст. Ҳангоми гузариш аз як давра ба давраи дигари синну солӣ алоқаҳои байнифунксионалии мураккаб зиёд мешаванд, аз ин ҷост, ки ҳар як давраи синну солӣ бо таъсирпазирии баланд нисбат ба таъсироти педагогӣ тавсиф дода мешавад, (чунин давраҳоро давраҳои сензитивӣ меноманд). Дар ҳар як давраи синну солӣ азнавсозии робитаҳо ва таъсироти мутақобилаи функсияҳои психика ва тағйироти таносубӣ байни онҳо ба вуҷуд меоянд. Хусусиятҳои давраи сензитивиро бо таъсири бештари таълим ба функсияҳои психикии ташаккулёбанда муайян кардан мумкин аст, зеро дар ин давра функсияҳо чандир, қаиш ва ёзандаанд. Ба ҳисоб гирифтани давраи сензитивӣ дар инкишофи психика аз 1 то 3 - солагӣ ҳангоми ташкили корҳои ислоҳии инкишофи психикаи кӯдакони нуқсонҳои нутқидошта хеле зарур аст.

Қонуни чорум доир ба тағйирёбии инкишофи кӯдак. Психикаи кӯдак дар ҳар як давраи синну солӣ хусусияти ба худ хос дорад, ки ин натиҷаи азнавсозии муносибатҳои мутақобилаи байнифунксионалӣ, равандҳои интегратсионие, ки дар инкишофи кӯдак ба вуҷуд меояд, мебошад. Мувофиқати ҷараёни эволютсионӣ ва инволютсионӣ дар давраи нави инкишоф сабаби азхуд кардан, ба вуҷуд омадани навовариҳо ё ҳатто аз байн рафтан, нест шудани он чизе, ки дар давраи қаблӣ ташаккул ёфтааст, шуда метавонад.

Қонуни панҷум инкишофи функсияҳои олии психикӣ мебошад, ки дар аввал ҳамчун шакли дастаҷамъонаи рафтор, ҳамкорӣ намудан бо дигар одамон, хусусан бо калонсолон ба вуҷуд омада, минбаъд ба функсияи ботинии худи кӯдак табдил меёбад. Функсияҳои олии психика - таъсиси бонизом, мураккаб ва аз рӯи пайдоишаш иҷтимоӣ мебошад; ки дар натиҷаи аз худ кардани олотҳои иҷтимоӣ, воситаҳое, ки дар ҷараёни инкишофи таърихии ҷамъиятӣ ба вуҷуд омадаанд, ташаккул ёфтаанд. Сохтори пештараи функсияҳои психикии «натуралӣ» ба «фарҳангӣ» табдил ёфта, дорои хусусиятҳои шуурнокӣ, ихтиёрӣ ва бевосита мегардад [26].

Инкишофи психикии кӯдакони вайроншавии нутқидошта ба ҳамон қонуниятҳое, ки ба инкишофи кӯдакони вайроншавиҳои гуногуни психикӣ доранд хос аст, тобеъ мешаванд. Кӯдаконе, ки дар инкишофи худ вайроншавиҳои гуногун доранд, дар муносибат бо муҳити атроф ба мушкилӣ дучор мешаванд, дар онҳо хусусиятҳои хос дар инкишофи шахсият ва худшиносӣ ба назар мерасад. Таҳлили хусусиятҳои инкишофи психикаи кӯдакони вайроншавиҳои гуногундоштаро бо мафҳуми нуқсон ифода менамоянд, ки ин мафҳумро нисбат ба чунин кӯдакон Л.С.Виготский муайян кардааст. Ноқисии дуюмдараҷаи аз меъёр зиёд, хусусияти бонизом дорад, тамоми сохтори дохилифунксионалиии муносибати мутақобиларо тағйир медиҳад, хусусан агар нуқсони дуюмдараҷаи аз меъёр зиёд ба нуқсони якумдараҷа наздик бошад, ислоҳ намудани он низ душвортар мегардад [24].

Масалан, аз меъёр зиёд будани талаффузи нутқи кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ бо вайроншавии шунавоӣ зич вобаста аст, аз ин сабаб ислоҳи он душвор аст. Инкишофи дигар паҳлӯҳои нутқ дар як сатҳ бо вайроншавии шунавоӣ қарор надорад, аз ин сабаб ислоҳи он осонтар аст (мисол захираи луғавӣ на танҳо дар асоси муоширати шифоҳӣ, балки бо туфайли хондану навиштан низ ғанӣ мегардад).

Аз меъёр зиёд будани нуқсони дуюмдараҷа асоси ислоҳкунии инкишофи педагогӣ - психологиро дар ҳолати вайрон шудани нутқ ташкил

медиҳад. Зарурати ислоҳи барвақтии вайроншавиҳои дуюмдараҷа бо хусусиятҳои инкишофи психикии кӯдак вобаста аст. Агар кӯдаки нуқсони нутқидошта сари вақт ба таълиму тарбия фаро гирифта нашавад, муайян ва барқарор кардани нуқсон мураккаб гардида, корҳои махсуси бартарафнамоии вайроншавиҳоро талаб менамояд. Дар ҷараёни инкишофи психика муносибатҳои тартибот байни вайроншавиҳои аввалиндараҷа ва дуюминдараҷа тағйир меёбанд. Нуқсонҳои аввалиндараҷа монеаи асосии ба таълиму тарбия фаро гирифтани кӯдак мегарданд. Дар давраҳои минбаъдаи ба вуҷуд омадани вайроншавиҳои дуюмдараҷа, инкишофи психика нақши пешбарандаро иҷро менамояд ва ба мутобиқшавии иҷтимоии кӯдак монеа ба вуҷуд меорад.

В.В.Лебединский натиҷаи таҳқиқотҳои психолог, дефектолог ва психиаторҳоро ҷамъбаст карда, чунин намуди вайроншавиҳои инкишофи психикиро пешниҳод кардааст:

- пурра инкишоф наёфтан;
- боздории инкишоф;
- инкишофи номувофиқ;
- ғалат дар инкишоф;
- осеб дар инкишоф;
- норасоӣ дар инкишоф [109].

Мураккабии гурӯҳбандии вайроншавиҳои нутқӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин вайроншавиҳо ба кадом намуди дизонтогенез тааллуқ доранд. Дизонтогенез - организми инкишофнаёфта ва ё дар инкишофи организм ба вуҷуд омадани нуқсон аст. Онро аз рӯи этиология ба ирсӣ, пайдошуда, органикӣ ва функсионалӣ; аз ҷиҳати мураккабии вайроншавии сохтор ва механизмҳо ба оддӣ ва мураккаб ҷудо мекунанд.

Масалан, агар лакнатзабонӣ бо сабаби ирсият пайдо шуда бошад, ба боздории инкишоф оварда мерасонад, агар лакнатзабонӣ ҳамчун вайроншавии функсионалӣ бошад, осебҳоро дар инкишоф ба вуҷуд меорад.

Шаклҳои омехтаи нуқсонҳо вазъиятро боз мураккабтар гардонида, ташхиси психологии иловагиро талаб менамоянд.

Ҳар як нуқсони нутқӣ метавонад ба намудҳои гуногуни дизонтогенез тааллуқ дошта бошад. Мувофиқи ақидаи И.А.Чистоградова (2002) аксари кӯдакони дорои нуқсони ҷоғу рӯй (ба меъёр мувофиқат накардани сохти ҷоғи поёнӣ, ҷоғи болоӣ, ком, дандонҳо, бинӣ ва ғ.) бештар ба намуди нуқсони нутқии ринолалия гирифторанд ва дар инкишофи психикии онҳо як қатор ҳолатҳои осеби психологӣ дида мешавад, ки он натанҳо бо ҷароҳат (тарс, дард), инчунин бо нуқсонҳои намуди зоҳирӣ алоқаманд аст [145].

Маҳорати муайян карда тавонистани хусусиятҳои дизонтогенезӣ ҳангоми вайроншавиҳои гуногуни нутқӣ ба логопед лозим меояд, ки ҷойи вайроншавиро дар сохтори нуқсон ва механизми ташаккул ёфтани онро муайян карда тавонад. Дар инкишофи психикии кӯдакони вайроншавиҳои гуногундошта қонунҳои махсусро ҷудо кардан мумкин аст (В.И.Лубовский) [135].

Дар ҳама гуна намуди вайроншавиҳо паст будани қобилияти қабул, коркард намудан, дар хотир нигоҳ доштан ва истифода бурдани ахбор мушоҳида мешавад, ки чунин пастравӣ танҳо ба давраи муайяни онтогенезӣ хос аст. Масалан, дар кӯдакони вайроншавии сабуки нутқидошта дар давраи томактабӣ ва хурди мактабӣ (аз 6 то 11 - сола) суст шудани суръати коркарди ахбор ҳангоми идроки биноӣ, айнан ва дурудароз дар хотир нигоҳ доштани маводҳои аёнӣ (образҳои ашёҳои ба кӯдакон шинос) мушоҳида карда мешавад. Дар давраҳои минбаъдаи онтогенезӣ кӯдакони вайроншавии нутқидошта аз кӯдакони муқаррарӣ қафо намемонанд, яъне дар коркарди ахбор ба онҳо баробаранд.

Дигар қонуне, ки дар кӯдакони аномалӣ (ғайримаъмулӣ) мушоҳида мешавад, мушкилоти баёни ғайримустақили муоширатӣ аст. Дар кӯдакони вайроншавии нутқидошта ин қонун метавонад характери гузаранда дошта бошад, яъне дар мавриди ташкили дурусти шароити таълим баробарвазнии бахотиргирии бавосита ва бевосита тағйир меёбад, дар

натиҷа бахотиргирии бевосита ба вуҷуд меояд. Кӯдакон усулҳои бошуурона ба хотир гирифтанро нисбат ба маводҳои аёнӣ ва шифоҳӣ меомӯзанд.

Дар кӯдакони дар инкишоф нуқсон дошта, ҷараёни ташаккул ёфтани идрок суст аст, дар кӯдакони вайроншавиҳои нутқидошта бошад, ин қонуният хусусияти муваққатӣ ва сохторӣ дорад.

Мутахассисон муайян кардаанд, ки дар давраи ташаккул ва инкишоф ёфтани нутқ бо сабабҳои гуногун зери таъсири омилҳои гуногун вайроншавиҳои нутқӣ ба вуҷуд меояд, зеро дар ин давраи синну солӣ овози фонематикӣ ва артикулятсионӣ ҳоло ба қадри кифоя инкишоф наёфтааст.

Вайроншавиҳои нутқӣ дорои хусусияти физиологӣ ва психологӣ буда, дар фаъолият ва рафтори кӯдак инъикос мегарданд. Кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқӣ аз лаҳазае, ки нуқсони худро мефаҳманд камгап, шармгин ва мардумгурез мешаванд, худро дар канор мегиранд. Аз ин рӯ, бояд ба инкишофи нутқи кӯдак сари вақт аҳамият дода, ба тозагӣ ва дурустии он диққат диҳем.

Вайроншавии нутқ - ҳамчун қафомонӣ аз меъёри нутқӣ фаҳмида шуда, пурра ва ё қисман монеаҳоро дар муошироти нутқӣ ба миён меорад ва имконияти мутобиқшавии иҷтимоии кӯдакро маҳдуд мегардонад. Вайроншавии нутқ ҷавобгӯи меъёрҳои синнусолӣ набуда, ба қафомонии психофизиологии сохтори нутқ алоқаманд аст, яъне он мустақилона бартараф карда намешавад ва метавонад ба инкишофи психикӣ таъсир расонад.

Дар ин замина П.Брок (анатом ва ҷарроҳи фаронсавӣ) ва К.Верникe (психоневропотологи олмонӣ) дар бораи вайроншавии нутқ маълумот додаанд. П.Брок нишон додааст, ки вазифаҳои муҳаррикии нутқ дар қисмати сеюми раҳҳои пешонаи нимкураи чапи (дигарон, аслан бо тарафи рост менависанду мехонанд) майнаи сар паҳн мешавад [157].




*Расми 1.1.- Ҷойгиршавии марказҳои Брок ва Верникe дар майнаи сар*

К.Верникe бошад, қисмати маркази сенсории нутқро нишон додааст, ки он дар қафои қисмати сеюми раххҳои чакаи майнаи сар ҷойгир аст [157]. Ин кашфиёт ба мубоҳисаю андешаҳои бо кадом қисмати майнаи сар алоқаманд будани системаи нутқронӣ, ки даҳсолаҳо кашол ёфта буд, хотима гузошт.

Ба андешаи як гурӯҳи олимон функсияҳои нутқронӣ бо марказҳои муайян алоқаманданд, гуруҳи дигар бошанд таъкид менамуданд, ки ба функсияи нутқ майнаи сар ба пуррагӣ ҷавобгар аст. Ҳангоми омӯзиши механизмҳои нутқии майнаи сар олимон дар бораи як қатор вайроншавиҳо, ноқисиҳои нутқ маълумот ба даст овардаанд, лингвистҳо (забоншиносон) бошанд, оид ба вайроншавии нутқ тадқиқот гузаронида, исбот намудаанд, ки омӯзиш ва таҳқиқи нуқсонҳои нутқӣ дониши моро дар бораи сохтор ва ташкили раванди нутқронии инсон такмил медиҳад.

Миёни сабабҳое, ки боиси вайроншавии нутқ мегарданд, омилҳои биологӣ ва иҷтимоиро фарқ мекунанд. Омилҳои биологии инкишофи вайроншавии нутқ омилҳои касалиоваре мебошанд, ки асосан мавриди дар батни модар будан, ҳангоми таваллуд (ҷароҳат бардоштан дар вақти таваллуд ва ғ.) ва дар моҳҳои аввали ҳаёт (сироятёбии асаб, ҷароҳатбардорӣ ва ғ.) таъсир мерасонанд.

Аз ин рӯ, вайроншавии нутқии патологӣ ва аз меъёр қафомонии нутқиро, ки бо хусусиятҳои синнусолии ташаккули нутқ ва шароитҳои муҳити беруна (омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ) пайдо шудаанд, фарқ бояд кард.

Омилҳои иҷтимоӣ - психологӣ асосан дар мавриди ба кӯдак дар як вақт якчанд забонро омӯзонидан, аз ҳад зиёд нумуъ додани инкишофи нутқӣ, бе назорати педагогӣ гузоштан, яъне диққати кифоя надодан ба муошират кӯдак бо дигарон рух медиҳад. Ба ин аз меъёр берун баромадани инкишофи нутқ ва дар аксарияти мавридҳо аз ҷиҳати иҷтимоӣ – педагогӣ ба ҳоли худ гузоштани кӯдак сабаб мешавад, ба монанди ба эътибор нагирифтани ҷараёни фикрӣ ва боздории инкишофи психикӣ. Хусусиятҳои хоси инкишофи психикии бачагони дорои шакли вазнини нутқи халалдоргардидаро пурра ташаккул наёфтани соҳаҳои эҳсосотӣ-иродавӣ (эҳсосоти васеъ фарогиранда ва тез ба ҳаяҷон омадан), паст будани қобилияти корӣ ва баъзан боздории ҳаракатдиҳандаҳо ташкил медиҳанд.

Дар натиҷаи таъсири манфии ин сабабҳо дар кӯдак вайроншавии инкишофи ҷабҳаҳои гуногуни нутқ мушоҳида мегардад.

Мутахассисони соҳаи логопедия, психология, педагогика, нейропсихология, психолингвистика проблемаҳои вайроншавии нутқро омӯхта, сабабҳои вайроншавии органикӣ, функсионалӣ ва аломатҳои тавсифдиҳандаи онро муайян кардаанд.

Ин муносибат дар таснифоти тиббӣ, психологӣ - педагогии зерин ба таври зайл дарҷ гардидааст:

Ба гурӯҳи якум вайроншавии нутқи шифоҳӣ: *афония, дисфония, брадилалия, тахилалия, лакнатзабонӣ, дислалия, ринолалия ва* анартрия мутааллиқанд.

Ба гурӯҳи дуюм вайроншавии тартибдиҳии сохторӣ - семантикии (маънои калима ва ибора) фикри баёншуда: *алалия,* афазия дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи сеюм бошад вайроншавии нутқи хаттӣ: *дислексия, алексия, дисграфия ва* аграфия дохил мешаванд.

Намудҳои вайроншавии нутқ ба фаъолияти нутқронии инсон таъсир мерасонад. кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабиро нутқи устувори бе низом алоқаманд мекунад, ки дар натиҷаи зарар дидани паҳлуҳои нутқ, ба монанди нутқи фонетикӣ-фонематикӣ, луғавӣ ва имлоӣ ба вуҷуд омадааст, ки он дар азхуд намудани дониш, ташаккули малакаҳои хондан ва навиштани кӯдак душвориҳои зиёдро ба миён меорад. Ба ин зарари таркибӣ дидани сарҳади нутқии қишри нимкураи калони майнаи сар дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи онтогенезӣ сабаб шудааст. Ва аз ҳама нуқсони ҷиддии фаъолияти психикӣ, ки дар натиҷаи ин ва ё он нуқсонҳои фикрӣ ба вуҷуд меояд, ба охири синни томактабӣ рост меояд. Таснифоти тиббӣ, психологӣ-педагогӣ аз он иборат аст, ки он дар асоси аломатҳои ниҳоии диференсионалӣ намудҳои вайроншавии нутқӣ сохта шуда, ба мутахассис имконият медиҳад, ки дар асоси муносибати дастаҷамъӣ нуқсонҳои нутқиро дар шаклҳои гуногуни ғайримуқаррарӣ муайян намояд ва таъсири логопедиро бо баҳисобгирии хусусиятҳои инфиродии кӯдак ба роҳ монад.

Агар дар кӯдак шунавоӣ ва ақлу ҳуш ба таври кофӣ ташаккул ёфта бошад, вале вайроншавии начандон ҷузъии нутқӣ, ки ба ташаккули шуури кӯдак бетаъсир намемонад, мушоҳида гардад, пас ӯро ба гурӯҳи кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ дохил кардан мумкин аст.

Нуқсонҳои нутқӣ ба зуҳуроти асабоният ва психикӣ - психопатологӣ вобастаанд, ки нишонаҳои боздории ташаккули пурраи системаи марказии системаи асаб ва зарари норавшан дидани баъзе қисми сохти майнаи сар ҳисоб меёбанд. Он дар натиҷаи бештар хароб гардидани асаб – психика, ба фаъолияти гуногун зуд банд шудан, паст будани қобилияти корӣ, зудранҷӣ, тундмизоҷӣ, боздории муҳаррикҳо, ноустувор будани эҳсосот, халалдор гардидани функсияи диққат, хотира ва ғайра пайдо мешавад. Дар чунин кӯдакон хусусиятҳои ба худ хос, ба монанди: нокифоя будани фаъолнокии психикӣ ва муоширатӣ, суст будани сафарбаркунандагӣ, мустаҳкамии

боздорӣ, майл доштан ба негативизм ва ғайраҳо мушоҳида мешаванд. Аксар вақт чунин кӯдакон аз иҷрои супоришҳои ҷиддии фикрӣ саркашӣ менамоянд, ин кӯдаконро аз гуруҳи дигари кӯдакони нуқсондошта бо шунавоии муътадили биологӣ, биноӣ ва заминаи мукаммали инкишофи зеҳнӣ фарқ мекунанд. Гурӯҳбандии ин нишонаҳо барои муайян кардани ҳудуди нуқсонҳои нутқии кӯдакони ақлан-қафомонда, нобино ва биноияшон суст, кӯдакони гирифтори аутизми барвақтӣ зарур мебошад.

Дар инкишоф додани психикаи кӯдакони шакли вазнини нуқсони нутқидошта хусусиятҳои хоси пурра ташаккул наёфтани соҳаҳои эҳсосотӣ - иродавӣ, яъне эҳсосоти васеъфарогиранда, тез ба ҳаяҷон омадан, паст будани қобилияти корӣ ва баъзан боздории ҳаракатдиҳандаҳо ба назар мерасанд.

Дар кӯдакони хурдсол захираи луғавӣ, тасаввурот дар бораи муҳити атроф маҳдуд буда, дар нутқи онҳо калимаҳои ба мавзуъҳои ҳаррӯзаи маишӣ бахшидашуда бештар истифода бурда мешавад. Аз нуқтаи назари психологӣ дар хурдсолон тафаккури аёнӣ - амалӣ ва аёнӣ - образӣ нисбат ба тафаккури мантиқӣ хеле бартарӣ дорад. Аз ин лиҳоз, ҳар қадар кӯдак хурд бошад, ҳамон қадар дар ӯ бештар тасаввуроти фикрӣ нигоҳ дошта мешавад, ноқисии фикрияш зери нуқсонҳои нутқӣ пинҳон мемонад.

Аз гуфтаҳои боло муайян кардан мумкин аст, ки нуқсонҳои нутқӣ характери гуногун дошта, аз дараҷаи ҷои зарба, вақти зарба хӯрдан ва аз нишонаҳои дуюмдараҷа вобаста аст, ки зери таъсироти нуқсони асосӣ пайдо мешаванд.

Бояд қайд кард, ки нуқсонҳои нутқии зери таъсири ягон омили сирояткунанда ба вуҷуд омада, худ аз худ бартараф намешаванд ва бе корҳои махсуси ислоҳӣ - логопедӣ метавонанд ба инкишофи минбаъдаи кӯдак таъсири манфӣ расонанд.

## 1.2. Нуқсони нутқии алалия дар кӯдакони синни томактабӣ ҳамчун объекти педагогӣ- психологӣ

Дар инкишофи нутқи кӯдакони синни томактабӣ аксар вақт дар баробари дигар нуқсонҳо нуқсонҳои гуногуни нутқӣ низ ба назар мерасанд, таҳқиқоти махсус нишонаҳои гуногуни вайроншавиҳои нутқро нишон додаанд, яъне баъзан танҳо тамоюлҳо дар инкишофи таркиби овозии нутқ ба қайд гирифта мешаванду дар ҳолатҳои дигар бошад, ташаккули тамоми таркибҳои нутқ нуқсон пайдо мекунад.

Чунин шакли вайроншавии нутқ дар логопедия ҳамчун пурра инкишоф наёфтани нутқ фаҳмида шуда, механизмҳои гуногунро дорост. Ҳангоми пурра инкишоф наёфтани нутқ ҷараёни онтогенези нутқ вайрон мешавад, зеро сохтори нуқсон мухталиф аст, яъне дараҷаҳои пурра инкишоф наёфтани нутқ гуногунанд: аз пурра мавҷуд набудани нутқ то ба пурра инкишоф наёфтани начандон намоёни он.

Маҷмуи нишонаҳои нуқсони нутқ ба шакли дуюмдараҷаи пурра инкишоф наёфтани зеҳн оварда мерасонад, ки дар натиҷа ҷараёнҳои психикӣ вайрон гардида, диққат, таваҷҷуҳ, дарк ва хотираи чунин кӯдакон номукаммал ва дар ҳиссиёту ирода ва рафтори онҳо нуқсон пайдо мегардад. Ин гуна кӯдакон якрав, инҷиқ ва бадқаҳранд, гирёнчакӣ, беқарорӣ дар ҳаракат ва ҳассосият мушоҳида мешавад.

Ба кӯдаконе, ки нутқи онҳо пурра инкишоф наёфтааст, ҳаҷми ками маълумотҳо ва тасаввурот дар бораи муҳити атроф, нокифоя будани тасаввуроти сенсорӣ ва замонию маконӣ, паст шудани сатҳи қобилияти ба хотир гирифтани маводи биноию шунавоӣ, паст шудани сатҳи маҳорати хулосабарорӣ ва муайян намудани алоқаҳои сабабу натиҷа хос аст.

Кӯдакони дар инкишофи нутқ нуқсондошта ба таъсири умумӣ ва тафриқашуда ба ҳамаи паҳлуҳои инкишофи шахсият эҳтиёҷ доранд. Кори педагогиро бо ин гурӯҳи кӯдакон дар синни барвақтӣ оғоз намудан лозим аст ва барои ноил шудан ба натиҷаҳои мусбат омӯзгор

логопед бояд тасаввурот дошта бошад, ки дар кадом замина пурра инкишоф наёфтани нутқ пайдо мешавад, нуқсонҳои ҳамрадифи неврологӣ, заминаҳои генетикӣ ва таъсири хусусиятҳои фаъолияти психологии кӯдак ба суръати инкишофи нутқ, яъне сохтори нуқсон, инчунин тарзу усулҳои кори ислоҳиро бояд донад.

Мутаассифона, вобаста ба яке аз нуқсонҳои мураккаби нутқ – алалия аз тарафи олимони хориҷӣ ба таври кофӣ омӯзишу таҳқиқот гузаронида шуда бошад ҳам, вале то ба имрӯз аз тарафи мутахассисони ватанӣ таҳқиқоту омӯзише қариб, ки ба назар намерасад.

Тавре аз сарчашмаҳои мавҷуда бармеояд масъалаи механизмҳои алалия баҳсталабанд, зеро ташаккул наёфтани сохтори ҳиҷоии калима, ки нишонаи хоси алалияи моторӣ ба шумор меравад, пурра тавсиф нашудааст, тавсияҳои методӣ оид ба ислоҳи ин нуқсон ихтилофнок ва нопурраанд. Маҳз ҳамин ҷанбаҳо муҳим будани мавзӯи рисолаи илмии мо ва аҳамияти амалии онро муайян намуданд.

Истилоҳи «алалия» дар тарҷума аз забони юнонӣ мавҷуд набудани нутқро ифода мекунад. Маълумоти таърихӣ ва сарчашмаҳои ба нуқсонҳои нутқ бахшида шуда, ба замонҳои қадим ишора мекунанд [79].

Аксарияти табибони асрҳои гузашта ҳамаи шаклҳои гум шудани нутқро зери мафҳуми алалия муттаҳид намудаанд, вале тадриҷан фарқҳои ин шаклҳо пайдо шуданд. Яке аз аввалин фарқи ин шаклҳоро И. Франк пешниҳод кард, ӯ алалияро ҳамчун гунгӣ дар натиҷаи пурра талаффуз карда натавонистан баррасӣ карда, онро ҳамчун дараҷаи дислалия муайян намуд, ки нуқсони талаффузро вобаста ба мушкилоти талаффуз дар назар дошт.

Соли 1830 Р.Шултесс алалияро нуқсони алоҳидаи нутқ номид, вале онро вобаста ба нуқсонҳои талаффуз баррасӣ мекард.

Солҳои 60-и асри XX истилоҳи «афазия» васеъ паҳн шуд, ки ҳолатҳои гум шудани нутқро мефаҳмонд. Баъзе мутахассисони хориҷӣ мафҳумҳои «афазия» ва «алалия» -ро зери истилоҳи умумии «афазияи

кӯдакона» муттаҳид карда, хусусияти пурра инкишоф наёфтани нутқи кӯдаконро ба фарқ аз гум шудани нутқи калонсолон таъкид намуданд.

Танҳо дар солҳои 30-и асри гузашта мафҳумҳои «алалия» ва «афазия» пурра фарқ карда шуданд: алалия – инкишоф наёфтани нутқ, афазия – гум шудани нутқ, минбаъд ин фарқ тасдиқ шуд ва онро аксарияти муҳаққиқон эътироф намуданд.

Дар таҳқиқ ва омӯзиши алалия Г. Гутсман (1894), А. Либман (1900), М. В. Богданов – Березовский, баъдтар М. Е. Хватсев, Н. Н. Трауготт, В. В. Орфинская, Р. Е. Левина, Е. Ф. Соботович, В. А. Ковшиков ва муҳаққиқони дигар саҳми назаррас гузоштанд.

Дар асарҳои минбаъда муҳаққиқон ба методологияи маҷмуи нишонаҳои таҳлили нуқсон такя мекунанд, яъне сохтори нуқсонро дар алалия таҳлил карда, меъёрҳои гуногунро истифода бурданд: физиологӣ, тиббӣ, психологӣ, лингвистӣ ва ғайра ва ин имкон дод, ки шаклҳои гуногуни алалия муайян ва методикаи таъсири логопедӣ таҳия гардад.

Сабабҳои пайдоиши алалия гуногунанд, ба андешаи баъзе муҳаққиқоне, ки дар охири асри XIX ва аввали асри XX ба таҳқиқот машғул буданд, ҷараёнҳои патологии илтиҳобӣ ё алиментарию трофикии мубодила, ки дар дохили батн ё дар давраи барвақтии инкишоф рӯй медиҳанд, асоси пайдоиши алалияро ташкил медиҳанд. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон алалияро натиҷаи нокифоя будани таваҷҷуҳ ва хотира мешумориданд (А. Трейтел, соли 1901) ё онро ба нопурра будани нутқ ва камақлӣ вобаста медонистанд (А. Либман, соли 1901).

Дар замони муосир сабабҳои зерини пайдоиши алалия муайян шуданд. Дар байни омилҳои этиологӣ энсефалит, менингит ва заҳролудшавии ҷанин дар дохили батн, асфиксияи навзодон, осебҳои майнаи сар дар дохили батн ё дар давраҳои барвақтии ҳаёт, бемориҳо дар кӯдакии барвақтӣ бо оризаҳои майнаи сар ва ғайраро ҷудо мекунанд.

Вайроншавии дохилибатнӣ ба иллати омехтаи моддаҳои майнаи сар оварда мерасонад, осебҳои майнаи сар дар вақти таваллуд ва асфиксияи навзодон ба нуқсонҳои маҳдуд сабаб мешаванд, ин иллатҳои минтақаҳои гуногуни қишри майнаи сар ба нуқсонҳо дар узвҳои вазифавии нутқ ва ғайринутқ оварда мерасонанд.

Мувофиқи мушоҳидаҳои баъзе муҳаққиқон (С. С. Корсаков, Н. И. Красногорский, Ю. А. Флоренская) бемориҳои ҷисмонӣ ҳам ба алалия сабаб шуда метавонанд, зеро онҳо таъсири сабабҳои вайроншавии хусусияти неврологидоштаро, ки асосӣ ба шумор мераванд, дучанд мекунанд [80].

Муҳаққиқони дигар (Р. Коэн, соли 1888; М. Зееман, соли 1962; А. Салей, соли 1977 ва дигарон) нақши тамоюли оилавӣ (ирсият)-ро дар этиологияи алалия таъкид мекунанд, ҳарчанд маълумоти боэътимоди илмӣ дар адабиёт оварда нашудаанд [80].

Ҳамин тавр, алалия нуқсони органикии нутқ буда, хусусияти марказӣ дорад ва дар пайдоиши он дисфунксияи минималии майнаи сар мавқеи аввалиндараҷа дошта, бо маҷмуи яклухти омилҳои патологӣ ҷараён мегирад.

Алалия ҳангоми пурра инкишоф наёфтан ё дер инкишоф ёфтани ҳуҷайраҳои асаб дар минтақаҳои муайяни қишри майнаи сар рух медиҳад. Чунин пурра инкишоф наёфтани майнаи сар модарзодист ва ё дар давраи то инкишофи нутқ ба вуҷуд омада, ба паст шудани қобилияти ангезиши ҳуҷайраҳои асаб ва тағйири мутаҳаррикии ҷараёнҳои асосии асаб оварда расонида, сабабгори паст шудани коршоямии ҳуҷайраҳои қишри майнаи сар мегардад.

Муҳаққиқон паҳншавии васеи ҷараёнҳои барангезиш ва боздорӣ, сустии ҷараёнҳои асосии асаб, заифии баланди функсионалии ҳуҷайраҳои қишри майнаи сар, нокифоя будани диққат ҷараёнҳои барангезиш ва боздориро дар қишри майнаи сар қайд мекунанд. Омӯзиши фаъолнокии электрикии майнаи сари кӯдакон тағйироти

муайяну маҳдуди иқтидорҳои биологиро асосан дар қисмҳои чаккаи рӯй, фарқи сар, пушти сар ва пешонӣ ошкор кард (Линденбаум А. Л., Мастюкова Е. М., Билогруд Л. А) [80].

Ба андешаи Г. Ойе, Ж. Ажуриагерра, Г. Хофф нуқсони узвҳои ба нуқсонҳои дутарафаи майнаи сар оварда мерасонад, ки аксар вақт бо осебҳои начандон намоён, вале сершумори қишри майнаи сар зоҳир мешаванд [80].

Ҳангоми нуқсонҳои дутарафа ҷуброни тадриҷӣ душвор ё ғайриимкон мешавад.

Алалия аз рӯи механизму зуҳуроти худ ва дараҷаи намоёнии пурра инкишоф наёфтани нутқ падидаи гуногунтаркиб аст. Аз ин рӯ, ҳангоми тартиб додани таснифоти алалия меъёрҳо ва усулҳои гуногуни омӯзиши онро истифода мебаранд.

Чунончӣ, А. Либман (1925) аз рӯи принсипи патогенезӣ 4 шакли алалияро муайян намуд:

- карию гунгии моторӣ;
- карию гунгии сенсорӣ;
- карию гунгии сенсорию моторӣ;
- шакли гузаранда дар байни карию гунгӣ ва лакнатзабонии вазнин.

Р.Е.Левина таснифи психологиро пешниҳод карда, шаклҳои зерини алалияро муайян намуд:

- алалияи акустикӣ вобаста ба нопурра будани дарки шунавоӣ (фонематикӣ);
- алалияи оптикӣ вобаста ба нуқсони дарки биноӣ (ашёӣ);
- алалия вобаста ба нуқсони фаъолнокии психикӣ [84].

Олими рус В. К. Орфинская таснифи лингвистиро тартиб дод, ки он дар намуди асосии нуқсони нутқӣ асос ёфтааст ва ду шакли моторӣ, ду шакли сенсорӣ, ду шакли омехтаи алалияро муайян намуд: моторию синтаксисӣ, моторию семантикӣ, оптикӣ, амнестикӣ ва шакли морфологии алалия.

Муҳаққиқони дигар В. А. Ковшиков ва Е. Ф. Соботович усулҳои лингвистиро дар таснифи алалия истифода бурда, алалияи экспрессивиро нуқсони нутқӣ мешуморанд, ки ба он вайрон шудани ҷараёни азхудкунии воҳидҳои забон ва қоидаҳои фаъолияти онҳо хос аст. Вобаста ба ин Е. Ф. Соботович алалияро бо нуқсонҳои тасрифӣ ё синтагматикии узвҳои забон муайян намуд [131].

Аз рӯи дараҷаи вазнинӣ алалия дар шаклҳои гуногун зоҳир шуда метавонад: аз ноуҳдабарории оддии шифоҳӣ то пурра мавҷуд набудани нутқ. Дар баъзе ҳолатҳо кӯдак то синни 5-6 солагӣ сухан карданро ёд мегирад, дар ҳолатҳои дигар, ҳангоми набудани таълими махсус, кӯдак нутқи гуфтугӯиро пурра истифода бурда наметавонад.

Аз рӯи мавҷудияти нуқсонҳои асабу психология дар кӯдакон алалияро ба ду шакл ҷудо мекунанд: мураккаб ва номураккаб.

Ин ё он нуқсони нутқро ҳамчун вайрон шудани сохтор ва фаъолияти узвҳои функсионалии забон фаҳмида, механизмро аз ҷанбаҳои гуногун баррасӣ кардан мумкин аст.

Консепсияҳои мавҷудаи шарҳи механизми алалияро шартан ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

- сенсорию моторӣ;
- психологӣ;
- забонӣ.

Тарафдорони консепсияи сенсорию моторӣ пурра инкишоф наёфтани нутқро ба вайроншавии функсияҳои сенсорию моторӣ (шунавоӣ, агнозия, апраксия) вобаста медонанд. Мувофиқи консепсияи психологӣ, ҳангоми алалия вайроншавии баъзе паҳлуҳои фаъолияти психикӣ мушоҳида мешавад.

Намояндагони ин консепсияҳо ҷараёни пайдоиши нутқро ба ҳолати функсияҳои гуногуни психикӣ ва баъзе хусусиятҳои шахсият вобаста медонанд. Ба таври механикӣ алоқаҳои сабабу натиҷаро дар байни нуқсонҳои нутқ ва ғайринутқ муайян менамоянд; ба назар намегиранд,

ки нутқ фаъолияти бисёрсатҳа буда, сохтори мураккаб дорад ва онро бо таркиби сенсорию моторӣ ҷамъбаст кардан мумкин нест.

Тарафдорони консепсияи забонӣ пурра инкишоф наёфтани нутқро ба ташаккул наёфтани идрок ва пайдоиши баёни нутқ вобаста медонанд. Илова ба ин, ба худ хос будани муносибатҳоро дар байни механизмҳои забонӣ ва ғайризабонӣ ба назар мегиранд ва маҳз бо ин консепсияҳо алалияи нуқсонҳо шарҳ дода мешавад.

Кӯдакони алалиядошта, бо вуҷуди доштани нуқсонҳои хоси нутқи шифоҳӣ, намудҳои асосии интонатсия ва тобишҳои зиёди онро айнан такрор мекунанд; ба ҳама ё қисми зиёди овозҳо айнан тақлид мекунанд; бисёр вақт нутқи имою ишораро мустақилона ва ё якҷоя бо нутқи шифоҳӣ истифода мебаранд.

Тавре қаблан ишора намуда будем, алалия дар кӯдакон – ба маънои дақиқ пурра набудани нутқ ё нуқсони намоёни нутқро мефаҳмонад, ки бо шунавоии ба меъёр мувофиқ ва зеҳни дар аввал солим зоҳир мешавад. Ин ба кӯдакон имкон медиҳад, ки муҳитро бомуваффақият дарк карда, илму дониш омӯзанд. Алалия бо дер пайдо шудани аксуламалҳои нутқ, аграмматизм, нокифоя будани захираи луғавӣ, нуқсонҳои ҳиҷосозӣ, ҷараёнҳои фонематикӣ ва талаффузи овоз зоҳир мешавад. Муайян намудани минтақаҳои осеби майнаи сар барои ошкор кардани шаклҳои алалия аҳамияти хоса дорад. Масалан, ҳангоми осеб дидани қисми пешонӣ ва фарқи сар дар кӯдак алалияи таҳрикӣ (ҳаракатӣ) ва ҳангоми осеб дидани чаккаи сар аллалияи сенсорӣ (эҳсосӣ)-ро ташхис кардан мумкин аст. Шаклҳои гуногуни нуқсони нутқ бо тағйироту имкониятҳои комилан мухталифи кӯдакон дар оянда тавсиф меёбанд. Вале чунин гурӯҳбандии ин бемории шартӣ буда, дар амалияи тиббӣ ба ҳам мувофиқат пайдо кардани шаклҳои сенсорӣ ва таҳрикии алалияи нутқ мушоҳида мешавад.

Нуқсони фаъолияти қисмҳои муайяни майнаи сар ба пайдоиши алалия дар кӯдакон оварда мерасонад, ки он бо нуқсонҳои сабуки нутқ

ва нуқсонҳои дараҷаи миёна ё вазнин зоҳир мешавад (кӯдак то даҳсолагӣ баъзан то дувоздаҳсолагӣ гап намезанад ё нутқи ӯ аз захираи луғавии хеле каммазмун иборат буда, он бо аграмматизм тавсиф меёбад, ҳарчанд таҳсили тӯлонӣ дошта бошад ҳам).

Аломатҳои алалияи таҳрикӣ дар кӯдакон:

- нуқсони нутқи экспрессивӣ (талаффузӣ) дар заминаи идроки дурусти нутқи муроҷиаткунанда;

- дер ташаккул ёфтани нутқи ҷумлабандӣ, ки баъди чорсолагӣ оғоз меёбад;

- каммазмун будани марҳилаи пеш аз нутқ, бисёр вақт суханони норавшан комилан вуҷуд надоранд.

Ба ин беморӣ нуқсонҳои дағали сохти грамматикӣ хос буда, ин нуқсонҳо дар нокифоягии мувофиқати калимаҳо дар ҷумлабандӣ, ҷинс ва шумора, ҷойивазкунии ҳиҷоҳо дар дохили калима, истифодаи нодурусти пешояндҳо дар нутқ, набудани шаклҳои феълӣ ва ғ. зоҳир мешаванд.

Алалияи таҳрикӣ дар кӯдакон бо нокифоягии намоёни захираи луғавӣ зоҳир шуда, асоси нуқсонҳои малакаҳои таълимӣ аз рӯи намуди дисграфия (нуқсони хатнависӣ) ва дислексия (нуқсони хониш), вайрон шудани идроки маконӣ ва нуқсонҳои таҳрик дар шакли нуқсони ҳаракат ба шумор меравад. Ба ғайр аз ин, алалия дар мувофиқат бо клиникаи ибтидоӣ ва парокандаи неврологӣ, инчунин осеби нимкураи асосӣ ҷараён гирифта, ба имконпазирии малакаҳои экспрессивии нутқ вобастагӣ дорад. Дар кӯдаке, ки ҳолати психикии ӯ чунин вайроншавӣ дорад, аксар вақт аломатҳои психоорганикии гуногундараҷа мушоҳида мешавад, ки онҳо бо вайрон шудани коршоямӣ ва якҷоя бо нуқсонҳои инкишофи зеҳнӣ, парокандагии таваҷҷуҳ ва сустҳаракатӣ зоҳир мешаванд.

Алалияи сенсории нутқ бо нуқсони дарки нутқи муроҷиаткунанда ва вайроншавии дағали ҷанбаи фонетикии он ва бо набудани садоҷудокунӣ зоҳир мешавад. Дар кӯдакон ташаккули сусту душвори муқоисакунии

калима ва объект ба назар мерасад, онҳо ба суханони атрофиён сарфаҳм рафта наметавонанд, ки дар натиҷа нутқи экспрессивии онҳо хеле каммазмун мешавад. Чунин кӯдакон калимаро нодуруст талаффуз мекунанд, овозҳои ҳамсадоро фарқ карда наметавонанд, ба нутқи атрофиён эътибор намедиҳанд, ба садокунӣ эътино намекунанд, вале ба ғалоғулаи диққатҷалбкунанда аксуламал нишон медиҳанд. Дар онҳо эхолалия (такрори калимаҳои бегона) мушоҳида мешавад ва таваҷҷуҳи шунавоии онҳо нуқсон дорад, аммо оҳангу лаҳни нутқи онҳо бетағйир боқӣ мемонад. Дар инкишофи психикии онҳо аломатҳои осеби органикии майнаи сар мушоҳида мешавад, ки аксар вақт ин аломатҳо якҷоя бо пурра инкишоф наёфтани ақл ошкор шуда метавонанд.

Оқибатҳои алалия дурудароз, баъзан ҳатто то охири умр боқӣ монда, таркибҳои нутқи кӯдакони алалиядошта дер пайдо мешаванд. Сохти грамматикӣ, захираи луғавӣ ва талаффуз ба худ хос, суст ва номутаносиб ташаккул меёбанд. Кӯдакон дар охири давраи тифлӣ аз 9 то 100 калима захираи калима дошта метавонанд, вале ин дурнамои бемориро муайян намекунад. Луғат хеле суст ва дар ҳар як давраи инкишоф нисбатан каммазмун пурра мешавад, ба ғайр аз ин, вайроншавии зерини таркибҳои калима хосанд:

- ҷойивазкунӣ (ба ҷои «ширин» – «шинир»);
- такрори устувор – (ба ҷои «об» – «обобоб»);
- партофтани ҳарфҳо («шиин»);
- омехтакунӣ- (ба ҷои калимаҳои «сафеда ва зардӣ» – «сафдӣ»).

Инчунин, бисёр муҳаққиқон ҳиҷосозии ғалатро қайд мекунанд, миқдори чунин ғалатҳо дар баробари инкишофи нутқ ва хасташавии кӯдак зиёд мешаванд. Ду намуди аграмматизм ҷудо карда мешаванд: импрессивӣ (занҷирӣ) ва экспрессивӣ (талаффузӣ). Дар кӯдаконе, ки алалияи таҳрикӣ доранд, амалан ҳамеша аграмматизми экспрессивӣ ва дар кӯдаконе, ки алалияи сенсорӣ доранд, аграмматизми импрессивӣ

мушоҳида мешавад. Сохти грамматикии нутқ дер ва номутаносиб ташаккул ёфта, давраҳои инкишоф надорад.

Ҳамаи шаклҳои алалия бо бетартибии таркибҳои лафзӣ ва ғайринутқии фаъолияти психикӣ тавсиф меёбанд. Вазифаҳои ғайринутқиро кӯдак мувофиқи давраи синнусолӣ бе душвориҳои намоён (маъно ва паиҳамии образҳои сужетӣ, монандиҳои графикӣ ва ғ.) иҷро мекунад. Суст шудани суръати ташаккули нутқ бо дер фаро расидани марҳилаҳои муайяни пеш аз нутқ ифода меёбад. Яъне, ғур-ғур кардан, суханҳои норавшан, калимаю ибораҳои алоҳидаи чунин кӯдакон бо ақибмонӣ ташаккул ёфта, кам шудани марҳилаҳо ё пурра набудани онҳо ба назар мерасад. Дар баробари дарозшавии муҳлатҳои ташаккули функсияҳо, дурудароз нигоҳ доштани марҳилаҳои пештар азхудшудаи ташаккули нутқ хос аст: нутқи эгосентрикӣ (нутқи ба худ равона гардида) ва муваққатан ивазшавии нутқ ба имою ишора ё фарёдҳои баланди ғайришифоҳӣ. Инчунин, аксар вақт каммазмунии захираи луғавӣ, аграмматизм ва лакнатзабонӣ мушоҳида мешавад.

Бештар дар кӯдакони алалиядошта аксуламалҳои неврозӣ, ки ҷавоб ба нуқсони мавҷудаи нутқ аст, ба назар мерасанд. Ба ғайр аз ин, кӯдаконе, ки чунин вайроншавӣ доранд, бо хасташавии аз ҳад зиёд, таваҷҷуҳи суст ва коршоямии заиф тавсиф меёбанд. Дар онҳо ақибмонии такрории инкишофи психика ба назар мерасад, дар давраҳои гуногуни ташаккули нутқ дар алалияи таҳрикӣ набудани нутқи равон мушоҳида шуда, лакнатзабонӣ пайдо мешавад.

Дар ҷараёни кориислоҳӣ ҳангоми алалия бояд хусусияти нуқсони нутқ, хислатҳои шахсияти кӯдак, шавқу ҳавас ва дараҷаи ислоҳии ӯ ба назар гирифта шавад. Бештар ба бартараф намудани ҷанбаҳои неврозӣ дар хислати кӯдак ва тарбияи шахсияти бошууру соҳибирода бояд диққат дод.

Алалияи таҳрикии нутқ дар натиҷаи осеб дидани маркази Брок, яъне минтақаи пешонӣ ва фарқи сар пайдо мешавад. Чунин вайроншавӣ бисёр

вақт дар кӯдаконе, ки аз тарафи шахсони наздик бо гиперопека (ғамхории аз ҳад зиёд) фаро гирифта шудаанд, ба вуҷуд меояд, ки он сабаби муайян дошта метавонад. Масалан, кӯдак дар навзодӣ ё тифлӣ ба бемории ҷиддӣ гирифтор мешавад ё бо сабаби таваллуди душвор осеб мебардорад, одатан чунин кӯдакон аз ҳад зиёд якрав, хашмгин ва инҷиқ мешаванд.

Алалияи таҳрикӣ бо ақибмонӣ дар инкишофи фаъолияти ҳаракати узвҳои талаффуз зоҳир мешавад. Кӯдакон ҳаракатҳои талаффузиро нисбатан душвор иҷро мекунанд: боло бардоштани забон ва дар ҳамин ҳолат нигоҳ доштани он, лесидани лабон ва ғ. Ба ғайр аз ин, дар кӯдаке, ки алалияи таҳрикӣ дорад, набудани маҳорати худхизматрасонӣ дида мешавад: бастани бандҳои пойафзол, мустақилона гузарондани тугмаҳо ва ғайра. Инчунин, вайроншавии ҳаракат мушоҳида мешавад. Кӯдакони дорои ин нуқсон бо як пой ҷаҳида наметавонанд, аз болои ғӯлачӯб гузашта наметавонанд, бисёр вақт пешпо хӯрда меафтанд, зери садои мусиқӣ рақсида наметавонанд. Нутқи кӯдаконе, ки алалияи таҳрикӣ доранд, аз якчанд давраҳои инкишофи нутқ иборат аст: аз комилан набудани нутқ то нутқи муфассали тамоюлдошта.

Нутқи кӯдаконе, ки алалияи якумдараҷа доранд, барои шунавандаи оддӣ пурра нофаҳмо аст, масалан, «тя бах» афтидани пиёларо мефаҳмонад. Барои фаҳмидани суханони кӯдак вазъияти мушаххас ва имою ишораи ӯро ба назар гирифтан лозим аст. Бисёр вақт кӯдаконе, ки чунин нуқсон доранд, наметавонанд ҳиссиёти худро бо ёрии калимаҳо ифода карда, чизи бароящон даркориро нишон диҳанд.

Барои давраи дуюми инкишофи нутқ пайдоиши маҳорати баён бо шакли барои атрофиён бештар фаҳмои баъзе мушоҳидаҳо хос аст, масалан, «атата фуфа хаид» «дада пуфак харид» -ро мефаҳмонад.

Кӯдаконе, ки давраи сеюми инкишофи нутқ доранд, ибораҳои муфассалтари ғалатҳои луғавӣ ва имлоидоштаро истифода мебаранд.

Хусусияти ин шакли алалия дар он аст, ки кӯдакон нутқи ба онҳо мурочиатшударо мефаҳманд ва метавонанд бо хоҳиши падар ё модар расми даркориро, ки дар он ашё ё мавчудоти зинда тасвир шудааст, интихоб намоянд, танҳо маънои луғавии калимаро мефаҳманд, вале бандакҳо, пешояндҳо ва префиксро дарк карда наметавонанд.

Ба сабаби аксуламали мувофиқ ба синнусоли кӯдакон ба мурочиати калонсолон ва аз тарафи онҳо ичро шудани супоришҳои оддӣ эҳтимолияти бехабар мондан ва ё аз меъёр гузаштани беморӣ вучуд дорад. Зеро, ба фикри волидон, модоме ки фарзанди онҳо ҳама чизро мефаҳмад, вале сухан намегӯяд, маълум мешавад, ки ӯ танбалӣ мекунаду халос.

Ташхиси алалияи таҳрикӣ дар кор бо фарзанд асос ёфта, дар чараёни он иқтидори нутқи ӯ ошкор карда мешавад. Бо мақсади аниқ ва пурра кардани ташхис электроэнсефалограмма ва санчиши имкониятҳои шунавоиву инкишофи зеҳнии кӯдак гузаронда мешавад.

Ислоҳи алалия, пеш аз ҳама, ба такмили механизмҳои фаъолият ва ташаккули асосҳои нутқи кӯдак равона шудааст, ки он тадричан инкишоф ёфтан ва дар система ташаккул ёфтани нутқро имконпазир мегардонад. Дар тамоми марҳилаҳои ислоҳ ба ташаккули тасаввуроти кӯдак дар бораи муҳити атроф мувофиқи меъёри синнусолии ӯ бештар диққат додан лозим аст.

Дурнамои алалияи таҳрикӣ ба ташхиси саривақтӣ, вазнинии вайроншавии асосӣ, дарачаҳои нуқсони нутқ ва мавчудияти кори дурусти ислоҳӣ ва табобатию барқароркунӣ вобастагӣ дорад.

Кӯдаконе, ки алалияи сенсорӣ доранд, нутқи фаъол ва шунавоии беосебро ташаккул дода тавонанд ҳам, вале дар чунин кӯдакон фарқ дар байни маъно ва садодиҳии калимаҳо дида мешавад, ки дар натичаи он фаҳмидани нутқ душвор мегардад. Кӯдакон нутқро намефаҳманд, аз ин рӯ, онро истифода намебаранд, ки ин минбаъд ба пайдоиши нуқсонҳои

иловагӣ оварда мерасонад: душвории ба роҳ мондани алоқа бо атрофиён, дарки нодурусти биноӣ ва ақибмонӣ дар инкишофи ақл.

Бисёр вақт ба кӯдакони дорои алалия ташхиси нодуруст гузошта мешавад, масалан, аутизм ё олигрофрения, лакнатзабонӣ ва ё шизофрения, ки дар натиҷаи гузоштани ташхиси нодуруст кори ислоҳӣ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.

Кӯдаке, ки алалияи сенсорӣ дорад, ба садоҳо эътибор намедиҳад, метавонад овозҳои пастро шунавад ва ба садоҳои гӯшхарош аксуламал нишон надиҳад. Чунин кӯдакон бо душвории зиёд калимаҳои алоҳидаро аз ёд мекунанд ва дар хотир нигоҳ медоранд. Луғати каммазмуни кӯдаконе, ки чунин нуқсон доранд, хеле суст пурра мегардад, номувофиқӣ дар байни ашёи ифодашаванда ва фаҳмиши маънои калимае, ки онро ифода мекунад, ба назар мерасад.

Аксар вақт кӯдакон нутқи атрофиёнро саҳарӣ беҳтар дарк карда метавонанд, чунки бевосита баъди хоб қобилияти фаъолияти кории қишри майнаи сар хеле баланд мешавад, дар баробари зиёд шудани хастагӣ нутқфаҳмии кӯдакон паст мешавад. Аҳёнан ҳолатҳое ҳам ба назар мерасанд, ки кӯдак бегоҳӣ нутқро беҳтар мефаҳмад, зеро баъди истироҳати шабона ҷараёни боздорӣ фаъол шуда метавонад.

Дарки нутқи кӯдакон ҳангоми баландшавии овози нутқ беҳтар намешавад, ки ин фарқи кӯдакони алалияи сенсоридоштаро аз кӯдакони сустшунаво имконпазир мегардонад. Садоҳои гӯшхарош ба пайдоиши боздории муҳофизатии берунӣ дар майнаи сар оварда мерасонанд, ки дар натиҷа ҳуҷайраҳои пурра инкишофнаёфта аз фаъолият бозмемонанд. Нутқи пасту оромро кӯдаки алалиядошта нисбат ба нутқи баланд ё фарёд беҳтар дарк мекунад. Набояд фаромӯш кард, ки истифодаи дастгоҳҳои шунавоӣ низ ба беҳтар шудани нутқфаҳмии кӯдакони алалиядошта мусоидат намекунанд.

Дар кӯдаконе, ки чунин нуқсон доранд, гиперакузия (нуқсони шунавоӣ) дида мешавад ва он бо афзоиши таъсирпазирӣ аз садоҳое, ки

барои атрофиён бефарқанд, масалан, овози коғази ғичимшаванда ё чакидани об ифода меёбад. Одатан дар шахсони солим, ки чунин садоҳоро мешунаванд, аксуламал дида намешавад, ба истисноиҳолатҳое агар шахс хаста ё хашмгин бошад.

Кӯдаконе, ки алалияи сенсорӣ доранд, чунин садоҳоро бо ҳассосият дарк намуда, ба ин садоҳо аксуламали дарднок нишон медиҳанд: норохат мешаванд ва аз дарди гӯш ё сар шикоят карда, гиря мекунанд.

Нутқи кӯдакони алалиядошта фаъол буда, бо логорея (сергапӣ) зоҳир мешавад, ки дар он кӯдак калимаҳои медонистаашро бетартибона такрор мекунад. Кӯдак маънои калимаю ибораҳои пештар ё айни замон шунидаи худро нафаҳмида, онҳоро талаффуз мекунад ва ба калимаю ибораҳои бо чунин тарз талаффузшуда сарфаҳм намераванд ва онҳоро ба хотир намегиранд.

Кӯдаке, ки алалияи сенсорӣ дорад, нутқи худ ва оҳанги садояшро бо шавқу завқ шунида метавонад, ба нутқи кӯдаки алалиядошта имою ишораи зинда ҳамроҳ мешавад, худи нутқ оҳанги таъсирбахш дорад.

Кӯдаконе, ки алалияи сенсорӣ доранд, нутқи худро идора карда наметавонанд. Сухани онҳо аз рӯи маъно ғалат ва аз рӯи шакл ноаниқ буда, бисёр вақт нутқи «оташинӣ» онҳоро фаҳмидан душвор аст. Ивазшавии калимаҳо зиёд ба назар мерасад, инчунин дар нутқ партофтани калимаҳо ва ё омехтагии калимаҳои гуногун дида мешавад. Нутқи кӯдаке, ки алалияи сенсорӣ дорад, дар маҷмуъ фаъолнокии баланд дошта, бо сабаби камтаваҷҷуҳӣ ба суханони атрофиён ва назорат накардани нутқи худ рух медиҳад. Нутқи чунин кӯдаконро ҳамчун воситаи муошират истифода бурдан номумкин аст.

Ба ғайр аз аломатҳои дар боло номбаршудаи кӯдаконе, ки алалияи сенсорӣ доранд, дар онҳо нуқсонҳои шахсият, душвориҳои гуногуни рафтор ва ақибмонии такрорӣ дар инкишофи ақл мушоҳида мешаванд. Малакаҳои нутқ ҳамчун танзимкунанда ё худтанзимкунандаи рафтору амали кӯдаки алалиядошта истифода шуда наметавонанд.

Дар ҷараёни кори ислоҳӣ ҳангоми алалия, пеш аз ҳама, ба назар гирифтан лозим аст, ки дар кӯдакони алалияи сенсоридошта имкониятҳои инкишофи нутқ беосеб буда, имконияти нутқомӯзии онҳо дар асоси шунавоӣ осебпазир аст.

Дурнамои алалияи сенсорӣ аз вазнинии нуқсон ва оғози саривақтии кори ислоҳӣ вобастагии бевосита дорад. Кӯдакон бо дахолати дурусту комилан мутобиқи табибон, машғулиятҳои доимии логопедӣ, инчунин амалҳои дахлдори наздикон малакаҳои нутқро ба таври маъмулӣ аз худ мекунанд, ки ин барои муошират ва донишомӯзию ҷаҳонбинии онҳо имконият фароҳам меорад.

Хулоса, аломатҳои аввалини алалия, новобаста ба шакли он, дар кӯдакон дар синни дусолагӣ равшан намоён мешаванд, яъне вақте узвҳои майнаи сар то дараҷаи муайян инкишоф меёбанд ва кӯдакон барои талаффуз кардани калимаҳо кӯшиш мекунанд. Агар табобат саривақт оғоз наёбад, ин нуқсон дар синни наврасӣ авҷ мегирад.

Аломатҳои асосии алалия дар кӯдакон:

- нуқсонҳо дар ҳаракат;
- хашмгинии аз ҳад зиёд;
- нафаҳмидани нутқи калонсолон;
- набудани малакаҳои оддии худхизматрасонӣ;
- ғалатҳо дар ҷумлабандӣ ва тасриф, фарқ накардани шумораҳо;
- ақибмонӣ дар инкишофи ақл;
- муошират бо калонсолон бо имою ишора [16].

Алалия нуқсони маккор аст, бисёр вақт кӯдакон ба суханони атрофиён сарфаҳм нарафта, аз онҳо дур мешаванд, канорагирӣ мекунанд ва одамгурез мешаванд, ки ин барои нодуруст гузоштани ташхис сабаб шуда метавонад ва дар ин замина ба чунин кӯдакон тавре қаблан ишора намудем ташхиси аутизм ё ақланақибмонда мегузоранд. Ба ғайр аз ин, баъзан сатҳи шунавоӣ муайян карда намешавад.

Бинобар ин, дар навбати аввал, масъулияти саривақт ошкор кардани ин нуқсон маҳз ба зиммаи волидон гузошта мешавад, ки барои ин марҳилаҳои инкишофи нутқи кӯдакро омӯхтан лозим аст.

Инчунин, суст ёд гирифтани малакаҳои нутқ, пешравии суст ё пурра мавҷуд набудани пешравӣ дар муддати тӯлонӣ нишонаи муҳими нуқсони инкишофи нутқ аст.

Ташхиси тафриқавии алалия дар якчанд меъёрҳои муқоиса асос меёбад:

- дар шакли таҳрикии алалия дар сатҳи идрок нутқфаҳмӣ бенуқсон буда, дар шакли сенсории алалия нуқсони амиқ дорад;

- нутқфаҳмии кӯдаконе, ки алалияи таҳрикӣ доранд, ба меъёри синнусолии онҳо мувофиқ буда, дар кӯдаконе, ки алалияи сенсорӣ доранд, номувофиқ аст, вале он бо дарки биноии талаффузи шахси сухангӯянда каме беҳтар шуда метавонад;

- шунавоии кӯдаконе, ки алалияи таҳрикӣ доранд, бенуқсон буда, шунавоии кӯдаконе, ки алалияи сенсорӣ доранд, нуқсон дорад;

- дар алалияи таҳрикӣ эхолалия нест, вале дар алалияи сенсорӣ эхолалия ҳаст;

- кӯдаконе, ки алалияи таҳрикӣ доранд, дар такрори калима ё ибора душворӣ мекашанд, вале кӯдаконе, ки алалияи сенсорӣ доранд, калима ё ибораро бемалол такрор мекунанд, вале ба маънои он сарфаҳм намераванд;

- кӯдаконе, ки алалияи таҳрикӣ доранд, ба муоширати ғайришифоҳӣ ва нутқӣ майл доранд, вале кӯдаконе, ки алалияи сенсорӣ доранд, хоҳиши муошират кардан надоранд ё ба он ворид шуда наметавонанд.

Кор бо кӯдакони алалиядошта, хусусан машғулиятҳои нутқиро дар шакли бозӣ гузаронидан лозим аст, зеро танҳо дар чунин шакл кори ислоҳӣ самаранок шуда, кӯдакро хаста намекунад. Машғулият бо логопед бояд ба инкишофи хотира ва диққат, ташаккули маҳорати фарқ

кардани ашёҳои гуногун, қобилияти муқоиса ва ҷамъбасти ашёҳо равона карда шавад.

Инчунин, барои ташаккули малакаҳои нутқ сарбориҳои ҷисмонӣ ва ҳамагуна машқҳое, ки ба инкишофи таҳрики хурд мусоидат мекунанд, фоидабахшанд.

Дар як қатор ҳолатҳо алалия дар баробари инкишофи кӯдак бе табобат паси сар гардад ҳам, вале бисёр вақт бе дахолати тиббӣ ва логопедӣ алалияро бартараф кардан номумкин аст. Агарислоҳи алалия дуруст ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, саривақт оғоз ёбад, малакаҳои нутқ пурра инкишоф меёбанд, қобилиятҳои ақлии кӯдак беҳтар гардида, ӯ ба ҷаҳони воқеӣ хуб мутобиқ мешавад. Ислоҳи саривақтӣ ба кӯдакон имконият медиҳад, ки дар оянда бо ҳамсолону калонсолон пурра муошират ва ҳамкорӣ карда тавонанд.

Муоина бояд пурра ва бо ҳамкории бевоситаи духтури бачагона, асабшинос ва логопед гузаронида шавад. Муайян намудани дараҷаҳои осеби майнаи сар муҳим аст, чунки дараҷаи вазнинии беморӣ аз он вобастагӣ дорад.

Дараҷаи сабуки алалияро бо машғулиятҳои логопедӣ ва машқҳои хонагӣ ислоҳ кардан мумкин аст, ки дар ин ҷараён кӯдак хеле зуд калимаҳо ва имлоро меомӯзад. Ислоҳи логопедии шаклҳои гуногуни алалия ба афзоиши захираи луғавӣ мусоидат карда, ғалатҳои нутқи кӯдакро бартараф кунад, ҳам, вале бо ӯ чунин намуди табобат танҳо бо машғулиятҳои доимӣ самаранок аст.

Дар ҳолатҳои вазнин, вақте нуқсонҳои дағали марказҳои нутқ мавҷуданд, табобат самаранокии камтар дошта метавонад.

Бо мақсади таъмини самаранокии бештари ислоҳи алалия табобати маҷмуиро истифода мебаранд, ки он аз се қисм иборат аст:

-машғулиятҳои логопедӣ;

-масҳи логопедӣ (таъсиррасонӣ ба мушакҳои талаффуз барои муътадил гардонидани тонуси мушакҳои нутқ, ки ин талаффузи овозҳоро осон мекунад);

-табобати рефлексӣ бо ҷараёни пасти электрик (қувваи барқ), ки мақсади он фаъол гардондани минтақаҳои қишри майнаи сар буда, ин минтақаҳо ба хоҳиши сухан гуфтан, талаффуз, захираи луғавӣ ва ғ. ҷавобгаранд.

Самаранокии табобат бо доруворӣ илман исбот нашудааст, вале кор барои ташаккули малакаҳои нутқ дар асоси табобат бо доруворӣ ҷараён дорад, ки мақсади он фаъол гардондани инкишофи узвҳои майнаи сар аст. Инчунин, табобати физиологӣ, табобати лазерӣ ва табобат бо об истифода бурда мешаванд. Дар ҳама гуна намудҳои алалия корро бо инкишофи таҳрики умумӣ ва хурд, ташаккули функсияҳои когнитивии психика: хотира, тафаккур ва диққат оғоз кардан муҳим аст. Машғулият ва кор бо кӯдакони алалиядошта дар шароитҳои хона бо истифодаи маводи аёнӣ дар табобати алалия аҳамияти калон дорад.

## 1.3.Асосҳои назариявӣ-педагогии истифодаи технологияҳои компютерӣ-иттилоотӣ дар таълими кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ

Низоми таҳсилоти махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ якчанд вазифаҳои муҳимро дар пеши худ гузоштааст, аз ҷумла «Рушди таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) дар ҷумҳурӣ тақозои замон ва вазифаи давлати иҷтимоие мебошад, ки ҳамчун узви СММ якчанд уҳдадориҳоро нисбат ба кӯдакони маъюб ба зимма гирифтааст. Иҷрои бомуваффақияти ин уҳдадориҳо на танҳо аз мавкеи давлат, балки аз муносибати ҷомеа нисбат ба ичтимоишави ва ба таълиму тарбия фаро гирифта шудани шахсони имкониятҳояшон маҳдуд ва кӯдакони маъюб вобастагӣ дорад. Пешниҳоди таълиму тарбияи якҷояи кӯдакони маъюб ва кӯдакони солим бо сабаби набудани шароитҳои моддӣ, ташкилӣ ва молиявии иҷрои он, инчунин омилҳое чун ҳуввияти аҳолӣ ва кормандони соҳаи педагогика ба зиддиятҳо дучор мешавад» [62]. Муваффақияти кориислоҳӣ бо кӯдакони талаботи махсуси таълимидошта бештар бо сифати омодагии мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогир муайян мегардад (И. Каримова, Б. Маҷидова, Л. Иматова, А. М. Байзоев, Д. Каримова, Ҷ. Ҳакимова, З. П. Раҳмонов, Д. З. Раҳмонова, С. Д. Қувватов, Х. М. Сабуров, Б. Зулфонов ва дигарон).

Ҳарчанд омодагии касбии дефектологҳо, аз ҷумла логопедҳо, дар Тоҷикистон қисми муҳими таҳсилоти касбӣ эътироф шуда бошад ҳам, вале амалан татбиқи пурраи шаклҳои зарурии ташкилӣ, методӣ ва таркибии омодагии касбӣ то ба имрӯз ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааааст. (И. Каримова, Б. Маҷидова, М. Дадобоева). Қисман ин бо сабабҳои объективӣ шарҳ дода мешавад: ҳамагуна фаъолияти касбию педагогӣ, аз ҷумла логопедӣ, хусусияти баробари оммавӣ ва эҷодӣ дорад, яъне ҳамчун фаъолияти оммавӣ низоми нисбатан намунавии омодагиро талаб мекунад, ки ба ташаккули донишу маҳоратҳои барои иҷрои фаъолияти касбӣ зарурӣ равона шудааст. Ҳамчун фаъолияти эҷодӣ

ташаккули сифатҳои касбии инфиродиро пешбинӣ намуда, аз такмили доимии маҳорату малакаҳои касбӣ вобастагӣ дорад (Л.Иматова, С.Туронов, М.Обидова, Д.З.Раҳмонова, Х.М.Сабуров, Ш.Ёдгоров, Е.Ёдгорова ва дигарон). Аз тарафи дигар, масъалаи омодагии амалии дефектологҳо аз нокифоягии таҳияи ҷанбаҳои методии таълими фанҳои махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста аст.

Таҳсилоти махсуси олии педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ду омил ташкил карда шудааст: анъанаҳо дар омодагии мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва талаботи таҷрибаи таълиму тарбияи кӯдаконе, ки дар инкишоф махсусиятҳо доранд. Дар марҳилаи кунунӣ дар соҳаи таҳсилоти олии фарогир чунин вазъияте ба вуҷуд меояд, ки дар он сатҳи миёнаи омодагии дефектологҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар татбиқ шуда метавонад. Ин муассисаҳо бо пойгоҳи илмию методӣ, мутахассисони соҳибкасби таълими фанҳои махсус ва дорои таҷрибаи амалии педагогӣ ба қадри имкон таъминанд. Барои кишвари мо баррасии масъалаи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) ҳамчун таълиму тарбияи якҷояи кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд ва кӯдакони солим дар баробари нав буданаш, инчунин муҳим низ хисобида мешавад.

Аммо дар шароитҳои афзоиши миқдори факултетҳои таҳсилоти махсус дар кишвар вазъияти дигар дар таҳсилоти махсуси олии донишгоҳҳои педагогии минтақавӣ тадриҷан ба вуҷуд меояд. Талабот ба мутахассисони дефектолог амалан дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон хеле зиёд аст, вале аз анъанаю усулҳои кори омодасозии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ на ҳамаи омӯзгорони мактаби олӣ бохабаранд. Сатҳи пасти тахассуси кадрҳо, набудани таҳсилоти ибтидоӣ ва огоҳии нокифоя аз масъалаҳои муҳими дефектология ва норасогии маводҳои таълимӣ мушоҳида мешавад.

Шуъба, кафедра ва ё факултетҳое, ки нав ташкил мешаванд, таъминоти кофии таълимию методӣ надоранд ва ҳамкории онҳо бо

муассисаҳои махсуси ибтидоӣ дар шароитҳои нокифоя будани мутахассисони баландихтисос чандон самаранок нест. Чунин ҳолати кор ба сифати омодагии дефектологҳои оянда таъсири манфӣ дошта, ба таназзули сифати таълим факултетҳои тахсилоти фарогири муассисаҳои таҳсилоти олии минтақаҳо оварда мерасонад.

Дар «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» доираи масъалаҳо дар ин соҳа муайян шудааст, ки ин масъалаҳо қонеъ гардонидани талаботи ҷомеаро ба мутахассисон пурра имконпазир намегардонанд. Дар байни вазифаҳои асосии ҳалталаб зарурати ислоҳот дар низоми таҳсилоти олии касбӣ - дефектологӣ қайд шавад ҳам, вале ин ислоҳот бештар ба ҳалли масъалаҳои ташкилии омодагии донишҷӯён равона шуда, ҷанбаҳои таркибии такмили методикаи таълими фанҳоро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ фарогир нест [99].

Теъдоде аз муаллифон зарурати ҳалли вазифаҳои зеринро таъкид мекунанд: асосноккунӣ ва ташкили заминаи илмию назариявии таҳсилоти фарогир (Г. Қурбонова, Д. Имомназаров, Г. Ғарибшоев, Б. Ҳакимова); такмили ихтисоси кадрҳои мактаби олӣ (И. Каримова, Ф. Абдуллоева, Х. Бобоҷонова).

Такмили ҷараёни омодагии касбии донишҷӯёни ихтисосҳои дефектологӣ, аз ҷумла логопедҳо, ба татбиқи воситаҳои техникию аудиовизуалӣ дар ҷараёни таълим вобастагии зич дорад, вале, мутаассифона, дар ин самт корҳои илмӣ кариб, ки мавҷуд нестанд. Ҳарчанд, татбиқи технологияҳои компютерӣ дар ҷараёни таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба баланд бардоштани самаранокии аз худ кардани маводи таълимӣ мусоидат мекунад (Х. Шарипов, Ш. Мирзоев, С.Султонова ва дигарон). Технологияҳои компютерӣ дар таълими донишҷӯёни ихтисосҳои дефектологӣ ташаккули қобилиятҳои таҳлили имкониятҳои ин технологияҳоро аз ҷанбаи талаботи махсуси

таълимии кӯдакон ва истифодаи онҳоро дар фаъолияти касбӣ пешбинӣ менамоянд.

Дар низоми омодагии сатҳи олии логопедҳо вазъияти монанд мушоҳида мешавад, ҳарчанд мутахассисони хориҷиву руси ин соҳа таъкид мекунанд, ки барои ҳалли вазифаҳои амалии таълими фаъолияти касбӣ ва ташкили курси логопедия вазифаҳои маърифатӣ ва амалии фаъолияти касбии ояндаро тарҳрезӣ кардан лозим аст.

Омодагии касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ аз рӯи ихтисоси «Логопедия», (масалан, дар ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Логопедия-таҳсилоти ибтидоӣ), пеш аз ҳама, ба ҳалли вазифаҳои таълими донишҷӯён барои ташхис ваислоҳи нуқсонҳои гуногуни нутқ равона шудааст. Мазмуни омодагии донишҷӯён аз рӯи ин ихтисос дар марҳилаи кунунӣ дар Стандарти давлатии таҳсилот (соли 2018), барномаи таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ инъикос ёфтааст (Б.Маҷидова, М.Обидова, М.Дадобоева, М.Рамазонова 2015, 2016, 2018, 2020 ва дигарон). Ҳарчанд ин маводҳо мазмуни омодагии назариявии донишҷӯёни логопедро тавсиф мекунанд, вале дар баъзе самтҳо вазифаҳои ташаккули маҳорату малакаҳои касбии ин гурӯҳи мутахассисонро дар шароитҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ нокифоя инъикос менамоянд.

Ислоҳоти соҳаи таҳсилоти олии дефектологӣ бояд асосҳои умумии омодагии ин гурӯҳи мутахассисон ва масъалаҳои ҷузъию махсусро барои ҳар як соҳаи омодагии касбӣ дар бар гирад. Логопедия ҳамчун соҳаи дефектология аҳамияти махсус дошта, қисми ҷудонашавандаи ҳар як фасли педагогикаи махсус аст. Дар асоси талаботи нақшаву барнома ва стандартҳои таълимӣ, омодагии касбӣ аз рӯи ихтисоси «Логопед» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳалли вазифаи асосӣ равона шудааст: ба донишҷӯён омӯзондани ташхис ва истифодаи роҳу усулҳои ислоҳи нуқсонҳои нутқ. Барои донишҷӯёни ихтисосҳои дигар кори инкишофи нутқи кӯдакони талаботи махсуси таълимидошта воситаи

ноил шудан ба вазифаҳои таълиму тарбия ва мутобиқгардонии иҷтимоии кӯдак мебошад, аз ин лиҳоз зарурати ислоҳот маҳз дар ҳамин соҳа далели бебаҳс аст.

Тавре қаблан таъкид намудем яке аз самтҳои такмили омодагии касбии логопедҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифодаи технологияҳои компютерии таълим аст. Вале дар соҳаи таҳсилоти олии дефектологӣ то ба имрӯз таҳқиқотҳои назариявию озмоишӣ, ки ба омӯзиши имкониятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни таълими фанҳои касбӣ, аз ҷумла логопедия, равона шудаанд, мавҷуд нестанд. Набудани усули методологии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълими донишҷӯёни ихтисосҳои дефектологӣ, аз ҷумла логопедӣ ба он оварда мерасонад, ки таҳқиқотҳои илмӣ дар ин самт гузаронида намешаванд.

Аз таҳқиқоти ба ин монанди мутахассисони Россия дар соҳаи таҳсили кӯдакони талаботи махсуси таълимидошта дар асоси истифодаи технологияҳои компютерии таълим (О.И.Кукушкина, 2005) бармеояд, ки татбиқи чунин воситаҳои таълим дар марҳилаҳои ибтидоӣ инҳоро пешбинӣ менамояд:

- таҳлили соҳаи мавзӯӣ бо мақсади муайян намудани фаслҳо ва мавзӯъҳо, ки омӯзиши онҳо аз як қатор мушкилиҳо вобаста буда, ҳалли ин мушкилиҳо бо истифодаи усулу воситаҳои анъанавӣ ғайриимкон аст;

- таҳлили мазмун ва шаклҳои фаъолияти самаранок, ки онҳоро бо технологияҳои компютерӣ тақвият додан мумкин аст [74].

Масъалаҳои таълими курси логопедия бояд таҳлили мазмуни ин соҳаро бо мақсади муайян намудани ҳамон вазифаҳое пешбинӣ намояд, ки онҳоро бо воситаҳои анъанавӣ ҳал кардан номумкин аст, яъне маҳз технологияҳои компютерии таълим имкон медиҳанд, ки маводи омӯхташаванда дар сатҳи сифати дигар пешниҳод карда шавад. Барои ин нақш ва мавқеи ин фаслро дар низоми омодагии умумии касбии донишҷӯёни ин ихтисос таҳлил карда, масъалаҳоеро, ки ҳалли онҳо аз

якчанд мушкилиҳо вобастагӣ дорад, муайян ва роҳҳои ҳалли онҳоро нишон додан лозим аст.

Иттилоотикунонии таҳсилот дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар марҳилаи кунунӣ ҳамчун таъмини омодагии донишҷӯён ба истифодаи васеъ ва самараноки воситаҳои компютерӣ дар фаъолияти таълимӣ ва баъдан дар фаъолияти касбӣ фаҳмида мешавад [153].

Дар Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 декабри соли 2004, № 468), Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғ. қайд шудааст, ки технологияҳои иттилоотии таълим маҷмуи донишҳоро дар бораи тарзу усулҳои коркарди мавод пешбинӣ намуда, ҳамеша пайиҳамии муайяни амалиёт ва татбиқи шароитҳои заруриро ба назар мегиранд. Вазифаи асосии ин технологияҳо дар амал татбиқ кардани назария ва бо принсипҳои илмӣ таъмин намудани ҷараёни тарҳрезии методикаи нав ё такмилёфтаи таълим аст [153].

Тавре маълумоти омории соҳаи маориф барои солҳои таҳсили 2020-2021 нишон медиҳанд, таъминоти моддӣ-техникӣ, бахусус воситаҳои технологияҳои компютерӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ назаррасанд [90].

| **НОМГӮЙИ МУАССИСА** | **Микдори компюетр** | **АЗ ҶУМЛА** | | | **Синфхонаи компютерӣ** | **Компютерҳои таъмирталаб** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Компютерҳои дар корӣ синфхонаҳои компюетрӣ** | **Компютерҳо дар утоқи корӣ** | **Ба Интернет пайваст** | | |
| ДМТ (миллӣ) | 2520 | 1840 | 680 | 1031 | 52 | 147 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ДДОТ (омӯзгорӣ) | 1129 | 536 | 563 | 400 | 25 | 30 |
| ДДТ (техникӣ) | 1430 | 450 | 890 | 800 | 18 | 90 |
| ДАТ (аграрӣ) | 790 | 553 | 235 | 210 | 15 | 25 |
| ДДТТ (тиббӣ) | 1100 | 300 | 320 | 300 | 8 | 42 |
| ДСРТ (славянӣ) | 653 | 266 | 387 | 240 | 22 | 27 |
| ДДТТ (тиҷорат) | 775 | 649 | 126 | 775 | 12 | 0 |
| ДТТ (технология) | 904 | 493 | 359 | 523 | 21 | 52 |
| ДДК (Кӯлоб) | 570 | 250 | 60 | 120 | 15 | 60 |
| ДДХ (Хуҷанд) | 2060 | 443 | 147 | 400 | 26 | 50 |
| ДДҲБ ва СТ (ҳуқуқ ва бизнес) | 533 | 150 | 0 | 0 | 9 | 0 |
| ДДҚ (Бохтар) | 831 | 384 | 202 | 180 | 18 | 85 |
| ДДХ (Хоруғ) | 382 | 86 | 274 | 84 | 6 | 0 |
| ДДЗТ (забонҳо) | 319 | 130 | 85 | 113 | 7 | 89 |
| ДСХ (соҳибкорӣ) | 623 | 331 | 80 | 191 | 11 | 21 |
| ДТҶ (тарбияи ҷисмонӣ) | 241 | 168 | 73 | 16 | 4 | 40 |
| ДДФСТ (санъат) | 170 | 40 | 85 | 40 | 3 | 0 |

***Ҷадвали 1.1.-Нишондиҳандаҳои таъмин бо техникаи компютерӣ дар минтақаҳои кишвар дар соли таҳсили 2020-2021***

Технологияҳои муосири таълим усулҳои дурусту самараноки ноил шудан ба ҳадафҳои дидактикии гузошташударо муайян менамоянд, вобаста ба ин Ш.Мирзоев нишонаҳои асосии технологикунониро муайян намуд, ки имкониятҳоро онро инъикос мекунанд: стандартикунонӣ ва ҳамшаклии муҳити таълимӣ дар низоми таҳсилоти оммавӣ, баланд бардоштани ҷараёни эҷодӣ ба сатҳи баланди ташкилӣ; танзими низоми таҳсилот дар асоси тартиботи дараҷаҳои ташкилӣ ва технологияҳои махсусе, ки ба ин дараҷаҳо мутобиқанд (Ш.Мирзоев, 2021). Технологияҳои таълим хосияти афзоянда доранд, хусусан агар онҳо дар истифодаи воситаҳои таълим дар заминаи технологияҳои нави иттилоотӣ асос ёфта бошанд [86].

Технологияҳои компютерии таълим (ТКТ) ҳамчун самти илмие баррасӣ карда мешаванд, ки ба омӯзиши масъалаҳои амалии истифодаи

технологияҳои иттилоотӣ дар таҳсилот машғуланд. ТКТ бояд баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати омодагии кадрҳоро пеш аз ҳама аз ҳисоби истифодаи воситаҳои компютерии таълим, ки фаъолияти мустақилонаи маърифатии донишомӯзон, идораи таълим, тамрин ва муколамаи омӯзиширо зимни ҳалли вазифаҳои амалии таълим тақвият мебахшанд, таъмин намоянд.

Асарҳои муҳаққиқони ватанӣ Ф. С. Комилов ва З. Ф. Раҳмонов «Технологияҳои иттилоотӣ дар таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», А. Р. Мирзоев «Асосҳои дидактикии омодагии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ», Х. Ҷӯраев «Воситаҳои татбиқи усулҳои дидактикӣ дар таълими компютерӣ дар мактабҳои Тоҷикистон» ва дигарон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда мавқеи махсус доранд.

Аз нуқтаи назари олимони хориҷӣ ва рус ба шарофати муттаҳид намудани вазифаҳои аз ҳам ҷудошуда барномаҳои компютерии мултимедӣ ба донишҷӯ имкон медиҳанд, ки бо маводи таълимӣ дар сатҳи рамзӣ ҳамкории бевосита дошта бошад (Ҷ. Бенг). Хосияти усули фаъол доштани мултимедиа аз нуқтаи назари методика аҳамияти зиёд дорад (В. А. Касторнова) [65]. Усули фаъол-таъмини имконияти ҳамкории барномаи компютерӣ ва инсон (Ҷ. Ф. Ҷенсен).

Усули фаъоли системаи автоматикунонидаи таълим ба ташаккули системаи усулҳои махсусу мантиқии фаъолияти фикрӣ дар ҷараёни дуруст тарҳрезишудаи таълим бевосита таъсир мерасонад. Дар фаъолияти таълимӣ вазифаи таълимӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гуногун саҳм гузошта, ҳалли якчанд вазифаҳоро талаб мекунад. Аз ин ҷо талабот ба вазифаҳои таълимӣ аз мазмуни барномаҳои омӯзишии компютерӣ сарчашма мегирад: бояд на як вазифаи алоҳида, балки системаи вазифаҳо тартиб дода шаванд; вазифаҳои таълимӣ бояд пурра аз худ кардани системаи воситаҳоеро, ки барои татбиқи бомуваффақияти ҳамаи намудҳои фаъолияти таълимӣ зарур ва кофиянд, таъмин намоянд;

вазифаҳои таълимӣ бояд тавре тартиб дода шаванд, ки воситаҳои дахлдори фаъолият, ки аз худ кардани онҳо дар ҷараёни ҳал пешбинӣ карда мешавад, ҳамчун натиҷаи бевоситаи таълим зоҳир шаванд.

Ба тартиб додани вазифаҳое, ки донишомӯзонро ба дарки амалҳои худ, ки худрефлексиро талаб мекунанд, водор менамоянд ва вазифаҳо барои рефлексияи фаъолияти омӯзишӣ махсус диққат додан лозим аст (К. Вернике, П. Брокка, К. Г. Кречетников, Ҷ.Т.Е.Ричардсон, А. Морган, А. Вудлей ва дигарон).

Вобаста ба ин, муҳаққиқи тоҷик Г. Салоҳиддинова зимни баррасии масъалаҳои таълими забон менависад, ки «...технологияҳои мултимедӣ тарзи пешниҳоди иттилоот дар компютер бо имконияти истифодаи баробари матн, графика, овоз, видео ва таъсирнокии аниматсионӣ мебошанд. Истифодаи чунин технологияҳо дар ҷараёни таълим аз васеъ намудани ҷаҳонбинии донишомӯзон, фикррониии мустақилонаи онҳо ва инкишофи шахсияти донишомӯзон иборат аст».

Дигар муҳаққиқи ватанӣ В. А. Бекмансурова ба таълими забон дар асоси технологияҳои мобилӣ баҳо дода, қайд мекунад, ки «...таҳсилоти мобилӣ ба воситаи маҷмуи технологияҳои мобилӣ ва муосир ба донишҷӯён барои қабул ва паҳн кардани иттилоот самаранокии зиёд дорад» [153].

Ҳамин тавр, дар марҳилаи кунунӣ таҷрибаи кофии таҳия ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни таълими мактаби олӣ андӯхта шудааст. Истифодаи барномаҳои омӯзишии компютерӣ зимни омодагии донишҷӯён ба усули муосири фаъолу амалии таълим равона шудааст: фаъолгардонии таълим аз ҳисоби ҷалби ҳар як донишомӯз ба ҷараёни таълим, ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён ва усули фаъол дар ҷараёни кор. Усули тамоюли шахсии истифодаи ТКТ инфиродикунонӣ ва тафриқаи таълимро пешбинӣ менамояд. Истифодаи барномаҳои компютерии мултимедӣ дар ҷараёни таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз чумла барои ихтисосхои дефектологи ба истифодаи

муштараки омилҳои асосии самаранокии таълим – тақвияти мақсаднокӣ, таҳкими ҳавасмандӣ, афзоиши таваҷҷуҳ ба фаъолият, зиёдгардонии ғунҷоиши иттилоотии машғулиятҳо, суръатбахшии амалҳои таълимӣ ва фаъолгардонии кори таълимии омӯзгор оварда мерасонад.

Аммо то ба имрӯз таҳқиқи омӯзиши масъалаи истифодаи ТКТ дар соҳаи таҳсилоти олии дефетологӣ, аз ҷумла логопедия, амалӣ гардонида нашудааст. Таҳия ва татбиқи барномаҳои компютерии мултимедӣ дар соҳаи логопедия ба ҳалли вазифаҳои гузошташуда мусоидат карда, воситаи амалие шуда метавонад, ки то ба сатҳи сифати дигар баланд бардоштани ҷараёни омодагии касбии ин гурухи мутахассисонро имконпазир мегардонад. Моделсозии вазъиятҳои воқеии фаъолияти касбӣ бо ёрии компютер то шиносоии амалӣ бо онҳо ва дар марҳилаҳои ибтидоии татбиқи технологияҳои компютерӣ дар ҷараёни таълим имкон медиҳад, ки ҳамаи афзалиятҳои чунин ҳамкорӣ ба таври аён нишон дода шавад.

Ин самти истифодаи технологияҳои компютерӣ бе асоснок кардани имконият, мақсаднокӣ ва зарурати истифодаи онҳо ҳангоми омӯхтани фанҳои асосии ихтисос нопурра аст. Таҳлили муфассал, муқоисаи имкониятҳои технологияҳои компютерӣ ва хусусияти соҳаи мавзӯии логопедия бо мақсади муайян намудани қонунияту принсипҳое, ки омӯзиши маводи пешниҳодшавандаро аз нуқтаи сифатан дигар имконпазир мегардонанд, зарур аст. Ин самт бояд ҳамон соҳаҳои логопедияро дар бар гирад, ки омӯзиши онҳо ба мушкилиҳои муайян вобаста буда, барои бартараф кардани ин мушкилиҳо маҳз технологияҳои компютерӣ шаклу усул ва воситаҳои зарурии корро пешниҳод карда тавонанд.

Барномаҳои компютерии мултимедӣ, ки бо назардошти муқаррароти дар боло баёнгардида таҳия шудаанд, бояд ба ташаккули нақши нави донишҷӯён-логопедони оянда мусоидат намоянд – аз дарки вобастагиҳои мавҷуда то моделсозии ҷараёнҳои фаъолияти касбии

минбаъда. Компютер ҳамчун воситаи моделсозии шаклҳои самараноки фаъолият дар шароитҳои таълимӣ гурӯҳӣ зоҳир шуда метавонад, ки ташаккули мантиқи фикррониии касбии мутахассиси ояндаро бо имконияти татбиқи алоқаи баръакс, дарки натиҷа ва имконияти идораи фаъолият имконпазир мегардонад [59].

Таҳлил ва таҳқиқоти мо нишон дод, ки дар марҳилаи кунунӣ ҳамаи имкониятҳои зарурӣ барои баланд бардоштани самаранокии омодагии касбии донишҷӯёни ихтисоси « Логопедия» дар асоси татбиқи ТКТ дастрас аст. Масалан, бо ёрии ТКТ дар ҷараёни таълими курси «Алалия» шаклҳои фаъолияти самаранокеро ташкил кардан мумкин аст, ки татбиқи онҳо дар доираи таълими анъанавӣ имконпазир нест. Гуфтаҳои болоро таҳлил карда, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълими донишҷӯёни логопед зарурати объективӣ дорад. Барои баланд бардоштани сифати таҳсилот анъанаҳои ташаккулёфтаи омодагии мутахассисонро дар ин соҳа бозбинӣ ва пурра кардан лозим аст. Яке аз воситаҳои баланд бардоштани самаранокии таҳсилот татбиқи технологияҳои компютерии таълим дар ҷараёни таълими фанҳои логопедӣ аст. Зеро логопедия фанни алоҳида буда, ҳамзамон қисми таркибии дигар соҳаҳои дефектология ба шумор меравад ва ин имкон медиҳад, ки афзалиятҳои ТКТ дар ин соҳаи илм боз ҳам беҳтар нишон дода шаванд.

Ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд аз ҷумла нуқсони нутқидошта яке аз шартҳои асосӣ ва таркибии иҷтимоигардонии бомуваффақияти онҳо, таъмини иштироки пурраи онҳо дар ҳаёти ҷомеа ва худтатбиққунии самаранок дар намудҳои гуногуни фаъолияти касбӣ ва иҷтимоӣ аст. Мақсади асосии таълиму тарбияи ин гурӯҳи кӯдакон фароҳам овардани шароитҳои педагогӣ барои таҳкими иқтидори ҳиссӣ, иҷтимоӣ, зеҳнии кӯдак ва ташаккули сифатҳои мусбии шахсӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Точикистон айни замон, тадриҷан татбиқи воситаҳои аёнии таълим дар ҷараёни таҳсили кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд ба назар мерасад. Барои ин технологияҳои муосири иттилоотию компютерӣ шароитҳои мусоидро фароҳам оварда, имкониятҳои нави истифодаи усулҳои педагогиро дар методикаи анъанавии ислоҳӣ муҳайё менамоянд. Ташкили таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд, аз ҷумла нуқсони нутқидошта дар асоси татбиқи технологияҳои нави иттилоотӣ аз татбиқи принсипҳои асосии зерини таълими компютерӣ вобаста аст:

1.Фаъолгардонии кори мустақилонаи маърифатии донишомӯзон ва баланд бардоштани сифату самаранокии он. Асоси татбиқи ин принсипро истифодаи усулҳои муосири таълим ташкил дода, баргузории низоми кушодаи таълимро имконпазир мегардонанд, ки дар он ба донишомӯзон имконияти интихоби барномаҳо ва технологияҳои таълимии ба онҳо мувофиқ фароҳам оварда мешавад. Ин хусусият ба зарурати баланд бардоштани мутобиқати низоми таълим аз хусусиятҳои инфиродии психофизикии кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд вобаста аст. Таҳсил дар ин шакли ташкили ҷараёни таълим тағйирпазир гашта, ба нақшаҳои қатъии таълим ва чорабиниҳои ҳатмии синфӣ вобаста намешавад.

2.Низоми фаъоли таълими компютерӣ бо истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ. Истифодаи воситаҳои компютерии таълим ба донишомӯзон-логопедҳо имкон медиҳад, ки новобаста ба маҳдудиятҳои макону замон иттилоот гиранд, бо сарчашмаҳои гуногуни иттилоот машварати доимӣ дошта бошанд ва шаклҳои гуногуни худназораткуниро истифода баранд. Ин ба андозаи зиёд барои фароҳам овардани шароитҳо ҷиҳати мутобиқгардонии иҷтимоии шахсони имкониятҳояшон маҳдуд мусоидат мекунад.

3. Низоми мултимедии таълими компютерӣ. Ташкили таълими кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд аз ҷумла, нуқсони нутқидошта бо имконияти таъмини низоми мултимедии таълими компютерӣ асос ёфта,

фаъолгардонии механизмҳои ҷубронии донишомӯзонро дар асоси намудҳои муҳофизатшавандаи идрок ва бо назардошти усули полисенсории бартарафсозии нуқсонҳои инкишоф имконпазир мегардонад.

Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар ҳамаи соҳаҳои таҳсили кӯдакони нуқсони нутқидошта ба вазифаи инкишофи бештар имконпазири кӯдак, бартараф кардани тамоюлҳои мавҷуда ва пешгирии тамоюлҳои нав дар инкишоф тобеъ аст. Дарсҳо бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникативӣ барои гузарондани кори ислоҳӣ, ки ба ҷалби таваҷҷӯҳ, инкишофи фикрронӣ, тасаввурот ва ҳаракати дастон равона шудааст, иқтидори зиёд доранд. Ин дарсҳо вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд:

- шиносоӣ бо компютер ва минбаъд онро истифода бурда тавонистан;
- нигоҳдорӣ ва ислоҳи саломатии психикӣ;
- инфиродикунонӣ ва тафриқаи таълим;
- баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълим;
- мутобиқгардонии кӯдакон ба ҷомеаи иттилоотӣ.

Тибқи тафсилоти ЮНЕСКО, дар асри XXI хонандагони мактаби миёна танҳо 30–40% вақти худро дар мактаб гузаронида, 40% вақтро ба таҳсили фосилавӣ ва вақти боқимондаро ба худомӯзӣ сарф мекунанд. Таҳсили фосилавӣ чунин шакли ташкили таълим аст, ки дар он талаба ба маводи таълимию методӣ ва машваратҳои омӯзгор ҳама вақт ва дар ҷои қарордоштаи худ дастрасӣ пайдо мекунад [106].

Шарҳи имкониятҳои таҳсили фосилавии кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд мувофиқи мақсад аст.

Омӯзгор унсурҳои таҳсили фосилавиро дар таҷрибаи худ истифода бурда, кӯшиш мекунад фаъолгардонии нақши хонандаро дар таҳсили худ (дар интихоби самтҳо, шаклҳо ва суръати таҳсил) таъмин намояд; дастрасии ӯро ба дастовардҳои фарҳангию таърихӣ ва илмии инсоният

васеъ гардонад. Шаклҳои фосилавии таҳсил ҷараёни муошират байнишахсиро осон намуда, мушкилиҳои психологии ба он вобастаро бартараф менамоянд. Барои кӯдаке, ки дар хона ба таҳсил фаро гирифта шудааст, имконияти муошират бо омузгоронро ҳамсолон новобаста аз макони ҷойгиршавии онҳо таъмин карда мешавад.

Ҳарчанд таҳсили фосилавии кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд аз бисёр ҷиҳат ба таҳсил дар муҳити муқаррарии таълимии синфи ислоҳӣ ё ба таҳсили инфиродӣ монанд бошад ҳам, вале якчанд фарқҳои назаррас дорад.

Омӯзгороне, ки бо хонандагон дар низоми фосилавӣ кор мекунанд, бояд ҳамон вазифаҳои умумиро иҷро намоянд, ки ҳамкорони онҳо дар шароитҳои анъанавии таҳсили кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд иҷро мекунанд, дур аз хонандагон қарор доштани онҳо чунин маъно дорад, ки як қатор масъалаҳои таҳсил шаклҳои ба худ хосро касб мекунад. Масалан, хонанда аксар вақт бо сабаби дар наздаш набудани омӯзгор ва баҳогузории возеҳи муваффақиятҳо ё нокомиҳои худ дар таҳсил, ба сабаби алоқаи нокифоя бо омӯзгор ва аксар вақт бо ҳамсолон нисбат ба худ ҳисси нобоварӣ пайдо мекунад, чунин нобоварӣ бо сабаби аз рӯи сохтор ва мантиқ начандон фаҳмо будани баъзе фанҳо зиёд мегардад.

Барои ҳалли чунин мушкилиҳо, ба андешаи мо, бо хонандагон се давраи корро гузаштан лозим аст. Дар аввал марҳилаи омодагӣ (рӯзона) – омӯзонидани кори фосилавӣ. Баъдан кӯшиши мустақилона кор кардани хонанда бо назорати бевоситаи омӯзгор ё ба воситаи Skype. Танҳо пас аз он, ки хонанда ба худ боварӣ пайдо мекунад, ба марҳилаи сеюми фосилавӣ гузаштан мумкин аст.

Дар ҷараёни таҳсили бачагони имкониятҳояшон маҳдуд шаклҳо ва технологияҳои гуногуни фосилавиро истифода бурдан мумкин аст: бо истифодаи портали таҳсили фосилавии Маркази минтақавии баҳодиҳии сифати таҳсилот ва технологияҳои иттилоотӣ, ҳуҷҷатҳои дастрасии якҷоя ба интернет, видеодарс ва ғайра.

Аллакай аксарияти мо дар Гугл (Google) кор карда метавонем, вале чунин кор натиҷаву самараи зарурӣ намедиҳад ва ба сифату суръати интернет вобаста аст.

Бо курсҳое, ки дар платформаи барномавии Moodle ташкил карда шудаанд, кор кардан қулай буда, аёнияти бештар дорад, зеро Moodle имконияти ташкил ва гузарондани курсҳои гуногуни таълимиро дар шакли онлайн фароҳам меорад, илова ба ин, ба таҳкими ҳамкории фаъол дар байни муаллим ва талаба, инчунин ҳамкорӣ дар байни талабаҳо диққат дода мешавад. Дар Moodle инҳоро ҷойгир кардан мумкин аст:

- матнҳо, веб-саҳифаҳо, файлҳои аудио-видео ва ғ;
- матнҳо бо тафтиши автоматӣ ва маводи усули таълимӣ;
- луғатҳо бо равшаншавии автоматӣ;
- пайваст кардани сарчашмаҳои берунии таълимӣ ва ғ.

Имкониятҳои номбаршударо дар ҷараёни ташкили дарсҳо дар портали таҳсили фосилавӣ истифода бурдан мумкин аст, зеро ин имкон медиҳад, ки маводи зарурии назариявии дарс ҷойгир карда шуда, бо истифодаи имкониятҳои номбаршуда шавқовартар гарданд. Дар асоси портал технологияҳои нави таҳсилро татбиқ намуда, бо назардошти хусусиятҳои инфиродии ҳар як кӯдак дарсҳоро ташкил кардан мумкин аст. Масалан, бо воситаи технологияҳои ҳифзи саломатӣ ба дарс фосилаҳои мусиқӣ, машқҳо барои чашмон ва дақиқаҳои варзиширо илова кардан мумкин аст. Хонанда метавонад дар ҷараёни дарс дар вақти мондашавӣ дам гирад, вазифаро аз нав иҷро кунад ва зуд натиҷаи кори худро бинад (тафтиши автоматӣ). Аз таҷрибаи кор бармеояд, ки ташкили ҷараёни таълим бо истифодаи портал барои хонандагон бо аёниятҳои зиёд, фаъолиятҳои мухталиф мукаммал ва ҷолибтар мегардад.

Инчунин, омӯхтани технологияҳои компютерӣ ба хонандагон имконияти иштирок дар озмуну мусобиқаҳои фосилавӣ (олимпиадаҳо, конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар)-ро фароҳам меорад. Ҳарчанд таҳсили фосилавӣ тадриҷан ба ҳаёти мо дохил мешавад, он

метавонад яке аз қисмҳои муҳими таҳсили кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд гашта, ба онҳо барои ҳамчун шахсият муаррифӣ кардани худ ва дар ҷомеа пайдо кардани мавқеи хос мусоидат кунад. Яке аз афзалиятҳои асосии истифодаи воситаҳои компютерии таълим дар таҳсили кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд, аз ҷумла нуқсони нутқидошта имкониятҳои зиёди ба онҳо визуаликунонии маводи таълимӣ аст. Истифодаи сарчашмаҳои рақамии таълим дар фаъолияти педагогӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки вақти пешниҳоди маводи таълимиро кӯтоҳ карда, ҳаҷми намудҳои самараноки фаъолиятро дар ҷараёни дарс зиёд намояд; воситаҳои шавқовари таълимию дидактикӣ, маводи тақсимотӣ, баҳогузорӣ ва санҷиширо, ки барои иҷрои вазифаҳои гузошташудаи ислоҳию таълимӣ заруранд, таҳия кунад, маводи асосӣ ва иловагии таълимиро оид ба мавзӯи дарс ё барои машғулиятҳои ихтиёрӣ зуд пайдо намояд.

Ҳамин тавр, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки истифодаи имкониятҳои технологияҳои муосири иттилоотӣ дар баробари истифода дар ҷараёни таълими хонандагони солим, инчунин дар таълиму тарбияи хонандагони имконияти маҳдуддошта, аз ҷумла дорои нуқсонҳои нутқидошта доираи намудҳои фаъолияти таълимиро васеъ гардонида, имкон медиҳад, ки шаклу усулҳои мавҷудаи ташкили таълим такмил дода шаванд ва шаклу усулҳои нав таҳия гарданд. Дарс бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ба ҳалли яке аз вазифаҳои асосии тарбияи ислоҳӣ – инкишофи шахсияти кӯдак, қобилиятҳои сарфаҳмравӣ ва ба ҷомеаи муосир мутобиқшавии кӯдакони имконияти маҳдуддошта таъсир хоҳад кард.

# ХУЛОСАИ БОБИ 1

Маълум аст, ки таҳсилоти махсуси олии педагогӣ дар кишвари мо бо назардошти ду омил ташкил карда шудааст: анъанаҳо дар омодагии мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва талаботи таҷрибаи таълиму тарбияи кӯдаконе, ки дар инкишоф махсусиятҳо доранд. Имрӯз дар соҳаи таҳсилоти олии фарогир чунин вазъияте ба вуҷуд меояд, ки дар он сатҳи миёнаи омодагии дефектологҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар татбиқ шуда метавонад. Муассисаҳои мазкур бо пойгоҳи илмию методӣ, мутахассисони соҳибкасби таълими фанҳои махсус ва дорои таҷрибаи амалии педагогӣ ба қадри имкон таъминанд. Роҳу усули фаъоли системаи автоматикунонидаи таълим ба ташаккули системаи усулҳои махсусу мантиқии фаъолияти фикрӣ дар ҷараёни дуруст тарҳрезишудаи таълим бевосита таъсир мерасонад. Дар фаъолияти таълимӣ вазифаи таълимӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гуногун саҳм гузошта, ҳалли якчанд вазифаҳоро талаб мекунад, аз ин рӯ талабот ба вазифаҳои таълимӣ аз мазмуни барномаҳои омӯзишии компютерӣ сарчашма мегирад: бояд на як вазифаи алоҳида, балки системаи вазифаҳо тартиб дода шаванд; вазифаҳои таълимӣ бояд пурра аз худ кардани системаи воситаҳоеро, ки барои татбиқи бомуваффақияти ҳамаи намудҳои фаъолияти таълимӣ зарур ва кофиянд, таъмин намоянд; вазифаҳои таълимӣ бояд тавре тартиб дода шаванд, ки воситаҳои дахлдори фаъолият, ки аз худ кардани онҳо дар ҷараёни ҳал пешбинӣ карда мешавад, ҳамчун натиҷаи бевоситаи таълим зоҳир шаванд.

Тавре илмҳои психология ва педагогика (дар радифи илмҳои анатомия, физхилогия, тиб, педиатрия ва ғ.) исбот намудаанд давраи барвақти бачагӣ дар инкишоф ёфтани нутқ давраи мусоид ба ҳисоб меравад, ки онро «давраи сензитивии инкишофи нутқ» меноманд, зеро дар ин синнусол раванди инкишофи нутқ нисбат ба дигар равандҳо дар марказ меистад. Ва инкишофи нутқи кӯдак пеш аз ҳама аз муносибати калонсол

вобаста аст, зеро муошırати калонсол ба инкишофи нутқи кӯдак таъсир мерасонад. То яксолагӣ дар кӯдак нутқи ғайрифаъол пайдо гардида, бо имою ишора зоҳир мегардад. Масалан: кӯдак бо даст ва ё ангушт ба ашёи дар атроф буда ишора мекунад, ки ин ишораро танҳо модар ва шахсони наздик мефаҳманд. Нутқи ғайрифаъол то 1 - 1,5 - солагӣ давом мекунад ва баъдтар ба ҷои он нутқи автономӣ пайдо мешавад.

Дар муоқиса бо кӯдакони дорои нутқи муътадил инкишофи психикии кӯдакони вайроншавии нутқидошта тарзи муайяни инкишоф мебошад, ки дар шароитҳои махсуси байниҳамдигарӣ бо олами атроф ба амал меояд. Ин шакли норасоии аввалиндараҷаи вайроншавии марказҳои нутқронӣ метавонад ба инкишоф наёфтани функсияҳое, ки бо ҳам зич алоқаманданд оварда расонад, инчунин, суръати инкишофи дигар функсияҳои бо нутқ алоқамандро суст мегардонад. Вайроншавии инкишофи функсияҳои хусусии психикӣ дар навбати худ ба боздории инкишофи психикии кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ оварда мерасонад.

Маъмулан инкишофи психикии кӯдакони вайроншавии нутқидошта ва инкишофи психикии кӯдакони муқаррарӣ ба қонунҳои муайян тобеъ мешаванд, ки ин қонунҳо аз рӯи нишонаҳои биологӣ ва иҷтимоӣ тавсиф дода мешаванд.

Норасогӣ ва ё вайроншавии нутқ - ҳамчун қафомонӣ аз меъёри нутқӣ фаҳмида шуда, пурра ва ё қисман монеаҳоро дар муошırати нутқӣ ба миён меорад ва имконияти мутобиқшавии иҷтимоии кӯдакро маҳдуд мегардонад. Вайроншавии нутқ ҷавобгӯи меъёрҳои синнусолӣ набуда, ба қафомонии психофизиологии сохтори нутқ алоқаманд аст, яъне он мустақилона бартараф карда намешавад ва метавонад ба инкишофи психикӣ таъсир расонад.

Дар асоси ин нуктаҳо муайян кардан мумкин аст, ки нуқсонҳои нутқӣ характери гуногун дошта, аз дараҷаи ҷои зарба, вақти зарба хӯрдан ва аз нишонаҳои дуюмдараҷа вобаста аст, ки зери таъсироти нуқсони асосӣ пайдо мешаванд.

Махсус таъкид намудан лозим аст, ки нуқсонҳои нутқии зери таъсири ягон омили сирояткунанда ба вуҷуд омада, худ аз худ бартараф намешаванд ва бе корҳои махсуси ислоҳӣ - логопедӣ метавонанд ба инкишофи минбаъдаи кӯдак таъсири манфӣ расонанд. Ҳангоми кор бо кӯдакони алалиядошта, хусусан машғулиятҳои нутқиро дар шакли бозӣ гузаронидан лозим аст, зеро танҳо дар чунин шакл кори ислоҳӣ самаранок шуда, кӯдакро хаста намекунад. Дар рафти машғулият логопед бояд ба инкишофи хотира ва диққат, ташаккули маҳорати фарқ кардани ашёи гуногун, қобилияти муқоиса ва ҷамъбасти ашё равона карда шавад. Ҳамчунин, дар ташаккули малакаҳои нутқ сарбориҳои ҷисмонӣ ва ҳамагуна машқҳое, ки ба инкишофи таҳрики хурд мусоидат мекунанд, фоидабахшанд.

# БОБИ II. ШАРОИТҲОИ ОЗМОИШИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР КОРҲОИ ИСЛОҲӢ-ЛОГОПЕДӢ БО КӮДАКОНИ НУҚСОНИ НУТҚИДОШТАИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

## 2.1. Асосҳои корҳои коррексионию логопедӣ дар раванди таълими кӯдакони синни томактабии имконияthoи маҳдудошта

Ҳоло истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар фаъолияти таълимӣ бо кӯдакони синни томактабӣ, аз ҷумла имкониятҳои маҳдуддошта ба шарти зарурии таълим ва мутобиқгардонии иҷтимоии кӯдакон, хусусан кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта табдил ёфтааст [1]. Технологияҳои инноватсионӣ имкон медиҳанд, ки маромнокии кӯдак ва ҳавасмандии ӯ барои омӯхтану мустаҳкам кардани донишҳои нав тақвият дода шуда, ба ёфтани ҷои худ дар ҷомеаи атроф мусоидат карда шавад. Ҳамасола технологияҳои иттилоотӣ дар ҳаёти инсон мавқеи устувор касб мекунанд. Кӯдакон аз хурдсолӣ ба таъсири интернет ва асбобҳои электронӣ дучор мешаванд, ҳамарӯза миқдори зиёди иттилоотро аз худ мекунанд, ки ин иттилоотро аз шабакаи интернет, барномаҳои телевизион ва бозиҳои компютерӣ мегиранд. Стандартҳои ҳаёти насли нав ба баланд бардоштани сатҳи иттилоотикунонии таълим вобастагии зич доранд. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ қисми ҷудонашавандаи стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ буда, дар кори ислоҳию инкишофдиҳанда мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Компютер дар боғчаи кӯдакон на ҳамчун дастгоҳи алоҳидаи таълим бо бозӣ, балки ҳамчун системаи универсалии иттилоотӣ баррасӣ карда мешавад, ки бо самтҳои гуногуни ҷараёни таълиму тарбия ҳамгиро шуда, муҳити инкишофёбандаи боғчаи кӯдаконро такмил ва тағир дода метавонад. Дар доираи татбиқи барномаи мутобиқшуда барои кӯдакони дар инкишоф нуқсондошта дар назди омӯзгорон вазифаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ гузошта

мешавад, чунки ин барои ташаккули малакаҳои гуногун, ба монанди таваҷҷуҳ, хотира, моторикаи хурд ёрӣ расонда, ба инкишофи нутқ ва фикррони мусоидат мекунад. Бо ёрии онҳо на танҳо қобилиятҳои зеҳнии кӯдак, балки сифатҳои ирода, ба монанди таваҷҷуҳи ихтиёрӣ, мустақилӣ, омодагӣ, бодиққатӣ, босабрӣ ташаккул ёфта, илова бар ин, захираи донишҳо ва маҳорату уҳдаборӣ шакл мегиранд [2, с.122]. Тавре маълум аст, кӯдакони синни томактабӣ донишдӯстанд, ки ин махсусан ба техника дахл дорад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни таълим дар муқоиса бо пешниҳоди шифоҳии мавод бартарии зиёд дорад. Пешниҳоди мултимедӣ бо пуробурангӣ, таъсирнокӣ ва мутаносибан бо беҳтар азхудшавии мавод фарқ мекунад [3, с. 20]. Таҷриба исбот кардааст, ки ҳангоми пешниҳоди шифоҳии мавод ба кӯдак дар давоми як дақиқа то як ҳазор воҳиди шартии иттилоот ва бо ҳамкории узвҳои биноӣ ва шунавоӣ то сад ҳазор воҳиди шартии иттилоот дарк ва коркард шуда метавонад. Яке аз воситаҳои асосии технологияҳои иттилоотӣ, ки барои васеъ гардондани тасаввуроти кӯдакон пешбинӣ шудааст, технологияҳои иттилоотӣ буда, инҳоро дар бар гирифта метавонанд: презентатсия, слайд-шоу, фотоалбом, бозиҳои интерактивӣ, видео-саёҳат. Бо чунин тарзи пешниҳоди мавод се намуди хотираи кӯдакон бедор мешавад: хотираи биноӣ, хотираи шунавоӣ ва хотираи таҳрикӣ. Технологияҳои мултимедӣ барои зина ба зина аз худ кардани мавод, истодан дар қисмҳои душворазхудшаванда ва ба ақиб баргаштан имконият фароҳам меоранд. Истифодаи таъсирҳои гуногун дар презентатсияҳо ба баланд бардоштани шавқи кӯдакон мусоидат карда, бартараф намудани сустии зеҳниро имконпазир мегардонад. Презентатсияҳои мултимедӣ хасташавии кӯдаконро пешгирӣ карда, фаъолнокии маърифатии кӯдакони патологияҳои гуногундоштаро тақвият медиҳад. Истифодаи бозиҳои интерактивӣ имкон медиҳад, ки бозиҳо ва машқҳои дидактикӣ, бозиҳои коммуникативӣ, вазъиятҳои проблемавӣ ва супоришҳои эҷодӣ ба таври нав истифода бурда шаванд.

Боз як бартарии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар боғчаи кӯдакон имконияти ташкили саёҳати виртуалӣ ва гузарондани машғулиятҳои ҳамгиро аст. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҳангоми гузарондани машғулиятҳо бо кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта шавқи фаъоли таълимгирандагонро аввал дар намуди фаъолияти бозӣ ва баъдан ҳамчун фаъолияти маърифатию таҳқиқотӣ бедор мекунад. Ин шавқ асоси ташаккули таркибҳои муҳим, ба монанди маромнокии маърифатӣ, хотира ва таваҷҷуҳи ихтиёрӣ, заминаҳои инкишофи фикррониии мантиқиро ташкил медиҳад. Пеш аз истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар кори ислоҳӣ мо силсилаи конспектҳои бевосита фаъолияти таълимиро оид ба ҳамаи қисмҳои барнома таҳия кардем, ки онҳо пурмазмун гардондани ҷараёни таълим, ҳавасманд ва ҷалб намудани кӯдаконро имконпазир мегардонанд. Супоришҳо ва видеомаводи дуруст интихобшуда, ки бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ намоиш дода мешаванд, бояд ба баланд бардоштани маромнокии кӯдакон ба машғулиятҳо мусоидат кунанд. Пеш аз оғози кор педагог вобаста ба мавзӯи омӯхташаванда ва фаъолияти дарпешистода кӯдаконро ба вазъияти бозӣ ҷалб менамояд, муносибати мусбати эмотсионалиро ба кор ташкил мекунад, қоидаҳои бозиро мефаҳмонад. Ҳар як машғулият бо истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ бояд на кам аз 20-25 дақиқа давом карда, сохтори анъанавӣ дошта бошад.

Марҳилаи омодагӣ. Дар ин марҳила ҳавасмандии кӯдакон ба кор бедор гардида, тасаввурот инкишоф меёбад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо аз маводи аёнию дидактикӣ истифода бурда мешавад.

Марҳилаи асосӣ. Ба кӯдакон шарҳи иловагӣ пешниҳод карда мешавад, ки онҳо бояд чиро дарк кунанд. Вақти гузарондан 7-10 дақиқа. Ин марҳила бо истифода технологияҳои мултимедӣ гузаронда мешавад.

Марҳилаи ниҳоӣ. Муҳокимаи якҷояи натиҷаи кор гузаронда мешавад ё кӯдакон ба фаъолияти бозӣ ҷалб гардида, якҷоя натиҷаҳои

кори компютерӣ (расмкашӣ, нақшакашӣ, афсонанависӣ, шеъразёдкунӣ ва ғ.)-ро истифода мебаранд. Ҳангоми гузарондани чунин машғулиятҳо бо кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта чунин бартариҳо мушоҳида шуданд:

- иттилооте, ки бо ёрии технологияҳои мултимедӣ дар шакли бозӣ пешниҳод мешавад, шавқи зиёди кӯдаконро бедор мекунад;

- иттилооти образнок ба кӯдакон, хусусан ба кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта фаҳмотар аст;

- динамика, садо ва мултипликатсия доштани технологияҳои мултимедӣ ба кӯдакон бештар диққатҷалбкунанда аст;

- фаъолияти маърифатии кӯдаконро ҳавасманд гардонда мешавад;

- инфиродикунонии таълим таъмин карда мешавад;

- моделсозии вазъиятҳои ҳаёт, ки онҳоро дар зиндагии ҳаррӯза дидан номумкин аст, имконпазир мегардад;

- ба кӯдаки имкониятҳои маҳдуддошта мусоидат мекунад, ки дар ҷараёни кор бо компютер боварӣ ба худро ҳосил намояд.

Ҳангоми истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар кори ислоҳию инкишофдиҳанда бо кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта ҷиҳатҳои мусбати инкишоф мушоҳида шуданд, аз ҷумла:

1. Баланд бардоштани сатҳи инкишофи фаъолияти маърифатӣ. Беҳтар шудани таваҷҷуҳ, хотира ва айнан такрор кардан. Инкишофи қобилияти ҷамъбаст ва муқоиса. Ташаккули тасаввуроти маконӣ ва беҳтар шудани функсияҳои нутқ.

2. Баланд бардоштани сатҳи инкишофи ҷараёнҳои психикию маърифатӣ дар самтҳои зерин: суръати иҷрои амалиётҳои фикрӣ, кӯтоҳ шудани вақти ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли вазифаи гузошташуда; таваҷҷуҳи устувор (давомнокии таваҷҷуҳ), ҷалб ва равона кардани он; фаъолияти таҳлилию синтезӣ.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаи томактабӣ ҳангоми кор бо кӯдакони

имкониятҳои маҳдуддошта дастоварди шахсии кӯдак ва дар маҷмуъ ташкилоти таълими томактабӣ аст. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни таълим имкониятҳои татбиқи методологияҳои навро дар амалияи педагогӣ васеъ гардонда, ба инкишофи мақсадноки кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта мусоидат мекунад ва имкон медиҳад, ки ҷараёни таълим ва инкишофи кӯдак самараноктар гардад, инчунин имкониятҳои нави таълимиро на танҳо барои худи кӯдак, балки барои педагог ҳам муҳайё менамояд.

Барои ҳавасмандгардонии кӯдакон, даркшаванда ва самаранок гардондани таълим усулҳои ғайристандартӣ, барномаҳои инфиродии инкишоф ва технологияҳои инноватсионӣ заруранд. Технологияҳои компютерӣ аз яке чунин инноватсияҳо буда, вақтҳои охир дар соҳаи таълими махсус ҳамчун воситаҳои мутобиқшаванда ва осон инфиродикунонидаи таълим васеъ истифода бурда мешаванд.

Ҳамин тавр, дар ҷараёни ислоҳию таълимӣ истифода бурдани технологияҳои махсуси компютерӣ, ки қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи кӯдакони нуқсони умумии инкишофи нопурраи нутқидоштаро ба назар мегиранд, имкон медиҳад, ки самаранокии кори ислоҳӣ баланд бардошта шавад, ҷараёни омодасозии кӯдакони синни томактабӣ ба саводомӯзӣ тезонида шавад, пайдошавии нуқсонҳои дуюмдараҷаи нутқи хаттии онҳо пешгирӣ гардида, хавфи номутобиқии иҷтимоии мактаббачагони хурдсол паст карда шавад.

Такмили ҷараёни таълимию ислоҳӣ бо ёрии ТИК дар кор бо кӯдакони нуқсони нутқидошта ва ҷараёнҳои маърифатӣ бо мубрамияти ҳамин масъала муайян мегардад.

Технологияҳои нави компютерӣ, тавре О. И. Кукушкина қайд мекунад, пеш аз ҳама, бо мақсади ислоҳи нуқсонҳо ва инкишофи умумии кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта истифода бурда мешаванд. Истифодаи техникаи компютерӣ мутобиқгардонии ҷараёни педагогӣ, инфиродикунонии таълими кӯдакони дар инкишоф нуқсондошта ва ба

таври назаррас баланд бардоштани самаранокии ҳамагуна фаъолиятро имконпазир мегардонад. Дар ҳолати нуқсони умумии инкишофи нопурраи нутқ сохтори мураккаби нуқсон бо зарурати гузарондани кори ислоҳии нақшавию мунтазам бо такя ба намудҳои ҳимоятпазири идрок муайян мегардад. Тавре Р. Ф. Абдеев ва В. П. Беспалко қайд мекунанд, компютер дар ҷараёни иҷро ва назорати фаъолият имкониятҳои васеъро барои истифодаи системаҳои гуногуни анализаторӣ фароҳам меорад. Аз ҷумла визуализатсияи таркибҳои асосии нутқи шифоҳӣ дар намуди намунаҳои барои кӯдак дастрас фаъолгардонии механизмҳои ҷуброниро дар асоси идроки биноӣ имконпазир мегардонад. Ба ин кори якҷояю ҳамоҳанги анализаторҳои таҳрикӣ, шунавоӣ ва биноӣ ҳангоми иҷрои супоришҳои барномаи компютерӣ низ мусоидат мекунад.

Кукушкина О.И. қайд мекунад, ки воситаҳои муосири техникӣ лоиҳасозии технологияҳои усулан нави педагогиро, ки дар равишҳои системавӣ, фаъолиятӣ, полисенсорӣ ва интерактивии таъсири ислоҳӣ асос ёфтаанд, имконпазир мегардонанд. Дар натиҷаи фаъолгардонии механизмҳои ҷубронӣ дар асоси намудҳои ҳимоятпазири идрок ва инкишофи маромнокии мусбат онҳо самаранокии ислоҳи нуқсонҳои нутқ ва бартараф кардани нуқсонҳои дуюмдараҷа, инчунин инкишофи умумии кӯдаконро баланд мебардоранд.

Компютер, ки иқтидору имкониятҳои зиёди бозӣ ва таълимӣ дорад, ба кӯдак таъсири назаррас мерасонад, вале ба монанди ҳамагуна техника он худбаҳогузоришаванда нест ва танҳо ба воситаи таъсири мақсаднок ташкилшудаи педагог, кӯдак ва компютер ба натиҷаи мусбат ноил шудан мумкин аст.

Л. П. Гурева дар таҳқиқотҳои психологии худ муайян намуд, ки компютерикунонӣ таъсири ҳам мусбат ва ҳам манфӣ дошта метавонад. Аз ин рӯ, масъалаи хусусиятҳои муоширати кӯдак ва компютер диққати асосиро талаб мекунад.

Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар кори логопедӣ маромнокии таълимии кӯдакони синни томактабии дар инкишофи психикӣ ақибмондаро беҳтар гардонда, шавқи онҳоро ба машғулиятҳо бедор мекунад ва машғулиятҳоро ба воситаи моделсозии муҳити компютерииислоҳию инкишофдиҳанда, ки ба ташаккули паҳлуҳои просодикӣ, фонетикӣ ва фонематикии нутқ; воситаҳои лексикию грамматикии забон имкон фароҳам меорад, шавқовар, ҷавобгӯи талаботи муосир ва таъсирбахш мегардонад. Бояд гуфт, ки истифодаи технологияҳои компютерӣ ҳангоми гузарондани кор бо кӯдакони нуқсондошта хусусияти полифунксионалӣ дорад. Яъне, на танҳо азхудкунии донишҳо ва инкишофи сифатҳои асосии кӯдакон мувофиқи ҳадафҳои гузарондани машғулиятҳо рӯй медиҳад, балки инкишофи таваҷҷуҳ, ҳамоҳангии биноию таҳрикӣ ва фаъолнокии маърифатӣ низ сурат мегирад. Инчунин танзими ихтиёрии фаъолияти кӯдакони синни томактабӣ инкишоф меёбад: маҳорати тобеъ гардондани фаъолияти худ ба талаботу қоидаҳои додашуда, боздошта тавонистани шиддати эмотсионалӣ, банақшагирии амалҳо ва пешбинӣ кардани натиҷаҳои онҳо. Истифодаи компютер ба кӯдак имкон медиҳад, ки то дараҷаи муайян ба дурустии иҷрои супоришҳо мустақилона баҳо дода, натиҷаҳои амалҳои худро дар монитор бинад.

А.С. Макаренко менависад: “Кӯдак ба бозӣ рағбат дорад ва онро қонеъ гардондан лозим аст. Ба ӯ на танҳо барои бозӣ кардан вақт додан, балки бо ин бозӣ рангорангии тамоми ҳаёти ӯро таъмин кардан лозим аст. Тамоми ҳаёти ӯ бозӣ аст”. Яке аз самтҳои муҳими таълими ислоҳӣ бозии дидактикӣ буда, он дар кори педагогҳо оид ба таълими хониш ва ташаккули мафҳумҳо дар бораи воситаҳои лексикию грамматикии забон, инчунин малакаҳои калимасозии кӯдакони дар инкишофи психикӣ ақибмонда ёрӣ мерасонад. Мувофиқи мавзӯъҳои лексикӣ маҷмуи бозиҳое истифода бурда мешаванд, ки доираи васеи тағирпазирӣ

ва серамалӣ доранд. Бозии дидактикӣ бо истифодаи ТИК самти нави кори боғчаи кӯдакон аст.

Истифодаи презентатсияҳои мултимедӣ ва машқу бозиҳои интерактивӣ, ки мустақилона бо ёрии барномаи Power Point таҳия шудаанд, самти фаъоли татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни кор ба шумор меравад.

Презентатсияи мултимедӣ – технологияи замонавӣ ваояндадори иттилоотию рекламавӣ. Силсилаи таҳияшавандаи иборат аз аудио, видео ва расмҳо дарки таъсирбахш ва шавқовари иттилоотро таъмин мекунад.

Дар истифодаи презентатсияҳои мултимедӣ бартариҳои зеринро фарқ мекунанд: ғунҷоиши иттилоотӣ, мухтасарӣ, дастрасӣ, аёнӣ, ҷолибияти эмотсионалӣ, зудҳаракатӣ, серамалӣ.

Истифодаи воситаҳои асбобию презентатсионӣ имкон медиҳад, ки таъсири аёният ба машғулият дохил карда шавад ва ба кӯдаке, ки ба таълими ислоҳӣ ниёз дорад, барои зудтар ва пурра азхудкунии мавод ёрӣ мерасонад. Презентатсияҳо ба педагог-дефектолог барои пешниҳоди ҷолиби иттилооти бодиққат таҳияшуда имкон фароҳам меоранд. Аёният далели асосии истифодаи презентатсияҳои мултимедӣ аст. Тавре хуб маълум аст, инсон иттилоотро бо ёрии узвҳои ҳис: биноӣ, шунавоӣ, маза, шомма, ламс дарк мекунад. Мувофиқи таҳқиқотҳо, зиёда аз 80% иттилоотро мо тавассути анализаторҳои биноӣ ва шунавоӣ мегирем. Биноӣ ва шунавоӣ шабакаҳои аз ҳама тавоно ва самараноки фиристодан ва гирифтани иттилоотанд. Ҳар қадар пешниҳоди иттилоот равшану гуногун бошад, ҷараёни азхудкунии он ҳамон қадар самараноктар мешавад. Технологияҳои муосири графикию видеоӣ ва презентатсияҳои мултимедӣ ба педагог-дефектолог имкон медиҳанд, ки хусусиятҳои фарққунанда ва хосиятҳои алоҳидаи предмету падидаҳои омӯхташавандаро то ҳадди имкон воқеӣ нишон диҳад. Презентатсияҳои мултимедӣ имкон медиҳанд, ки иттилоот на танҳо бо паиҳамии барои идрок мувофиқ пешниҳод карда шавад, балки образҳои овозию визуалӣ

самаранок ба ҳам мутобиқ гардонда шуда, рангҳои асосӣ ва мувофиқати рангҳо, ки муносибати мусбати кӯдакони синни томактабиро ба иттилооти пешниҳодшаванда ба вуҷуд меоранд, интихоб гарданд. Истифодаи презентатсияҳои мултимедӣ дар ҷараёниислоҳию таълимӣ ба дарки пурра ва беҳтар азёдкунии мавод мусоидат мекунад. Илова бар ин, чор намуди хотираи кӯдакон дар бар гирифта мешавад: биноӣ, шунавоӣ, таҳрикӣ ва робитавӣ. Дар асоси онҳо дар ҷараёни кори ислоҳӣ малакаҳои дурусти шунавоию нутқии кӯдакон ва дар оянда худназораткунии нутқ, шунавоӣ ва узвҳои дигар ташаккул меёбанд.

Яке аз унсурҳои муҳими презентатсияҳои намунавӣ барои кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта аниматсия аст. Визуализатсияи иттилоот дар экрани монитор дар намуди образҳо ва рамзҳои мултипликатсионии барои кӯдакон дастрас сурат мегирад. Алоқаҳои устувори визуалию кинестетикӣ ва визуалию аудиалии шартан рефлектории системаи марказии асаб (СМА) шакл мегиранд. Дар асоси онҳо малакаҳои дуруст ташаккул меёбанд, инчунин шавқ ба таҳсил меафзояд, ки ин ба азхудкунии хушсифати маводи нав мусоидат мекунад.

Инчунин видеопорчаҳо, нақшаҳо ва моделҳои интерактивиро ба сифати мултимедиа-сарчашмаҳо истифода бурдан мумкин аст. Вазифаи слайд-шоу ва видеопорчаҳои гуногун – ба кӯдакон нишон додани лаҳзаҳо аз ҷаҳони атроф, ки мушоҳидаи онҳо бевосита душвориҳоро ба вуҷуд меорад. Вазифаи нақшаҳо ва моделҳо – пешниҳоди аёни ҷараёнҳо дар табиати беҷон, ба монанди ивазшавии фаслҳои сол, гардиши об ва ғ.

Ба шарофати суръати баланди навсозии маводи дидактикӣ дар экран вақт барои машғулиятҳо хеле сарфа шуда, барои ноил шудан ба натиҷаҳои беҳтар имконият пайдо мешавад.

Ҳамин тавр, презентатсияҳои мултимедӣ ба машғулиятҳо таъсири аёниятро дохил карда, маромнокиро меафзоянд ва ба ҳамкории зичтари педагог-дефектолог ва кӯдак мусоидат мекунанд. Ба шарофати паиҳам пайдошавии тасвирҳо дар экран кӯдакон барои иҷрои бодиққат ва

пурраи машқҳо имкон меёбанд. Истифодаи аниматсияҳо ва лаҳзаҳои ҳайратовар ҷараёни ислоҳиро шавқовар ва таъсирнок мегардонад. Кӯдакон на танҳо аз педагог-дефектолог, балки аз тарафи компютер ҳам дар намуди расмҳо-мукофотҳои овоздор таҳсин мегиранд.

Ташкили фаъолияти таълимӣ бо кӯдакон бо истифодаи ТИК риояи принсипҳои муайяни дидактикиро талаб мекунад, ки мо имрӯз онҳоро бо мазмуни нав пурра мегардонем.

*Принсипи фаъолнокии* кӯдак дар ҷараёни таълим яке аз принсипҳои асосӣ дар дидактика буд ва мемонад. Бо истифодаи ТИК ва ҳавасмандгардонии фаъолияти маърифатии кӯдакон шавқи онҳоро ба машғулиятҳои логопедӣ аз ҳисоби наву воқеӣ ва серамал будани тасвирҳо ва истифодаи таъсирҳои аниматсионӣ зиёд гардондан мумкин аст.

Мақсади ягонаи *принсипи асоснокии илмӣ ва татбиқшавии амалӣ* – мусоидат ба кӯдакон барои азхудкунии донишҳои ҳақиқӣ, ки воқеиятро дуруст инъикос мекунанд. Истифодаи ТИК имкон медиҳад, ки маводи иттилоотӣ (нусхаи чопии расмҳо, видеопорчаҳо ва аудиосабтҳо) дар намуди мултимедӣ воқеӣ ва беғалат пешниҳод карда шавад.

*Принсипи ташкили ҷараёни таълим бо истифодаи шаклҳои ба синну соли кӯдакон мувофиқи корро* татбиқ карда, мо маводи аёнӣ ва усулҳои ташкили фаъолияти таълимиро мувофиқи сатҳи омодагии кӯдакон, хусусиятҳои синнусолии онҳо ва бо назардошти хусусиятҳои кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд интихоб менамоем.

*Принсипи маҷмуию мавзӯии ташкили ҷараёни таълим* аз он иборат аст, ки азхудкунии маводи таълимӣ бо тартиб ва низоми муайян сурат мегирад. Презентатсияҳои мултимедӣ мувофиқи нақшаи мавзӯӣ интихоб мешаванд.

*Принсипи равиши полисенсории нуқсонҳои нутқ.* Кори ислоҳи патологияҳои гуногунро бо такя ба идроки биноӣ ва шунавоӣ гузарондан мумкин аст.

*Принсипи ҳифзи саломатӣ.* Ҳангоми истифодаи барномаҳои компютерӣ дар машғулиятҳо қоидаҳои кори бехатар бо компютерро риоя карда, ҷиҳатҳои манфиро низ ҳангоми кор бо техника ба назар гирифтан лозим аст. Агар кӯдак нуқсонҳои неврозӣ ва биноӣ дошта бошад, масъалаҳо дар машғулиятҳои компютерӣ эҳтиёткорона ҳал карда мешаванд, чунки компютер шиддати ин нуқсонҳоро зиёд гардонда метавонад.

Инчунин ҳангоми кор бо кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта талаботҳои санитарию гигиенӣ, техникӣ, эргономикӣ ва эстетикиро риоя кардан лозим аст.

Қоидаҳои зеринро риоя кардан зарур аст:

- машғулиятҳо бо истифодаи компютер бояд бо кӯдакони синни томактабии 5-7 сола на зиёда аз 3 маротиба дар як ҳафта ва бо давомнокии 10-15 дақиқа на зиёда 1 маротиба дар як рӯз гузаронда шаванд. Дар ҷараёни машғулиятҳо гимнастикаи ҳатмӣ барои чашмон гузаронда мешавад;

- дар машғулиятҳои зергурӯҳӣ ва рӯ ба рӯ таҷҳизоти махсус истифода бурда мешавад: проектори мултимедӣ ва экран;

- ташкили дурусти ҷои корро таъмин кардан лозим аст: ба қади кӯдак мувофиқ будани мебел, сатҳи кифояи рӯшноӣ;

- экрани видеомонитор ҳангоми гузарондани машғулиятҳои инфиродӣ бояд дар сатҳи чашмони кӯдак ва дар масофаи дуртар аз 50 см қарор дошта бошад;

- таҳранги презентатсияро якранга, диққатро аз мазмуни слайд дурнакунанда, роҳатбахш ва аз рангҳое, ки ба биноӣ халал намерасонанд, интихоб намудан лозим аст. Баъзан таҳранг дар давоми презентатсия якчанд маротиба иваз мешавад, чунки ин нигоҳ доштани таваҷҷуҳи беихтиёронаи кӯдаконро имконпазир мегардонад;

- тасвирҳои калону воқеӣ ва бе ҷузъиёту таъсирҳои махсуси барзиёдро истифода бурдан лозим аст;

- истифодаи муътадили таъсирҳои махсус ба нигоҳ доштани тавաҷҷуҳ ёрӣ расонда, шавқро меафзояд ва кайфияти мусбати эмотсионалиро ба вуҷуд меорад.

Ҳоло технологияҳои зиёди компютерии шавқовару муфид ва бозиҳои дорои хусусияти инкишофдиҳандаю таълимӣ барои кӯдакон ва методикаҳои истифодаи онҳо дар боғчаҳои кӯдакон таҳия шудаанд.

Намудҳои гуногуни бозиҳои компютериро дар ҷараёни кор истифода бурда, бозиҳои оддиро иваз накарда, балки онҳоро такмил дода, ба ҷараёни педагогӣ имкониятҳои навро илова кардан мумкин аст.

*Бозиҳои инкишофдиҳандаи* типи “кушода” барои ташаккул ва инкишофи қобилиятҳои умумии ақлии кӯдакон, мақсадгузорӣ ва қобилияти онҳо барои фикран муқоиса кардани амалҳои худ бо амалҳо ва тасвирҳо дар бозии компютерӣ барои инкишофи тахайюл, тасаввур ва инкишофи эмотсионалию ахлоқӣ истифода бурда мешаванд. Ин намуди бозиҳо восита барои эҷодкорӣ ва хештангароии кӯдак мебошанд.

Аз байни барномаҳои инкишофдиҳанда намудҳои гуногуни таҳриргарони графикӣ, аз ҷумла “расмкашакҳо”, “рангкунакҳо”, конструкторҳо истифода бурда мешаванд, ки онҳо барои озодона расм кашидан дар экран бо хатҳои росту каҷ, шаклҳои геометрии фосиладору яклухт, ранг кардани ҷойҳои сарбаста, гузоштани расмҳои тайёр ва тоза кардани тасвирҳо имконият фароҳам меоранд.

Яке аз тавсифҳои муҳими бозиҳои компютерӣ функсияи омӯзишӣ аст. Малакаҳои муайяни кӯдакони синни томактабии нуқсонҳои гуногундоштаро бо истифодаи *бозиҳои инкишофдиҳандаи* дидактикӣ (типи “баста”) ташаккул додан мумкин аст, ки дар ин бозиҳо ҳалли як ё якчанд супоришҳои дидактикӣ дар намуди бозӣ пешниҳод карда мешавад. Ба ин синфи бозиҳо дохил мешаванд: бозиҳо вобаста ба ташаккули тасаввуроти серамал барои сарфаҳм рафтан ба сатҳ ва макон; бозиҳо вобаста ба тарбияи эстетикӣ ва ахлоқӣ; бозиҳо вобаста ба

тарбияи экологӣ; бозиҳо бо таснифоти асосӣ ва синтезу таҳлили мафҳумҳо.

Дар *бозиҳо-озмоишҳои* пешниҳодшаванда мақсад ва қоидаҳои бозӣ дар сюжет ё тарзи идораи онҳо ниҳонанд. Аз ин рӯ, кӯдаки имкониятҳои маҳдуддошта барои бомуваффақият ҳал кардани супориши бозӣ бояд бо истифодаи амалҳои ҷустуҷӯӣ ба мақсад ва тарзи амал сарфаҳм равад, ки ин калиди муваффақияти умумии ҳалли супориши бозӣ аст.

*Бозиҳо-шӯхиҳо* барои ба кӯдакон фароҳам овардани имконияти вақтхушӣ, истироҳат, иҷрои амалҳои ҷустуҷӯӣ ва дар экран дидани натиҷа дар намуди ягон "микромултик" истифода бурда мешаванд.

Бозиҳо ва машқҳои ташхисӣ барои муоинаи функсияҳои психикӣ, инчунин шунавоӣ, нутқ ва биноии кӯдакон истифода бурда мешаванд.

Ҳамин тавр, кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта (дараҷаи сабук) дар бозиҳои компютерӣ бозӣ карда, банақшагирӣ, ташкили мантиқи унсури ҳодисаҳо ва тасаввуроти мушаххасро ёд мегиранд ва дар онҳо қобилияти пешгӯии натиҷаи амалҳо ташаккул меёбад. Ин ба кӯдакон барои азхудкунии асосҳои фикрронии назариявӣ мусоидат мекунад, ки ҳангоми ба мактабхонӣ омода кардани кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта (дараҷаи сабук) ҷиҳати муҳим ба шумор меравад.

Масалан, истифодаи бозиҳои компютерӣ ба инкишофи ҳамаи паҳлуҳои нутқи кӯдаки дар инкишофи психикӣ ақибмонда таъсири ҷиддӣ мерасонад:

- инкишофи давомнокӣ ва қувваи нафасбарорӣ бо нутқ;
- баландӣ (шиддатнокӣ) ва лаҳни садо;
- ташкили суръатнокию мавзунии нутқ;
- кор бо баёни интонатсионии нутқ;
- ислоҳи талаффуз ва тафриқаи овозҳо;
- кор бо таркиби овозию ҳарфии калима;
- ташаккули маънои лексикию ҷамъбастии калима;

- ташаккули ҷиҳати лексикию грамматикии нутқ, васеъгардонии захираи луғавӣ;

- кор бо инкишофи нутқи равон;

- ташаккули малакаи хониш.

Дар хотир доштан лозим аст, ки ҳар як бозӣ барои ташкили маҷмуию мавзӯии фаъолияти таълимӣ бо кӯдакони маъюб мувофиқ аст. Аз ин рӯ, слайд–филмҳо ва презентатсияҳои компютерии муаллифиро бо назардошти хусусиятҳои инкишофи кӯдакони синни томактабии нуқсонҳои гуногундошта таҳия кардан мумкин аст.

Ҳангоми таҳия ва истифодаи презентатсияҳои мултимедӣ хусусиятҳои хоси машғулиятҳои ислоҳии ҳар як намудро ба назар гирифтан лозим аст, аз ҷумла: *машғулиятҳои инфиродӣ, зергурӯҳӣ ё рӯ ба рӯ.*

Маводи аёнӣ ва дидактикиро бо назардошти хусусиятҳои гурӯҳ ва мавзуи мушаххас мустақилона таркиббандӣ карда, машғулиятро тавре ташкил кардан лозим аст, ки таъсири то ҳадди имкон таълимӣ ҳосил шавад.

Дар асоси принсипи маҷмуию мавзӯии ташкили ҷараёни таълим системаи машғулиятҳо бо истифодаи презентатсияҳои мултимедӣ оид ба ҳамаи мавзуъҳои ислоҳии банақшагирии ояндадор ва бо назардошти намуди маъюбияти кӯдак ташкил карда мешавад.

Кор бо компютер дар машғулиятҳои ислоҳӣ якчанд хусусиятҳо дорад. Он аз рӯи вояҳо барои ҳалли супоришҳои муайян дохил карда мешавад. Сохтор ва методикаи машғулият дар ин сурат вайрон намешавад. Танҳо баъзе бозиҳо ё машқҳо иваз мешаванд.

Дар кори ислоҳӣ бо кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта аз ТИК ҳамчун як қисми фаъолияти таълимӣ истифода бурдан мумкин аст, вале дар машғулиятҳои хотимавӣ ё ҷамъбастӣ ТИК ба таври доимӣ истифода шуда метавонанд.

Ҳангоми ташкили машғулиятҳо бисёр вақт қаҳрамонҳои афсонаҳо ва мултфилмҳо истифода бурда мешаванд, ки онҳо ба кӯдакон барои ҳалли супоришҳои душвор ёрӣ мерасонанд. Кӯдакон бо онҳо ҳамдард шуда, хоҳиши ёрирасониро баён мекунанд (Гург, Бузак, Шалғам ва ғ.).

Ҳамаи фаъолияти якҷояи ислоҳиро дар муҳити дӯстона ва осуда гузарондан лозим аст. Кӯдакони дар инкишоф ва рафтор нуқсонҳои гуногундошта “аз асорат озод шуда”, шавқмандона иттилооти навро аз худ мекунанд.

Бартарии истифодаи презентатсияҳои мултимедӣ дар фаъолияти таълимӣ аз он иборат аст, ки онҳо омодагии маромноки кӯдаконро ба таҳсил меафзоянд ва агар дар ин сурат ба дунёи афсона фурӯ рафтани кӯдак рӯй диҳад, ин ҳавасмандии иловагии фаъолияти маърифатӣ аст.

Истифодаи презентатсияҳои мултимедӣ дар кори ислоҳӣ хасташавии кӯдаконро пешгирӣ карда, фаъолнокии маърифатии кӯдакони патологияҳои гуногуни нутқидоштаро тақвият медиҳад ва самаранокии кори логопедиро дар маҷмуъ меафзояд.

Масалан, дар машғулиятҳои саводомӯзии кӯдакони нуқсонҳои нутқидошта барои азёдкунии тавсифҳои акустикии овоз ба слайд нақшаи таҳлил ҷойгир карда мешавад: квадратчаи кабуд – ҳамсадои сахт, квадратчаи сабз – ҳамсадои нарм, зангӯлача – ҳамсадои ҷарангдор ва ғ. Муайян намудани ҷои овоз дар калима низ барои кӯдакон ба сабаби абстракт будани мавод супориши душвор аст. “Панҷарачаҳо-хоначаҳо”-и ба ҳама маълум – ифодаи рамзии калима – ба слайд ҷойгир карда мешавад ва садо баъди ҷавоби кӯдак ҷои худро меёбад. Дар машғулияти инфиродӣ ба кӯдак имконияти сохтани нақшаи калима аз квадратчаҳои гуногунранг бо истифодаи “мушак” фароҳам оварда мешавад.

Якчанд презентатсияҳоро сохтан мумкин аст, ки дар онҳо бо ёрии аниматсия аз ҳарфҳо калимаи “парешон”-ро ҷамъ овардан лозим аст.

Моделсозии анъанавии ҷумла бо ёрии рахчаҳо ба слайди презентатсия ҷойгир карда мешавад. Кӯдакон калимаҳоро мехонанд ва

бо истифодаи нақшаи пешниҳодшуда аз онҳо ҷумла месозанд. Ҳамзамон якчанд супоришҳо ҳал карда мешаванд, ба монанди тафриқаи мафҳумҳои “ҷумла” – “калима”, мутобиқгардонии калимаҳо дар ҷумла ва бисёр амалҳои дигар.

Таълими хондан аз якҷоя намудани ҳарфи садонок бо ҳарфи ҳамсадо оғоз меёбад. Кӯдак садонокро то лаҳзае кашола мекунад, ки он дар экран бо пайроҳа ба сӯи ҳамсадо меравад. Баъдан ба таълими хондани ҳиҷоҳо (ҳамсадо-садонок) гузаштан лозим аст, ки дар ин ҷо ҳамсадоро дарозтар талаффуз кардан мумкин аст (масалан, С, М, Ш). Ҷадвалҳои ҳиҷоиро бо қаҳрамон (занбӯрак, санҷобак, шабпарак, чархболча ва ғ.) бисёртар истифода бурдан лозим аст, ки дар ин ҷо қаҳрамон дар рӯи ҳарфҳо ё ҳиҷоҳо ҳаракат мекунад ва ягон калима ҳосил мешавад, масалан, фаҳмидан мумкин аст, ки қаҳрамон чӣ ном дорад ё кадом расмро ёфтан даркор аст (барои фаҳмидани матни хондашуда).

Ҳангоми гузарондани машғулиятҳои инфиродӣ ва рӯ ба рӯ бо истифодаи ТИК барои пешгирии хасташавӣ, инчунин барои гузариш аз як намуди фаъолияти ба намуди дигари он аз технологияҳои ҳифзи саломатӣ истифода бурдан мумкин аст: гимнастикаи артикулятсионӣ, биноӣ ва нафасӣ, машқҳо барои инкишофи моторикаи умумӣ ва хурд.

Тавре таҷриба нишон медиҳад, ҳангоми гузарондани *гимнастикаи артикулятсионӣ* кӯдак аз такрори бисёркаратаи ҳамон як ҳаракатҳо дар назди оина зуд хаста мешавад. Аз ин рӯ, ба ӯ презентатсияҳоеро пешниҳод кардан лозим аст, ки дар онҳо баъди машқҳои дуруст иҷрошуда дар экран ягон амали ҳавасмандкунанда рӯй медиҳад. Масалан, Гург аз филми тасвирии “Бузаки ҷингиллапо” пайдо шуда, ғуррос мезанад.

Истифодаи ТИК дар фаъолияти таълимӣ ба баланд бардоштани фаъолнокии маърифатии кӯдакон мусоидат мекунад. Дар онҳо шавқу рағбат ба фаъолияти таҳқиқотӣ ва фаҳмидани алоқаҳои сабабу натиҷаи

падидаҳо пайдо мешавад. Дар кӯдакони гурӯҳи тайёрӣ амалиёти мантиқӣ, ба монанди таҳлил, синтез ва ҷамъбаст ташаккул меёбанд.

Баланд бардоштани сатҳи маромнокии маърифатӣ имкон медиҳад, ки фаъолнокии шунавоӣ ва нутқӣ, хоҳиши сухан гуфтан, баёни фикри худ, мулоҳизаронӣ ва хулосабарорӣ афзоиш ёбад.

Ин ҷанбаи муҳим ҳангоми ба мактаб омода кардани кӯдакон ва иҷтимоикунонии онҳо дар гурӯҳ аст.

Кор бо ТИК ба педагог-дефектолог чунин хулосабарориро имконпазир мегардонад, ки истифодаи ТИК дар машғулиятҳои ислоҳӣ ба баланд бардоштани самаранокии кори ислоҳӣ, мутобиқгардонии ҷараёни таълим, инфиродикунонии таълими кӯдакони нуқсонҳои гуногундошта, инчунин ба ташаккули муваффақиятнокии кӯдакон, афзоиши маромнокӣ, ба таври назаррас кӯтоҳ кардани вақти бартараф намудани нуқсонҳои гуногун мусоидат мекунад. Барои ин гузарондани машғулиятҳои фосилавиро бо истифодаи ТИК ва сайтҳои интернетӣ дар ҷараёни кор бо кӯдакони синни томактабии имконияҳои маҳдуддошта ба нақша гирифтан лозим аст. Инчунин омӯзиши амиқ, истифодаи таҷҳизоти интерактивӣ ва барномаҳои махсусро, ки барои сохтани бозиҳои мукаммали компютерӣ заруранд, ба назар гирифтан лозим аст.

Бозиҳои компютерӣ, ба фарқ аз дигар бозиҳо ва намудҳои фаъолият, дидани натиҷаи тасаввурот ва бозии худ, барқарор намудани ҷараён, динамикаи эҷод, татбиқи тамоюлҳои имконпазире, ки дар шароитҳои анъанавӣ зоҳир шуда наметавонанд (масалан, ба сабаби ташаккул наёфтани малакаҳои графикӣ), таъсири яклухт ба соҳаи маромнокӣ (якҷоя бо истифодаи садо, ранг, ҳаракати объектҳое, ки кӯдак идора мекунад), татбиқи принсипи худназораткуниро имконпазир мегардонанд. Ҳамаи ин шавқи ҳам кӯдакон ва ҳам калонсолонро ба бозиҳои компютерӣ бедор карда, имкон медиҳад, ки имкониятҳои кӯдак дар соҳаҳои зеҳнӣ ва маромнокию эмотсионалӣ мақсаднок ва самаранок ҳавасманд ва фаъол гардонда шаванд.

Истифодаи ТИК ба педагог-дефектолог барои фароҳам овардани муҳити роҳати психологӣ дар машғулиятҳо, инчунин барои тезондани ҷараёни ислоҳӣ ва беҳтар гардондани самаранокии он мусоидат мекунад.

Дар ҷараёни машғулиятҳо бо истифодаи компютер кӯдакони синни томактабии имкониятҳои маҳдуддошта бартараф намудани душвориҳо, назорати фаъолияти худ ва баҳодиҳии натиҷаҳоро ёд мегиранд. Вазъияти проблемавии додашударо бартараф намуда, кӯдак ба натиҷаҳои мусбат ноил шудан ва ба мақсади гузошташуда тобеъ гардондани амалҳои худро ёд мегирад. Истифодаи воситаҳои компютерии таълим ба педагог-дефектолог барои ташаккули сифатҳои иродаи кӯдакони синни томактабӣ, ба монанди мустақилӣ, омодагӣ, бодиққатӣ, босабрӣ, инчунин барои бедор кардани ҳисси ҳамдардӣ ва ёрирасонӣ ба қаҳрамони барнома мусоидат мекунад. Рафтори кӯдак дар машғулиятҳо фаъолу мустақилона шуда, аз ҳама асосӣ, худбаҳодиҳии ӯ меафзояд.

Ҳамин тавр, технологияҳои мултимедиро дар қатори воситаҳои анънавии инкишоф ва тарбияи кӯдакон ба ҷараёни кори ислоҳии таҳсилоти томактабӣ дохил кардан мумкин аст. Ба шарти истифодаи мунтазами воситаҳои мултимедӣ дар ҷараёни таълим дар мувофиқат бо усулҳои анъанавии таълим онҳо омили муҳими такмили инкишофи зеҳнӣ ва эмотсионалии кӯдак, инчунин тақвиятдиҳандаи инкишофи қобилиятҳои эҷодии ӯ шуда метавонанд.

Истифодаи ТИК имкон медиҳад, ки фаъолияти таълимӣ дар сатҳи баланди эстетикӣ ва эмотсионалӣ (расмҳо, аниматсия, мусиқӣ) ба роҳ монда шуда, миқдори зиёди маводи дидактикӣ истифода гардида, дар маҷмуъ, сифати таълими инклюзивӣ баланд бардошта шавад.

## 2.2.Мақсад ва вазифаҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-компютерӣ дар раванди корҳои ислоҳӣ-педагогӣ

Дар замони муосири пешрафти техникаю технологияҳои иттилоотӣ ба яке аз воситаҳоиояндадори дар асоси интернет, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва системаҳои зеҳнии компютерӣ ба насли оянда имкониятҳои паҳнкунии озодонаи донишҳо ва маълумоту маводи гуногунро фароҳам меоранд.

Дар ин асос, ба насли оянда зарур аст худро ба муҳити нави иҷтимоӣ мутобиқ гардонад, муҳите, ки дар он иттилоот ва донишҳои илмӣ омилҳои асосии муайянкунандаи иқтидори ҷамъият ва дурнамои рушди он мебошанд.

Истифодаи системаҳои ягонаи иттилооти ҷаҳонӣ татбиқи технологияҳои иттилоотиро дар соҳаи маориф таъмин мекунад: муҳити ягонаи таълим ташаккул меёбад, талаботи инсон ба муошират, дастрасӣ ба захираҳои умумии ғайримоддӣ, сарфаҳмравӣ ба ҳаҷми зиёди иттилоот ва коркарди он меафзояд. Иттилоотикунонии соҳаи маориф фароҳам овардани шароитҳои мусоиди дастрасии озод ба иттилооти фарҳангӣ, таълимӣ ва илмиро барои муаллимон ва донишҷӯён тақозо мекунад. Инчунин, ба назар гирифтан лозим аст, ки иттилоотикунонии соҳаи маориф бояд пеш аз иттилоотикунонии дигар самтҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ба роҳ монда шавад. Зеро маҳз дар ин ҷо барои рушди иҷтимоӣ, психологӣ, умумифарҳангӣ, инчунин барои рушди касбии сохти нави ҷамъият заминаҳо фароҳам оварда мешаванд. Технологияҳои иттилоотиро ҳамчун унсур ва функсияи ҷамъияти иттилоотӣ, ки ба танзим, нигаҳдорӣ, дастгирӣ ва такмили системаи идораи ҷамъияти нави шабакавӣ равона шудааст, баррасӣ кардан мумкин аст.

Агар дар муддати асрҳо иттилоот ва дониш дар асоси қоидаю дастурҳо, урфу одатҳо ва расму оинҳои фарҳангӣ аз насл ба насл интиқол меёфтанд, имрӯз бошад технологияҳо нақши асосиро мебозанд ва

ҷараёни иттилоотро дар сатҳҳои  глобалӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ танзим мекунанд.

Технологияҳои иттилоотӣ дар ташаккули сохтори технология ва баланд бардоштани соҳаи маориф нақши асосиро иҷро карда, дар ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, аз ҷумла дар оиладорӣ ва истироҳату фароғати инсон фаъолона татбиқ мешаванд.

Ҳама гуна муассисаю ташкилот ва ширкатҳо дар фаъолияти худ ҳамеша бо ҷараёнҳои зиёди иттилоот сарукор мегиранд: иттилооти байналмилалӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, соҳавӣ, технологӣ, иҷтимоӣ ва ғ. Илова бар ин, аз аксарияти ҷараёнҳои иттилоотиро ҳамонеро интихоб кардан лозим аст, ки ба ҳадафҳои гузошташуда мутобиқ бошад. Иттилооти босифат кору амали мутахассисони соҳаҳои гуногунро мувофиқи мақсад ва самаранок мегардонад.

Дар шароитҳои мавҷуда нақши технологияҳои иттилоотӣ беш аз пеш аҳамияти хоса касб мекунад.

Дар асоси қатъномаи ЮНЕСКО, технологияҳои иттилоотӣ аз маҷмуи фанҳои ба ҳам алоқаманди илмӣ, технологӣ ва муҳандисӣ иборат буда, ин фанҳо методҳои ташкили самараноки меҳнати одамонеро, ки ба коркард ва нигаҳдории иттилоот сарукор доранд; техникаи ҳисоббарор ва методҳои ташкили ҳамкорӣ бо одамон ва таҷҳизоти истеҳсолӣ, татбиқи амалии ин таҷҳизот, инчунин масъалаҳои ба ин вобастаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро меомӯзанд. Технологияҳои иттилоотӣ омодагии пурра, хароҷоти зиёди ибтидоӣ ва техникаи илман асоснокро талаб намуда, татбиқи онҳо бояд аз ташкили таъминоти математикӣ ва ташаккули ҷараёнҳои иттилоотӣ дар системаҳои омодасозии мутахассисон оғоз гардад.

Хусусиятҳои асосии технологияҳои иттилоотии муосир:

- коркарди компютерии иттилоот аз рӯи алгоритмҳои додашуда;
- нигаҳдории ҳаҷми зиёди иттилоот дар мошинҳои сабткунанда;

- фиристодани иттилоот ба масофаи дур дар давоми вақти маҳдуд [3].

Ба маънои васеъ технологияҳои иттилоотиро ҳамчун системаи методу усулҳои ҷамъоварӣ, андӯхт, нигаҳдорӣ, ҷустуҷӯ, коркард, таҳлил ва пешниҳоди маълумот, иттилоот ва донишҳо бо истифодаи воситаҳои дастгоҳию барномавӣ ва мувофиқи талаботи пешгузоштаи истифодабарандагон фаҳмидан лозим аст.

Бояд гуфт, ки мафҳумҳои «маълумот» , «иттилоот» ва «дониш» ба ҳам монанд нестанд ва аз якдигар фарқ мекунанд. Ҳангоми таснифу тафсири ин мафҳумҳо таърифи онҳоро ба таври зерин тартиб додан мумкин аст: далелҳои сабтшавандаю даркшавандаи ҷаҳони атроф маълумотҳоро дар бар мегиранд. Ҳангоми истифодаи маълумотҳо дар ҷараёни ҳалли вазифаҳои мушаххас иттилоот ба вуҷуд меояд. Натиҷаҳои ҳалли вазифаҳо ва иттилооти (маълумоти) дурусту санҷидашуда, ки дар намуди қонун, назария ва маҷмуи андешаю тасаввурот ҷамъбаст карда шудаанд, донишҳоро дар бар мегиранд.

Технологияҳои иттилоотӣ фаъолгардонӣ ва истифодаи самараноки захираҳои иттилоотии ҷамъиятро, ки имрӯз омили муҳими дурнамои рушди он ба шумор меравaнд, имконпазир мегардонанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки фаъолгардонӣ, паҳнсозӣ ва истифодаи самараноки захираҳои иттилоотӣ (донишҳои илмӣ, кашфиёту ихтироот, технологияҳо ва таҷрибаи пешқадам) сарфаҷӯии намудҳои дигари захираҳо: маҳсулоти хом, энергия, канданиҳои фоиданок, масолеҳу таҷҳизот, захираҳои инсонӣ ва вақти иҷтимоиро таъмин мекунанд.

Технологияҳои иттилоотӣ мутобиқгардонӣ ва дар бисёр ҳолатҳо автоматикунонии ҷараёнҳои иттилоотиро, ки солҳои охир дар фаъолияти ҷамъиятии инсон мавқеи зиёд касб мекунанд, имконпазир мегардонанд. Ба ҳама маълум аст, ки пешрафти тамаддун ба самти ташаккули ҷамъияти иттилоотӣ сурат мегирад ва дар ин ҷамъият объекту натиҷаҳои меҳнати аксарияти аҳолии машғули кор аллакай на

арзишҳои моддӣ, балки асосан иттилоот ва донишҳои илмӣ ба шумор мераванд. Ҳоло дар аксарияти кишварҳои пешрафта қисми зиёди аҳолии машғули кор ба андозаи муайян ба ҷараёнҳои омодасозӣ, нигаҳдорӣ, коркард ва фиристодани иттилоот вобастагӣ доранд. Бинобар ин, зарурати омӯхтану истифодаи амалии технологияҳои иттилоотӣ пайдо мешавад.

Ҷараёнҳои иттилоотӣ унсури муҳими дигар ҷараёнҳои мураккабтари истеҳсолӣ ё иҷтимоӣ мебошанд, аз ин рӯ, аксар вақт технологияҳои иттилоотӣ ба сифати унсурҳои технологияҳои дахлдори технологӣ ё иҷтимоӣ баромад мекунанд. Илова ба ин, онҳо одатан функсияҳои аз ҳама муҳим – функсияҳои «зеҳнии» ин технологияҳоро татбиқ менамоянд. Системаҳои лоиҳакашии автоматикунонидаи маҳсулоти саноатӣ, истеҳсолоти тағйирпазири автоматикунонида ва роботикунонида, системаҳои автоматикунонидаи идораи ҷараёнҳои технологӣ ва ғ. ба ин мисол шуда метавонанд.

Технологияҳои иттилоотӣ имрӯз дар таъмини ҳамкории иттилоотӣ дар байни одамон, инчунин дар системаҳои таҳия ва паҳн намудани иттилооти оммавӣ нақши муҳим мебозанд. Дар баробари воситаҳои анъанавии алоқа (телефон, радио ва телевизион) дар соҳаи иҷтимоӣ системаҳои телекоммуникатсияи электронӣ, почтаи электронӣ, фиристодани ахбор тавассути алоқаи факсимилӣ ва намудҳои дигар алоқа васеъ истифода бурда мешаванд. Ин воситаҳо ба фарҳанги ҷамъияти муосир зуд мутобиқ мешаванд, зеро онҳо на танҳо шароитҳои мусоидро фароҳам меоранд, балки мушкилиҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва маиширо, ки дар натиҷаи ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии ҷамъияти ҷаҳонӣ, густариши робитаҳои дохилию байналмилалии иқтисодӣ ва фарҳангӣ, муҳоҷирати фаъолонаи аҳолӣ дар саросари сайёра ба вуҷуд меоянд, бартараф мекунанд.

Технологияҳои иттилоотӣ имрӯз дар ҷараёни зеҳникунонии ҷамъият ва пешрафти соҳаҳои маорифу фарҳанг мавқеи марказиро касб

мекунанд. Амалан дар ҳамаи кишварҳои пешрафта ва тараққикунанда таълими компютерӣ ва телевизионӣ, барномаҳои таълимӣ дар дискҳои оптикӣ ва технологияҳои мултимедӣ ба хусусиятҳои ибтидоии на танҳо муассисаҳои таҳсилоти олӣ, балки мактабҳои оддии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна табдил меёбанд. Истифодаи технологияҳои иттилоотии таълимӣ барои худомӯзӣ, таълими давомдор ва барои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо усули самаранок ба шумор меравад.

Имрӯзҳо технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёнҳои омӯхтан ва андӯхтани донишҳои нав ҳам нақши асосиро мебозанд. Дар баробари ин, ба ивази усулҳои анъанавии дастгирии иттилоотии таҳқиқоти илмӣ бо роҳи ҷамъоварӣ, тасниф ва паҳнсозии иттилооти илмию техникӣ, усулҳои наве татбиқ карда мешаванд, ки бар истифодаи имкониятҳои нави дастгирии иттилоотии илмҳои бунёдию амалӣ асос ёфтаанд ва ин имкониятҳоро технологияҳои иттилоотии муосир фароҳам меоранд.

Усулҳои муосири омӯхтан ва андӯхтани донишҳо бар назарияи зеҳни сунъӣ, методҳои моделсозии иттилоотӣ ва графикаи маърифатии компютерӣ асос ёфта, ҳалли вазифаҳои душвор ва вазифаҳоеро, ки иттилооти нопурра ва маълумоти ибтидоии ноаниқ доранд, имкопазир мегардонанд.

Аҳамияти барои марҳилаи муосири пешрафти ҷамъият комилан муҳими рушди технологияҳои иттилоотӣ аз он иборат аст, ки истифодаи онҳо барои ҳалли масъалаҳои глобалии инсоният, пеш аз ҳама, масъалаҳо вобаста ба зарурати бартараф намудани бухрони тамаддуни глобалӣ, ки оламро дар ташвиш гузоштааст, ба таври назаррас мусоидат карда метавонад. Зеро маҳз методҳои моделсозии иттилоотии ҷараёнҳои глобалӣ, хусусан дар мувофиқа бо методҳои мониторинги иттилоотии кайҳонӣ, аллакай имрӯз имконияти пешгӯии бисёр ҳолатҳои бухрониро дар минтақаҳои шиддати баланди иҷтимоӣ ва сиёсӣ, инчунин дар ҷойҳои офатҳои экологӣ, фалокатҳои табиӣ ва садамаҳои калони технологӣ, ки ба ҷамъият хатари зиёд доранд, таъмин карда метавонанд [3].

Технологияҳои иттилоотӣ аз рӯи усулҳои пешниҳоди иттилооте, ки истифодабарандагон бо он сарукор доранд, фарқ мекунанд. Дар адабиёт оид ба коркарди иттилоот чунин таснифи технологияҳои иттилоотӣ, ки барои татбиқи вазифаҳои муайян пешбинӣ шудаанд, шакл гирифтааст (технологияҳои иттилоотии таъиноти функсионалӣ):

- коркарди маълумот (аз ҷумла коркарди иттилооти ҷадвалӣ);
- коркарди матнҳои хаттӣ;
- коркарди иттилооти графикӣ — графикаи мошинӣ (корӣ ва касбӣ);
- коркарди тасвирҳо;
- коркарди нутқи шифоҳӣ;
- ирсол ва тақсимоти иттилоот;
- мултимедиа-технологияҳо, ки технологияҳои дар боло номбаршударо дар бар мегиранд.

Назар ба технологияҳои иттилоотӣ технологияи коркарди матнҳо васеъ истифода бурда мешаванд, ки аз ҷараёнҳои зерин иборатанд:

- ворид кардани матн ба компютер (асосан бо ёрии клавиатура);
- таҳрири матни воридшуда, сабти вариантҳои мобайнӣ ва ниҳоии матн;
- гирифтани матнҳои нав бо роҳи тақсими порчаҳои пешакӣ омодашуда;
- чопи матни тайёр ё ба истифодабарандаи дигар фиристодани он, масалан ба воситаи почтаи электронӣ.

Дар байни технологияҳои графикаи мошинӣ, графикаи корӣ ва касбиро фарқ мекунанд. Графикаи корӣ имконияти кор бо графикаи функсия, диаграмма ва нақшаҳои ташкилиро фароҳам оварда, пешниҳоди возеҳтари иттилоотро таъмин мекунад. Қисми дигари технологияи графикаи мошинӣ кор бо нақшаҳои электронӣ аст. Дар ин технологияҳо таҳриргарони графикиро истифода бурдан мумкин аст.

Технологияи коркарди тасвирҳо ҳангоми таҳияи бозиҳои компютерӣ васеъ истифода бурда мешавад. Он имкони дар экран

пешниҳод кардани тасвиреро, ки дар хотираи компютер сабт шудааст, фароҳам меорад. Барои ин рамзгузории тасвир бо рамзҳои равшанӣ ва рангҳои нуқтаҳои алоҳидаи он истифода бурда мешавад. Тасвирро таҳрир кардан, ба он объектҳои нав дохил кардан, порчаҳоро ҷудо кардан ва андозаи онҳоро тағйир додан мумкин аст. Дигар усули имконпазири рамзгузории тасвир графикаи « векторӣ» буда, он тасвирро бо ёрии нуқтаҳои ба ҳам пайваст пешниҳод мекунад.

Технологияи коркарди нутқи шифоҳӣ шинохтани фонемаҳо, калимаҳо ва ҷумлаҳоеро, ки инсон талаффуз мекунад, сабти матни ҳосилшуда ва синтези нутқро аз рӯи матни хаттии додашуда имконпазир мегардонад.

Ирсол ва тақсими иттилоот ё технологияҳои коммуникатсионӣ ба яке аз технологияҳои муҳимтарин тааллуқ доранд, зеро маҳз бо ёрии онҳо дар ҷамъият муҳити ягонаи иттилоотиро фароҳам овардан мумкин аст.

Мултимедиа-технологияҳо ду ва ё зиёда аз он технологияҳои асосиро аз қатори технологияҳои дар боло номбаршуда дар бар мегиранд ва истифодаи воситаҳои барномавиеро, ки бо овоз, тасвири видеоӣ ва ғ. кор мекунанд, имконпазир мегардонанд.

Дар баробари технологияҳои иттилоотии таъиноти функсионалӣ, инчунин як қатор технологияҳои иттилоотии таъиноти мавзуиро, ки барои ҳалли вазифаҳои мушаххас дар соҳаи муайяни мавзуӣ (масалан, соҳаи тиб ё соҳаи бонкӣ) пешбинӣ шудаанд, ҷудо кардан мумкин аст.

Технологияҳои иттилоотии таъиноти муҳим дар байни технологияҳои иттилоотии таъиноти функсионалӣ ва технологияҳои иттилоотии таъиноти мавзуӣ мавқеи мобайнӣ доранд, яъне барои ҳалли вазифаҳои намунавию амалӣ пешбинӣ шуда, инҳоро дар бар мегиранд:

- системаҳои иттилоотию ҷустуҷӯӣ;
- базаи маълумот ва донишҳо;
- системаҳои экспертӣ;

- системаҳои чопи рӯимизӣ;

- системаҳои таҳқиқоти илмии автоматикунонида;

- системаҳои лоиҳакашии автоматикунонидашуда ва ғ.[3].

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар кори иҷтимоӣ бо гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ дар кишвари мо ҳоло нав ҷараён гирифта, дар ин соҳа аллакай муваффақиятҳои муайян ба даст омадаанд. Мутаассифона, дар доираи ин таҳқиқот ҳамаи самтҳои кори иҷтимоиро, ки дар онҳо технологияҳои иттилоотӣ истифода бурда мешаванд, муфассал шарҳ додан номумкин аст. Бинобар ин, танҳо ба баъзе аз ин самтҳо диққат дода мешавад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар кори иҷтимоӣ бо гурӯҳҳои гуногуни маъюбон, аз ҷумла кӯдакон аҳамияти калон дорад.

Маъюбӣ мушкили як шахс ё ҳатто як қисми аҳолӣ набуда, балки дар маҷмуъ мушкили ҳамаи ҷамъият ба ҳисоб меравад. Мувофиқи маълумоти СММ, ҳар як шахси даҳум дар сайёра маъюбӣ дошта, як нафар аз байни 10 шахс нуқсони ҷисмонӣ, ақлӣ ё сенсорӣ дорад ва на камтар аз 25% аҳолӣ аз иллатҳои гуногуни саломатӣ азоб мекашанд. Тахминан як оилаи иборат аз чор нафар дар ҳайати худ шахси дорои имкониятҳои маҳдуд дорад.

Дар ҳолатҳои бухронӣ аҳволи маъюбон бад мешавад ва онҳо вобастагӣ, осебпазирӣ ва танҳоии худро сахт эҳсос мекунанд. Дар ин вақт шароитҳои зиндагии одамони дорои имкониятҳои маҳдудро мутобиқ намудан лозим аст, то ин ки онҳо қобилиятҳои имконпазири худро барои мутобиқшавӣ ба воқеиятҳои нав ва бартараф намудани душвориҳои гуногуни иҷтимоӣ пурра истифода бурда тавонанд. Ҷамъият вазифадор аст, ки стандартҳои мавҷудаи худро ба талаботи махсуси одамони дорои имкониятҳои маҳдуд мутобиқ гардонад, то онҳо мустақилона зиндагӣ ва кор карда тавонанд [8].

Барои маъюбоне, ки бемориҳои узвҳои такяю ҳаракат доранд, инчунин барои ҳамон гурӯҳи маъюбоне, ки бо сабаби бемориҳои гуногун

имкониятҳои маҳдуди ҳаракат доранд, равзана ба ҷаҳон маҳз ба шарофати технологияҳои иттилоотӣ боз шуда метавонад. Барои чунин одамон доштани компютери фардӣ ва дастрасӣ ба интернет бисёр муҳим аст. Зеро маҳз дар интернет шахси дорои имкониятҳои маҳдуд метавонад иттилооти заруриро пайдо кунад, дар саросари ҷаҳон ба таври виртуалӣ сайру саёҳат намояд, бо одамони гуногун дӯст шавад ва бо ҳамтақдирони худ муошират кунад. Ҳамаи ин барои он муҳим аст, ки шахси маъюб худро осебпазир ва яккаву танҳо ҳис накунад.

Кӯдакони маъюб имконияти дар мактабҳои муқаррарӣ таҳсил карданро надоранд, онҳо ба таври фосилавӣ таҳсил мекунанд. Барои таъмини самаранокии таълими фосилавӣ низ ба онҳо доштани компютери фардӣ бо маҷмӯи барномаҳои махсус, ки ба талаботи шахсии онҳо мутобиқ гардонда шудаанд, хеле зарур аст. Ин талабот ба ҷавонони маъюб ҳам барои гирифтани маълумоти олии пурра ва мутобиқшавии минбаъдаи онҳо ба ҷамъият дахл дорад.

Масалан, технологияҳои иттилоотиро дар ҷараёни таълими кӯдаконе, ки маъюбии биноӣ доранд низ самаранок истифода бурдан мумкин аст. Хусусияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълими чунин кӯдакон бо системаи махсуси талаботи санитарию гигиенӣ ва психофизиологӣ муайян мегардад. Ба ғайр аз ин, шабакаи визуалии иттилоотӣ дар системаи технологияҳои номбаршуда ҷои асосиро ишғол мекунад. Бинобар ин, на ҳамаи технологияҳоеро, ки дар системаи таълими фосилавӣ мавҷуданд, дар таълими кӯдакони биноияшон суст истифода бурдан мумкин аст ва истифодаи баъзе аз ин технологияҳо хусусиятҳои муайян дорад.

Ҷои шубҳа нест, ки дар ҷараёни кори педагогӣ бо чунин кӯдакон имконияти истифодаи технологияҳое, ки иштироки анализатори биноиро талаб мекунанд, хеле кам аст. Ин танҳо барои кӯдакони биноияшон қисман солим ва кӯдакони биноияшон суст имконпазир мегардад.

Барои ин категорияи донишомӯзон технологияҳои иттилоотиро, пеш аз ҳама, ба сифати воситаи тамрини анализатори биноӣ истифода бурдан мумкин аст. Барои кӯдаконе, ки гурӯҳи 1 ва гурӯҳи 2-и маъюбии биноӣ доранд, тренажёрҳои махсуси компютериро истифода бурдан мумкин аст. Ин тренажёрҳо барои инкишоф додани гнозиси биноӣ пешбинӣ шудаанд. Бинобар ин, тренажёрҳои электрониеро сохтан мумкин аст, ки онҳо ба донишомӯзон маҷмуи машқҳои махсус оид ба инкишофи функсияҳои рангҳискунӣ, сабти биноӣ, танзими доираҳои биноӣ, дарки морфологӣ ва монанди инро пешниҳод карда метавонанд.

Барои ҳамин гурӯҳи кӯдакони маъюб иттилооти визуалиро қисман дар ҷараёни таълим истифода бурдан мумкин аст. Ин кӯдакон аз экрани компютер иттилооти матниро, ки андозааш на камтар аз 40-50 мм аст ва расми канораҳояш равшану андозааш мувофиқро, ки ҷузъиёти хурд надорад, дар таҳманзари возеҳ хонда ва муқоиса карда метавонанд.

Масалан, бо мақсади барқароркунии сенсории кӯдакони биноияшон қисман солим ва кӯдакони биноияшон суст кори инкишофи аудио-видеоӣ аз рӯи системаи НАСА дар асоси технологияҳои нави иттилоотӣ пешбинӣ шудааст.

Тавре қайд шуд, дар ҷараёни таълими кӯдакони маъюб истифодаи маводи шабакаи глобалии компютерӣ - интернет аҳамияти хоса дорад. Бевосита ҳангоми кор бо кӯдаконе, ки маъюбии биноӣ доранд, технологияҳои IP-телефония, аудиои паиҳам ва маводи аудиофайлҳоро истифода бурдан мумкин аст.

Дар шароитҳои дастрасии дур алоқаро бо муаллим ё бо аъзоёни гурӯҳи виртуалӣ барои кӯдакони нобино, кӯдакони биноияшон қисман солим ва кӯдакони биноияшон суст бо ёрии воситаҳои дар боло номбаршуда ба роҳ мондан мумкин аст. Ин тарзи кор ба ҳалли яке аз вазифаҳои муҳими методии таълими кӯдакони маъюб – таъмини мутобиқати коммуникативӣ мусоидат мекунад. Танҳо ба ҳамин тарз алоқаи баръаксро дар муошират таълимӣ дар низоми Off-line ва On-line

ҳангоми дастрас набудани почтаи электронӣ, чат-семинар ва чат-машварат ташкил кардан мумкин аст.

Дар таълими кӯдакони нобино, кӯдакони биноияшон қисман солим ва кӯдакони биноияшон суст маводи аудиоӣ аҳамияти зиёд дорад, ки онро вобаста ба вазифаҳои мушаххаси таълимӣ дар вариантҳои зерин таҳия кардан мумкин аст:

- аудиолексия;
- аудиотренажёр;
- аудиоматн;
- аудиокитоб;
- аудиобозӣ [3].

Аудиолексия сабти аудиоии маводи назариявии таълимӣ буда, аз рӯи принсипи воситаи классикии таълимӣ дар шакли коғазӣ таҳия шудааст. Ҳангоми сабти он талаботи махсусро нисбат ба тасвири интонатсионии расм ба назар гирифтан лозим аст: интонатсия бояд ба мазмуни маводи пешниҳодшаванда мувофиқ бошад. Масалан, иттилооти таълимӣ дар бораи ҷараёнҳои ҷамъиятии таърихи давлат бояд бо суръати миёна ва мунтазами нутқ, бе муболиғаи расми оҳангдор, бе кашиш ва кӯтоҳ кардани фосилаҳо ва монанди ин пешниҳод карда шавад. Аудиолексияро дар ҷараёни таълими инфиродӣ ва гурӯҳӣ бо иштироки муаллиме, ки мазмуни онро шарҳ медиҳад ва муҳокимаи натиҷаҳои аудиолексияро ташкил мекунад, инчунин дар кори мустақилона истифода бурдан мумкин аст.

Аудиотренажёр аз маҷмуи саволу вазифаҳои мухтасар баёншуда, ки баъди фосилаи муайяни вақт ва бо риояи вақти муайяни зарурӣ барои ҷавоб/ҳал сабт шудаанд, иборат аст. Аудиотренажёрро ҳам ба мисли аудиолексия дар ҷараёни таълими инфиродӣ ва ҳангоми кор дар доираи гурӯҳи анъанавии таълимӣ истифода бурдан мумкин аст. Ҳангоми кор дар гурӯҳ аудиотренажёр ба донишомӯзон имконияти кори инфиродиро фароҳам оварда метавонад, ки дар ҷараёни он донишомӯзон ҳамавақт аз

муаллим ёрдам пурсида метавонанд. Имконияти истифодаи таълими инфиродӣ барои кӯдаки маъюб, ки на танҳо нуқсони ҷисмонӣ, балки нуқсони хусусияти шахсӣ ҳам дорад (вобаста ба маҳдуд будани алоқаҳои иҷтимоӣ), шароити қулай ва бароҳати таълимӣ аст.

Аудиоматн аз аудиотренажёр бо он фарқ мекунад, ки ба донишомӯз ё муаллим имконияти санҷиши дурустии ҷавоб фароҳам оварда мешавад. Аудиоматнро барои назорати берунӣ ва худназораткунӣ истифода бурдан мумкин аст. Дар шароитҳои назорати берунӣ аудиоматн ҷавобҳои донишомӯзонро бо ёрии сабти аудиоӣ ба қайд гирифта, ба муаллим ё аъзоёни гурӯҳи виртуалӣ имкон медиҳад, ки дурустии ин ҷавобҳоро бисанҷанд. Бо мақсади худназораткунии донишомӯзон системаи баёни ҷавобро аз рӯи матнҳои шакли пӯшида ташкил кардан мумкин аст. Илова бар ин, ба сабаби душвории техникии таъмини ҳамшаклии сигналҳои овозӣ, ки барои баёни ҷавоб зарур аст, донишомӯзон ҷавоби баёншударо тавассути шабакаҳои кинестезӣ пешниҳод карда метавонанд, масалан, бо миқдори муайяни кликҳои тугмаи мушак ё бо зер кардани клавиши муайян.

Аудиокитоб аз сабти аудиоии ҳамагуна маводи иловагии ҷараёни таълим иборат аст. Масалан, сабти сӯҳбат бо забони хориҷӣ, баёни аудиоии матни асари бадеӣ ва ғ. Ҳангоми сабти аудиокитоб, ба фарқ аз аудиолексия, расми оҳангдор бояд равшан ва баъзан ҳатто бо муҳобот бошад (масалан, ҳангоми сабти сӯҳбат бо забони хориҷӣ). Калимаҳое, ки барои кӯдак наванд, бояд бурро талаффуз карда шаванд ва мазмуни матн бояд обуранги маҳорати актёрӣ дошта бошанд. Ҳолати мобайниро дар байни аудиокитоб ва воситаи таълими инфиродӣ маълумотномаи электронӣ ишғол мекунад. Ҷараёни таҳияи он басо меҳнатталаб аст. Зеро системаҳои ҷустуҷӯӣ барои ёфтани объектҳои муайяни иттилоотӣ бояд ба дарки импулсҳои овозӣ ё кинестетикӣ мутобиқат дошта бошанд. Бинобар ин, таҳияи маълумотномаҳои электронии хурдҳаҷм бо доираи маҳдуди соҳавӣ ва луғатҳои мавзӯӣ мувофиқи мақсад аст [3].

Яке аз хусусиятҳои асосии фаъолияти педагогӣ ҳангоми кор бо кӯдакони маъюб зарурати донистани принсипҳои ислоҳии таълим, хусусиятҳои бозсозии ҳамкории анализаторҳо, инчунин донистани моделҳои психологию педагогӣ мебошад.

Дар чунин низоми таълим истифодаи воситаҳои электронии таълим яке аз воситаҳои таълими махсус ва технологияҳои барқароркунӣ ба шумор рафта, аз маҷмуи махсуси сохтору чорабиниҳои ташкилӣ ва методу воситаҳои доимӣ иборат мебошанд, ки татбиқ ва азхудкунии барномаҳои таълимиро дар ҳаҷм ва бо сифати пешбининамудаи стандартҳои давлатии таълим ба таври мувофиқ таъмин карда, андешидани чораҳоро вобаста ба бартарафсозӣ ё ҷуброни пурраи маҳдудиятҳои фаъолияти ҳаётӣ, ки дар натиҷаи зарар дидани саломатӣ бо нуқсонҳои устувори функсияҳои организм пайдо шудаанд, имконпазир мегардонанд. Фаъолияти барқароркунӣ ва таълимӣ бо назардошти маҳдудиятҳои дар соҳаи маориф амалкунанда ва мувофиқи муҳлатҳои таълим, таъминоти моддию техникӣ, тахассуси кормандон, иқтидори зеҳнӣ, таълимӣ, барқароркунии донишомӯзон ва талаботи махсуси таълимии онҳо ба роҳ монда мешавад.

Ҷараёни таълими шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд аз хусусиятҳои зерин иборат буда, онҳоро бо таҳия ва истифодаи воситаҳои электронии таълим қисман бартараф кардан мумкин аст:

- норасогии синфхона ва таҷҳизоти махсус;

- номунтазамии имконпазири иштирок дар машғулиятҳои таълимӣ вобаста ба маҳдудиятҳои ҳаракат (мавҷуд набудани пандус);

- ихтисосри микдори соатҳои сарбории таълимӣ;

- раванд ва реҷаи эҳтиётии таълим;

- норасогӣ ва ё маҳдудияти имкониятҳои инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ;

- норасогӣ ва ё маҳдудияти имкониятҳои иттилоотӣ ва тасвирии омӯзгорон дар ҷараёни таълим [13].

Бо пешрафти тамаддун беш аз пеш аён мегардад, ки доираи шароитҳои барои инсон арзандаи ҳаёт ба одамони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, ки мустақилона таҳсил карда наметавонанд, тангтару маҳдудтар мешавад. Агар пештар сабабҳои нобаробарии иҷтимоиро ба пайдоиш ва доштани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, моликият ва даромад, мақом дар сохтори иҷтимоии ҷамъият вобаста медонистанд, имрӯз сатҳи фарҳанги иттилоотӣ ба омили табақабандӣ табдил меёбад. Пас, дарояндаи наздик тақдири ҳар як инсони мушаххас ба он вобаста мешавад, ки ӯ то куҷо метавонад иттилооти навро саривақт ёбад, ба даст орад, комилан мутобиқ дарк кунад ва самаранок истифода барад.

Бохабарӣ барои инсон, ба сабаби бемориҳои гуногуни маҳдудкунандаи ҳаракати озодона ва муошират, барқароршавандагӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ, таълими мукаммал ва фаъолияти касбӣ, иштироки фаъол дар ҳаёти ҷамъият аст. Дар шароитҳои ҳозира технологияҳои иттилоотӣ ба ин мусоидат мекунанд.

Мутаассифона, ҳоло кишвар имкониятҳои кофӣ надорад, ки ба таври зарурӣ дастрасии ин гурӯҳи аҳолиро ба технологияҳои иттилоотӣ таъмин намояд. Вале умедворем бо қабули қонунҳои дахлдор ва таҳияю татбиқи барномаҳои мақсаднок ин монеаҳо дар наздиктарин мӯҳлат бартараф хоҳанд гардид.

Дар замони муосири пешрафти техникаву технологияҳои нави иттилоотӣ (ТНИ) ба яке аз воситаҳои ояндадори кори ислоҳию инкишофдиҳанда бо кӯдакони нуқсони нутқидошта табдил ёфтаасту ин ба раванди таҳсилот фарогири кишвари мо низ тадриҷан ворид гардида истодааст. Компютерикунонии саросарӣ шаклҳои наву ҳанӯз таҳқиқнашудаи таълимро боз мекунад. Онҳо ба имкониятҳои беназири электроника ва телекоммуникатсияи муосир вобастаанд [47].

Истифодаи ТНИ дар педагогикаи ватанию хориҷӣ дар муқаррароти заминавии психологию педагогӣ ва методологии таҳиянамудаи Л. С.

Виготский, П. Я. Галперин, В. В. Давидов, А. В. Запорожетс, А. Н.Леонтев, А. Р. Лурия, Д.Б . Элконин ва дигарон асос ёфтааст.

Технологияҳои компютерӣ ба радифи воситаҳои самараноки таълим, ки бештар дар педагогикаи махсус истифода мегарданд, дохил мешаванд. Солҳои охир дар бораи мазмуну шакл, усулҳои таълими махсус ва хусусияти фикрронии касбии мутахассисон баҳсҳои ошкоро сурат мегиранд. Ҳар як вазифаи нави таълими инкишофдиҳанда ба масъалаи таҳияи усулу воситаҳои ёрирасони таълим табдил меёбад, ки ба даст овардани муваффақиятҳои бештар имконпазирро дар инкишофи кӯдакони талаботи махсуси маърифатидошта таъмин менамояд (И. К. Воробев, М. Ю. Галанина, Н. Н. Кулишов, О. И. Кукушкина ва дигарон) [74].

Бештар таҳлили адабиёти хориҷӣ нишон медиҳанд, ки воситаҳои компютерӣ барои мутахассис на як қисми мазмуни таълими ислоҳӣ, балки маҷмуи иловагии имкониятҳои ислоҳи тамоюлҳо дар инкишофи кӯдакро пешниҳод мекунанд. Ба дефектологе, ки дар ҷараёни кор техникаи компютериро истифода мебарад, лозим аст, ки ду вазифаи асосии таълими махсусро ҳал кунад: ташаккули маҳорати компютеристифодабарии кӯдакон ва истифодаи технологияҳои компютерӣ барои инкишофи онҳо ва ислоҳи нуқсонҳои психофизиологӣ.

Кори ислоҳию тарбиявӣ бо кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта истифодаи барномаҳои компютерии махсус ё мутобиқшуда (асосан таълимӣ, ташхисӣ ва инкишофдиҳанда)-ро пешбинӣ менамояд. Самараи истифодаи онҳо ба салоҳияти касбии омӯзгор, маҳорати истифодаи имкониятҳои нав, дохил кардани ТНИ ба низоми таълими ҳар як кӯдак бо ҳавасмандгардонӣ ва таъмини роҳати психологӣ, инчунин ба пешниҳоди интихоби озоди шаклу воситаҳои фаъолият ба тарбиягиранда вобаста аст.

Вазифаи афзалиятноки истифодаи ТНИ дар педагогикаи махсус на аз таълими асосҳои мутобиқшудаи информатика ва техникаи ҳисоббарор

ба кӯдакон, балки аз тағйири умумии муҳити зисти онҳо ва таҳияи воситаҳои наву илман асоснок барои инкишофи кори фаъоли эҷодӣ иборат аст [74].

Самаранокии таълими кӯдакони нуқсонҳои гуногундошта, аз ҷумла нуқсонҳои нутқидошта, бештар ба дараҷаи таҳияи методикаҳо барои мутахассисони барномаҳои компютерӣ вобаста аст. Омӯзиши адабиёти махсус нишон дод, ки аксарияти таълифот оид ба ин масъала пароканда буда, танҳо баъзе паҳлуҳои татбиқи ТНИ дар ҷараёни ислоҳиро дар бар мегиранд [74].

Муҳим будани такмили ҷараёни таълиму тарбияи ислоҳии кӯдаконе, ки дар натиҷаи осеби маҳдуди системаи марказии асаб ба нуқсонҳои нутқӣ гирифтор шудаанд, бо ёрии технологияҳои компютерӣ ва арзиши илмию амалии ин масъалаҳо аҳамиятнокии таҳқиқоти моро муайян менамояд. Такроран қайд мекунем, ки мавзуи ин таҳқиқот истифодаи барномаҳои компютерӣ дар кори ислоҳию инкишофдиҳанда бо кӯдакони шаклҳои гуногуни вайроншавии нутқидошта аст. Мақсади таҳқиқот – таҳияи маҷмуи усулҳои таъсири логопедӣ тавассути компютер ба ин нуқсонҳо.

Компютер воситаи муосири коркарди маълумот буда, метавонад ҳамчун воситаи пуриқтидори техникии таълим истифода шавад, инчунин дар тарбия ва инкишофи умумии психикии кӯдакони синни томактабӣ нақши ёрдамчии ивазнашавандаро иҷро кунад [28].

Психологҳо қайд мекунанд: ҳар қадар барвақттар кӯдак бо ТНИ шинос шавад, ҳамон қадар камтар монеаи психологӣ миёни ӯ ва компютер пайдо мешавад, чунки кӯдак амалан аз компютер наметарсад, зеро компютер мисли бозича ба кӯдакон шавқовар аст ва аксар вақт онро маҳз мисли бозича қабул қабул мекунанд.

Муоширати кӯдакони синни томактабӣ бо компютер аз бозиҳои компютерӣ, ки бо назардошти синну сол ва самти таълимӣ интихоб шудаанд, оғоз меёбад.

Яке аз вазифаҳои муҳими бозиҳои компютерӣ вазифаи омӯзишӣ аст. Бозиҳои компютерӣ тавре сохта шудаанд, ки кӯдак барои худ на фаҳмиши ягона ё вазъияти мушаххасро тасаввур мекунад, балки тасаввуроти ҷамъбастшударо дар бораи ҳамаи ашё ё вазъиятҳои бо ҳам монанд мегирад. Ҳамин тавр, амалиётҳои муҳими фикрронии ӯ - ҷамъбаст ва тасниф инкишоф меёбанд [76].

Дар компютер бозӣ карда, кӯдак барвақт сарфаҳм меравад, ки ашё дар экран на чизҳои воқеӣ, балки фақат аломатҳои ҳамин чизҳои воқеиянд. Ҳамин тавр, функсияи аломатии шуури кӯдакон инкишоф меёбад, яъне ақидае, ки олам аз якчанд сатҳ иборат аст: чизҳои воқеӣ, расмҳо, нақшаҳо, калимаҳо ё рақамҳо ва ғ.

Дар ҷараёни машғулияти кӯдакон бо компютер хотира ва диққати онҳо беҳтар мешавад. Кӯдакон дар синни барвақтӣ диққати беихтиёрона доранд, яъне онҳо барои ба хотир гирифтани ин ё он мавод бошуурона кӯшиш карда наметавонанд. Фақат агар мавод шавқовар ва муҳим бошад, кӯдак беихтиёрона ба он диққат медиҳанд, он дар ин ҳолат нақши компютер муҳим аст, зеро он маълумотро дар шакли барои кӯдак шавқовар пешниҳод мекунад, ки ин на танҳо ба хотир гирифтани мазмунро метезонад, балки онро фаҳмо ва дарозмуддат мегардонад.

Машғулияти кӯдакон бо компютер на танҳо барои инкишофи зеҳн, балки барои инкишофи моторикаи онҳо ҳам аҳамияти калон дорад. Дар ҳамагуна бозӣ, аз оддитарин то ба мураккаб, кӯдакон бояд бо ангуштон зер кардани клавишҳои муайянро омӯзанд, ки ин мушакҳои хурди дастон ва моторикаи кӯдаконро инкишоф медиҳад. Олимон қайд мекунанд, ки ҳар қадар мо бештар бо ангуштон ҳаракатҳои хурду душворро иҷро кунем, ҳамон қадар кори қисмҳои майнаи сар фаъол мегарданд. Узви биноӣ низ ба мисли дастон дар қишри майнаи сар мавқеи намоён доранд, зеро ҳар кадар мо бодиққаттар ба кор зеҳн монем, ҳамон қадар ба майнаи сари мо фоидаи бештар дорад, чунки ташаккули ҳамоҳангии

ҳаракат ва кори якҷояи анализаторҳои биноӣ дар машғулиятҳои кӯдакон бо компютер ба даст меояд [76].

Муоширaт бо компютер шавқи кӯдаконро дар аввал ҳамчун фаъолияти бозӣ ва баъдан ҳамчун фаъолияти таълимӣ бедор мекунад. Ҳамин шавқ асоси ташаккули сохторҳои муҳим – ҳавасмандии маърифатӣ, хотираи ихтиёрӣ ва диққатро ташкил медиҳад ва маҳз ҳамин сифатҳо омодагии психологии кӯдакро ба мактаб таъмин мекунанд.

Бозиҳои компютерӣ ба кӯдакон бартараф кардани душвориҳо, назорати иҷрои амалҳо ва баҳогузории натиҷаҳоро ёд медиҳанд. Ба шарофати компютер омӯхтани мақсадгузорӣ, банақшагирӣ, назорат ва баҳогузории натиҷаҳои кори мустақилонаи кӯдак тавассути мувофиқати ҷанбаҳои бозӣ ва ғайрибозӣ самаранок мегардад. Кӯдак ба сюжети бозӣ дохил шуда, қоидаҳои онро аз худ мекунад ва онҳоро ба амалҳои худ тобеъ гардонда, барои ба даст овардани натиҷаҳо кӯшиш менамояд. Инчунин амалан бозиҳо қаҳрамонони худро доранд, ки ба онҳо барои иҷрои супориш ёрӣ додан лозим аст. Ҳамин тавр, компютер ба инкишофи на танҳо қобилиятҳои зеҳнии кӯдак ёрӣ мерасонад, балки сифатҳои иродавӣ - мустақилият, омодагӣ, бодиққатӣ ва босабриро ташаккул дода, ба кӯдак ҳисси ҳамдардӣ ва ёрӣ расондан ба қаҳрамонони бозиро меомӯзонад ва муносибати ӯро ба олами атроф такмил медиҳад [1].

Технологияҳои иттилоотии таълим бояд бо назардошти принсипҳои дидактикию классикӣ сохта шаванд. Таълими компютерӣ ду принсипи навро муайян намуд: инфиродикунонии таълим ва фаъолнокӣ. Асосан, технологияи таълими компютерӣ дар ду самт таҳқиқ шуд: визуализатсия (таъмини аёният)-и мазмуни таълимӣ ва алгоритмкунонии фаъолияти таълимӣ. Аммо баррасии сохтори дидактика ҳамчун маҷмуи назарияи принсипҳои дидактикӣ, усулҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ва назарияи умумию мунтазами китоби дарсӣ имкон медиҳад, ки дар ҳар як унсури сохтор таркибҳои умумӣ ва ҷузъӣ вобаста ба технологияи

иттилоотии таълим муайян карда шавад. Якум, технологияи иттилоотии таълим низоми нави методӣ буда, имкон медиҳад, ки хонанда на ҳамчун объект, балки ҳамчун субъекти таълим ва компютер ҳамчун воситаи таълим баррасӣ карда шавад. Таълимгиранда ба зинаи нав мегузарад, зеро аз рӯи шакл таълими компютерӣ инфиродӣ ва мустақилона бошад ҳам, вале мувофиқи методикаи умумӣ сурат мегирад, ки он дар барномаи омӯзишӣ татбиқ шудааст. Компютер ҳамчун воситаи таълим дар таърихи педагогика беназир аст, чунки ҳам воситаи таълим ва ҳам субъекти он – омӯзгорро дар бар мегирад. Тағйири нақшҳо ба бозбинии зиёди назарияи таълим оварда мерасонад. Имрӯз зарурати таҳияи назарияи технологияи дидактикӣ пайдо шудааст, ки он як қисми технологияи иттилоотии таълим аст. Принсипҳои асосии дидактикӣ паиҳам ба ин тарз баррасӣ мегарданд. Илмият мазмунро муайян намуда, ба он дохил кардани на танҳо донишҳои анъанавии илмӣ, балки муқарраароти бунёдии илми муосир, инчунин масъалаҳои дурнамои рушди онро талаб мекунад. Илова ба ин, усулҳои аз худ кардани маводи таълимӣ бояд ба усулҳои муосири илмии идрок комилан мутобиқ бошанд. Усули баёни мунтазами маводи таълимӣ, таркиббандии он, муайян намудани мафҳумҳои асосӣ ва алоқаҳо дар байни онҳо асос барои таҳияи мазмуни барномаи омӯзишии компютерӣ ва яке аз усулҳои муосири идроки илмӣ аст. Намудҳои фаъолияти таълимӣ, ки бо омӯзиши мазмун дар таълими компютерӣ сурат мегиранд, ҷанбаҳои асосии идроки илмиро инъикос мекунанд. Мазмун ҳангоми таркиббандӣ ва муайян намудани сатҳҳои гуногуни душвории омӯзиши он аз тарафи талабаҳо дохил кардани на танҳо мавзӯъҳоеро, ки камтарин сатҳи ҳатмии хонандагон таъмин мекунанд, имконпазир мегардонад, балки, пеш аз ҳама баррасии мафҳумҳои васеи ҳамин фанни таълимиро фароҳам оварда, савияи фаҳмиши кӯдаконро васеъ мегардонад, пасон ин мафҳумҳоро ба фанҳои дигар алоқаманд карда, робитаю сохти онҳо ва тасвири пурраю илмии ҷаҳонро меомӯзад. Истифодаи системаҳои экспертӣ таълимро ба дараҷаи

нави сифат дохил карда, имкон медиҳад, ки амалан дар ҳамагуна муассисаи таълимии компютерикунонидашуда, новобаста аз ҷойгиршавии он, таҷрибаи методӣ ва илмии мутахассисони баландихтисос истифода бурда шавад. Ҳамин тавр, технологияи иттилоотии таълим илмияти мазмунро таъмин мекунад.

Принсипи дастрасӣ дар таълими компютерӣ аз принсипи дастрасии умумӣ барои гурӯҳи муайяни синнусолии кӯдакон ё барои синну соли миёнаи кӯдакон ба принсипи дастрасии инфиродӣ гузашта, ҳамчун имконияти ноил шудан ба ҳадафҳои таълим баррасӣ карда мешавад. Маводи таълимӣ, ки дар таълими компютерӣ татбиқ шудааст, мавҷуд будани қисмҳо, роҳҳои гуногун ва суръатҳои гузаштани машғулиятҳо, ёрирасонӣ дар намуди шарҳҳо ва дастуру супоришҳои иловагиро пешбинӣ намуда, ҳавасмандии талабаро назорат ва дар сатҳи зарурӣ нигоҳ медорад. Дастрасӣ дар таълими компютерӣ нақши такмилдиҳандаи мазмун ва танзимкунандаи ҷараёни таълимро иҷро карда, ба талабаҳо, ки сатҳҳои гуногуни омодагии ибтидоӣ доранд, ноил шудан ба ҳадафҳои таълимро таъмин менамояд.

Дар адабиёт вобаста ба таълими компютерӣ принсипи аёният, ки «аёнияти интерактивӣ» ҳам ном дорад, васеъ баррасӣ карда мешавад. Агар дар фаҳмиши анъанавӣ аёният, пеш аз ҳама, таркиби тасвирӣ ва талаботи талабаро барои фаҳмидани ягон шакли ашё ё падида, иҷрои камтарин амал бо онро фаҳмонад, дар таълими компютерӣ аёният дидани чизеро имконпазир мегардонад, ки онро дар ҳаёти воқеӣ ҳатто бо ёрии асбобҳои дақиқтарин на ҳамеша дидан мумкин аст. Зиёда аз ин, бо объектҳои дар шакли компютерӣ пешниҳодшуда амалҳои гуногунро иҷро карда, на танҳо тасвири беҳаракати онҳоро омӯхтан, балки ҷараёни инкишофи онҳоро дар шароитҳои гуногун таҳқиқ кардан мумкин аст. Илова ба ин, компютер имкон медиҳад, ки қонуниятҳои асосии ашё ё падидаи омӯхташаванда ба қисмҳо тақсим шуда, ҷузъиёти он баррасӣ карда шавад. Шаклҳои гуногуни пешниҳоди объект бо хоҳиши хонанда

бо фармони барнома, бонавбат ва ё бо пешниҳоди тасвирӣ, таҳлилӣ ва забонӣ ҳамдигарро иваз карда метавонанд. Ин мувофиқи вазифаҳои таълим имкон медиҳад, ки маълумот дар бораи объекти омӯхташаванда пурра ва васеъ гардонида шавад. Ҷараёнҳое, ки компютер такмил медиҳад, аз рӯи шаклу мазмун гуногун буда, ба ҷараёнҳои физикӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ, экологӣ ва ҷараёнҳои дигар тааллуқ дошта метавонанд. Принсипи аёният дар технологияҳои иттилоотии таълим ба тафриқаи зиёд дучор гардидааст. Ҳангоми инъикоси объекти ҳассос ба «натурализм» чунки дар барнома бояд на ҳамагуна модел, балки ҳамон моделе пешниҳод карда шавад, ки ба татбиқи ҳадафҳои дидактикии ҳамин барномаи омӯзишӣ мусоидат мекунад; модели таркиби барномаро дар шакле пешниҳод кардан лозим аст, ки алоқаю муносибатҳои муҳими объектро равшан нишон дода тавонад; нишонаҳо ва алоқаю муносибатҳои муҳими моделро дар барнома бо ранг, ҷило, садо ва ғ. комилан мутобиқ сабт кардан лозим аст. Аёнияте, ки компютер таъмин мекунад, дар бораи воситаи тавонои идрок – графикаи маърифатию компютерӣ сухан гуфтанро имконпазир мегардонад, ки он донишро на танҳо дар намуди расму матн пешниҳод мекунад, балки дидани ҳамон донишҳои инсонро иҷозат медиҳад, ки барои онҳо ҳанӯз тасвири матнӣ вуҷуд надорад ё ин донишҳо дараҷаи баланди абстраксияро талаб мекунанд [3].

Принсипи мунтазамӣ ва паиҳамӣ ба таҳияи маводи таълимӣ ва маҷмуи амалҳои талаба барои аз худ кардани ин мавод вобаста аст. Таълими компютерӣ бо паиҳамии амалҳои махсус тавсиф мешавад, ки як қисми онҳо ба таълим дар ҳамагуна шакл ва қисми дигар танҳо ба таълими компютерӣ хос аст. Дарки маълумот аз экран, кор бо моделҳои аломатӣ, навиштани ҷавоб бо клавиатура ба ин амалҳо мисол шуда метавонад. Барои таъмини принсипи паиҳамӣ ба хонандагон дар оғози дарси компютерӣ асоси амалҳоро фаҳмонида, мақсади дарсро муайян

намудан муфид аст. Новобаста ба душворӣ ва дарозии роҳе, ки хонандаро ба мақсад мерасонад, мунтазам ва паиҳам сурат мегирад.

Мафҳуми паиҳамӣ дар технологияҳои иттилоотии таълим маънои хос дорад. Паиҳамӣ пешниҳоди бонавбати маводи таълимӣ аз тарафи барномаи омӯзишӣ, ташкил ва танзими паиҳамии самаранок дар ҷараёни кори мустақилонаи талаба дар муҳити зеҳнии таълимиро мефаҳмонад. Вобаста ба мазмуни маводи таълимӣ ба талаба донишҳоро бо усули индуктивӣ ё дедуктивӣ паиҳам пешниҳод кардан мумкин аст. Технологияҳои иттилоотии таълим донишҳоро мувофиқи принсипи мунтазами дидактикӣ пешниҳод мекунанд.

Принсипи шуурнокӣ дар таълими компютерӣ бо методикаи дурнамои ташкилкунанда таъмин карда мешавад, ки дар он технологияҳои муосири иттилоотӣ бартарӣ доранд. Ин методика, ки бо назарияҳои хориҷии психологию педагогии таълими компютерӣ тавсиф мешавад, ба тарбияи ояндабине равона шудааст, ки ашёву падидаҳоро якҷоя баррасӣ карда, маводро мустақилона аз худ мекунад ва бо донишҳои дар муассисаи таълимӣ омӯхтааш пурра мегардонад. Барои татбиқи принсипи шуурнокӣ ба хонанда ҳадафу вазифаҳои таълим фаҳмонда шуда, маълумот дар бораи фаъолияти мавзуъ ва марҳилаҳои асосии татбиқи он пешниҳод мегардад. Татбиқи бомуваффақияти принсипи шуурнокӣ ба сатҳи назариявии дарс, шарҳи пурраи мафҳумҳои омӯхташаванда ва алоқаи онҳо вобаста аст.

Технологияҳои иттилоотии таълим дохил, асоснок ва муайян намудани боз як принсипи умумиро талаб кунанд. Ҳарчанд ин принсип ҳамеша дар ҷараёни таълим мавҷуд аст, вале принсипи асосӣ ҳисобида намешавад. Ин ҷо дар бораи муошират, ташкили муколамаи хонанда бо омӯзгор, дар ҳолати мо миёни компютер ва хонанда сухан меравад. Ин принсипи нави танҳо ба таълими компютерӣ хосро принсипи маърифатнокии муошират номидан мумкин аст [73].

Ҳадафи барномаҳои компютерӣ инкишофи қобилиятҳои кӯдакони синни томактабӣ бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ба шумор меравад.

Вазифаҳоеро, ки барои ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда иҷро мешаванд, ба гурӯҳҳои зерин муттаҳид кардан мумкин аст:

I. Гуруҳи вазифаҳои давраи шиносой-мутобиқшавӣ.

Вазифаҳо:

1. Шинос намудани кӯдакон бо компютер ҳамчун бо воситаи муосири коркарди иттиллоот:

- шинос намудан бо таърихи ТИК;
- шинос намудан бо таъинотҳои ТИК;
- шинос намудан бо қисмҳои асосии ТИК.

2.Шинос намудани кӯдакон бо қоидаҳои истифодаи ТИК ва қоидаӣ бехатарии кор бо компютер.

3.Ҳангоми зарурат бартараф намудани монеаҳои психологии миёни кӯдак ва компютер мавҷуд буда.

4.Малакаҳои аввалини кор бо компютерро ташаккул додан:

- шинос намудан бо клавиатура;
- шинос намудан бо мушак.

II. Вазифаҳои силсилавии таълимӣ-тарбиявӣ.

Вазифаҳо:

1. Ташаккули малакаҳои фаъолияти таълимӣ:

- омӯзиши дарки мақсадҳо;
- интихоби системаҳои амали ба даст овардани мақсадҳо;
- омӯзиши баҳогузории натиҷаҳои фаъолият.

2.Ташаккули оддитарин тасаввуротҳои математикӣ:

- мукаммалгардонии малакаҳои ҳисоб;
- омӯзиш ва мустаҳкамгардонии рақамҳо
- ташкили кор бо шаклҳои геометрӣ;
- ҳалли масъалаҳои оддитарини математикӣ;
- мустаҳкамгардонии тасаввурот дар бораи бузургии ашёҳо.

3. Инкишоф додани нутқ:

- дар кӯдак бою васеъ гардонидани захираи луғавӣ ва дониш оид ба муҳити атроф;

- ташаккули фарҳанги овозии нутқ;

- ташаккули сохтори имлоии нутқ.

4. Имкониятҳои сенсории кӯдак инкишоф дода шавад.

5. Ташаккули завқи зебоипарастӣ.

6. Икнишофи функсияи аломатии шуур.

7. Инкишофи ҳолати эмотсионалӣ-иродавии кӯдак:

- тарбияи таҳаммулпазирӣ, мустақилият, мутамарказият ва зиракӣ;

III. Гурӯҳи вазифаҳои давраи эҷодӣ.

Вазифаҳо:

1. Инкишофи қобилиятҳои амсилавӣ.

2. Машқ додани хотир ва диққат.

3. Инкишофи хаёл ва тасаввурот.

4.Инкишофи тафаккури эҷодӣ, калимагӣ-образӣ, мантиқӣ ва абстрактӣ; истифодаи ҷузъҳои инкишофи тафаккури эвристикӣ.

5. Инкишоф додани талабот ба идрок.

Омӯзгор ва ё мураббияе, ки бо кӯдакон дар синфхонаи компютерӣ кор мекунад, набояд иҷрои дастурҳои дастурамали ҳифзи меҳнатро фаромӯш кунад (Ҷадвали 2.2..).

| ***I.Талаботи умумии бехатарӣ*** |
|---|
| 1.Ба кор бо компютер тарбиягирандагон аз 6 -солагӣ, ки дастурамали ҳифзи меҳнат ва муоинаи тиббиро гузаштаанд, аз рӯи вазъи саломатӣ, роҳ дода мешаванд. |
| 2.Ҳангоми кор бо компютер тарбиягиранда бояд қоидаҳои рафтор, ҷадвали машғулиятҳо, реҷаи муайяншудаи меҳнат ва истироҳатро риоя намояд. |
| 3.Дар вақти кор бо компютер омилҳои зерини хатарнок ва зарарноки истеҳсолӣ ба тарбиягирандагон таъсир расонда метавонанд:<br>- таъсири ногувори афканишоти ионизатсиянашудаю электромагнитии видеотерминалҳо ба организми инсон; |

| |
|---|
| - таъсири ногувори андозаҳои визуалию эргономикии видеотерминалҳо, ки аз ҳадди диапазони мутобиқ берун мебароянд, ба бинои;<br>- осеб дидан аз ҷараёни электрикӣ. |
| 4.Утоқи корие, ки дар он компютерҳо гузошта шудаанд, бояд бо доруқуттӣ, доруҳои зарурӣ ва воситаҳои ҷароҳатбандӣ барои расондани ёрии аввалияи тиббӣ ҳангоми ҷароҳат бардоштан ё худро бад ҳис кардан таъмин карда шавад. |
| 5.Ҳангоми кор бо компютер қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхторро риоя карда, ҷойгиршавии воситаҳои асосии сӯхторнишониро донистан лозим аст. Утоқи корӣ бояд бо ду оташнишонаки ангидриди карбон таҷҳизонида шавад. |
| 6.Дар бораи ҳар як ҳодисаи нохуш ҷабрдида ё шоҳиди чунин ҳодиса бояд дарҳол ба омӯзгор хабар диҳад. Ҳангоми носоз будани таҷҳизот корро қатъ карда, дар ин бора низ ба омӯзгор хабар додан лозим аст. |
| 7.Дар ҷараёни кор бо видеотерминал тарбиягирандагон бояд тартиби гузаронидани кор ва қоидаҳои гигиенаи шахсиро риоя карда, ҷои корро тозаю озода нигоҳ доранд. |
| ***II.Талаботи бехатарӣ пеш аз оғози кор*** |
| 1.Утоқи кориро бодиққат шамол дода, боварӣ ҳосил кунед, ки ҳарорати ҳаво дар утоқ дар ҳадди 19 - 21° С ва намнокии нисбии ҳаво дар ҳадди 62- 55% қарор дорад. |
| 2.Боварӣ ҳосил кунед, ки ноқилҳои таҷҳизот барои муҳофизат ба замин пайваст карда шудаанд, инчунин видеотерминалҳо экранҳои муҳофизаткунанда доранд. |
| 3.Видеотерминалҳоро даргиронда, дақиқ ва бенуқсон будани тасвирҳои рӯи экранро санҷед. |
| ***III.Талаботи бехатарӣ дар вақти кор*** |
| 1.Бе иҷозати омӯзгор видеотерминалҳоро гирон накунед. |
| 2.Бо як видеотерминал кор кардани ду нафар ё зиёда аз он ҷоиз нест. |
| 3.Ҳангоми даргирон будани видеотерминал масофа аз чашмон то экран бояд 0,6 - 0,7 м бошад, сатҳи чашмон бояд ба маркази экран ё аз 2/3 баландии он баробар бошад. |
| 4.Дафтар барои навиштан бояд дар мизи нишебияш 12-15° ва дар масофаи 55 – 65 см аз чашмон гузошта шуда, ҷои нишаст хуб равшан бошад. |
| 5.Тасвир дар экрани видеотерминал бояд бенуқсон, равшан ва дақиқ бошад, аломатҳо ва пасманзар ларзиш надошта бошанд, дар экран дурахш ва акси чароғ, тирезаҳо ва ашёи атроф набояд бошад. |
| 6.Давомнокии кор бо видеотерминал: барои тарбиягирандагони 6-7 сола – 10 |

| |
|---|
| дақиқа, барои тарбиягирандагон 8-11 сола – 15 дақиқа, барои тарбиягирандагони 12-13 сола – 20 дақиқа, барои тарбиягирандагони 14-15 сола – 25 дақиқа, барои тарбиягирандагони 16-17 сола – ҳангоми паиҳам будани ду машғулият барои машғулияти якум – 30 дақиқа ва барои машғулияти дуюм – 20 дақиқа, ки баъди он на камтар аз 10 дақиқа барои иҷрои машқҳои махсуси бартарафкунандаи хастагии чашмон танаффус пешбинӣ мешавад. |
| 7.Дар вақти таҷрибаи истеҳсолӣ давомнокии ҳаррӯзаи кор бо видеотерминал набояд аз 3 соат барои тарбиягирандагони 16 сола ва 2 соат барои тарбиягирандагони аз 16 сола хурд зиёд бошад, илова бар ин, баъди ҳар як 20-25 дақиқаи кор гимнастика барои чашмон ва баъди ҳар як 45 дақиқа дар вақти танаффус машқҳои ҷисмонӣ гузаронда мешаванд. |
| 8.Машғулиятҳо бо истифодаи видеотерминал бояд на барвақттар аз 1 соат баъди анҷоми машғулиятҳои таълимӣ дар мактаб, на зиёда аз 2 маротиба дар як ҳафта бо давомнокии умумии зерин гузаронида шаванд: барои тарбиягирандагони 8-11 - сола – на зиёда аз 60 дақиқа, барои тарбиягирандагони 12- сола ва аз он боло – то 90 дақиқа. |
| 9.Дар утоқи корӣ барои навиштани маълумот тахтаи бӯрнависро истифода бурдан тавсия дода намешавад. |
| ***IV.Талаботи бехатарӣ дар ҳолатҳои садамавӣ*** |
| 1.Дар ҳолати пайдо шудани нуқсон дар кори видеотерминал, онро хомӯш карда, дар ин бора ба омӯзгор хабар додан лозим аст. |
| 2.Ҳангоми худро бад ҳис кардан, пайдо шудани дарди сар, сарчархзанӣ ва дигар ҳолатҳои алоқамад бо саломатӣ, корро қатъ карда, дар ин бора омӯзгорро хабардор кардан лозим аст. |
| 3.Ҳангоми осеб дидан аз ҷараёни электрикӣ дарҳол видеотерминалро хомӯш карда, ба ҷабрдида ёрии аввалин расонидан лозим аст ва дар ҳолати зарурат ӯро ба наздиктарин муассисаи тиббӣ фиристода, дар ин бора ба маъмурияти муассиса хабар додан лозим аст. |
| ***V.Талаботи бехатарӣ баъди анҷоми кор*** |
| 1.Бо иҷозати омӯзгор видеотерминалро хомӯш карда, ҷои корро ба тартиб овардан лозим аст. |
| 2.Утоқи кориро бодиққат шамол дода, рубӯчини намнок гузарондан лозим аст |

**Ҷадвали 2.2.- Дастурамали ҳифзи меҳнат ҳангоми кор бо компютер**

### 2.3. Барномаҳои компютерӣ ва тарзи истифодабарии онҳо дар раванди таълими кӯдакони синни томактабии нуқсони нутқидошта дар мисоли алалия

Барномаи логопедии компютерии «Заргӯши доно» барои ислоҳи нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ (алалия) пешбинӣ шудааст.

Барнома кори самараноки ташаккули таркибҳои просодии нутқ, талаффузи дурусти овозҳо, ҷараёнҳои фонематикӣ ва воситаҳои лексикию имлогии забонро имконпазир мегардонад.

Технологияи компютерии ислоҳи нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ аз маҷмуи яклухти барномавию методӣ иборат буда, инҳоро дар бар мегирад:

- барномаи компютерии «Заргӯши доно»;

- тавсияҳои методӣ оид ба истифодаи он дар ҷараёни ислоҳию таълимӣ (воситаи таълимию методӣ).

Барнома кори самараноки бартараф кардани нуқсонҳои нутқро ҳангоми дизартрия, дислалия, ринолалия, лакнатзабонӣ, инчунин ҳангоми нуқсонҳои дуюмдараҷаи нутқ имконпазир мегардонад.

Расмҳои фарқкунанда, тасвири ҳаҷмдор, ҳамроҳии садоии амалҳо, самти маърифатии машқҳо, шакли бозию интерактивии пешниҳоди маводи таълимӣ ва барандаи хушҳол Палангча – ҳамаи ин барномаро ҷолиб гардонида, барои баланд бардоштани ҳавасмандии кӯдакон ба машғулиятҳои логопедӣ мусоидат мекунад. Истифодаи барномаи « Бозиҳо барои Палангҳо» инфиродикунонӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҷараёни ислоҳию таълимиро таъмин менамояд.

Барнома зиёда аз 50 машқро дар бар мегирад. Ин машқҳо дар чор қисмати мавзӯӣ гирд оварда шудаанд, ки самтҳои асосии кори ислоҳиро нишон медиҳанд: "Фонематика", "Талаффуз", "Лексика" ва "Талаффузи садо".

Принсипҳои асосии таҳияи барномаи « Заргӯши доно»:

- усули мунтазам ва амалии ислоҳи нуқсонҳои инкишофи нутқ,

- таълим дар шакли бозӣ,

- принсипи интерактивӣ,

- таъсири полисенсорӣ, ки дар он дарки шунавоии маълумот бо такя ба назорати биноӣ мувофиқат пайдо мекунад ва ин ба кор даровардани анализаторҳои муҳофизатшавандаро имконпазир гардонда, ба фаъолшавии механизмҳои ҷубронӣ мусоидат мекунад,

- усули тафриқашудаи таълим. Барнома намудҳои аз рӯи мураккабӣ ё ҳаҷм гуногуни супоришҳоро дар бар гирифта, барои танзими инфиродӣ имконият фароҳам меорад,

- принсипи объективӣ. Барнома сабти маълумоти ибтидоии ҳолати функсияи ислоҳӣ, ҳолати он дар ҷараёни кор ва маълумотҳои ниҳоӣ, фароҳам овардани шароитҳои психологию педагогии инкишофи ҳавасмандии мусбати кӯдаконро имконпазир мегардонад.

Технологияи махсуси компютерии ислоҳи нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ «Заргӯши доно» :

Ҳоло технологияҳои компютерӣ дар ҷараёни таълим фаъолона истифода бурда мешаванд. Бисёр барномаҳои соддаю мураккаби компютерӣ барои бахшҳои гуногуни идрок таҳия мегарданд. Вобаста ба синну соли кӯдак ва барномаҳои истифодашаванда компютер дар нақши рақиб аз рӯи бозӣ баромад карда, ровӣ, репетитор, имтиҳонгиранда шуда метавонад. Баъзе барномаҳои компютерӣ ба инкишофи функсияҳои гуногуни кӯдакон равона шудаанд: дарки биноӣ ва шунавоӣ, диққат, хотира, фикрронии шифоҳию мантиқӣ ва ғ. Ин барномаҳоро дар ҷараёни таълими кӯдакони синни калони томактабӣ ва синни хурди мактабӣ бомуваффақият истифода бурдан мумкин аст. Барномаҳои махсуси компютерӣ барои кӯдакони нуқсонҳои гуногуни инкишофдошта дар байни дигар барномаҳои компютерӣ мавқеи ба худ хос доранд.

Сол то сол мутахассисоне, ки дар муассисаҳои кӯдакона фаъолият доранд, афзоиши шумораи кӯдакони нуқсонҳои гуногундоштаро қайд

мекунанд. Махфӣ нест, ки бисёр вақт нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ каммазмун ва начандон бурро боқӣ мемонад. Кӯдак наметавонад калимаҳои даркориро интихоб кунад ва ҷумла созад. Дар кӯдакони синни томактабӣ бисёр вақт нуқсони талаффузи садоҳои гуногун мушоҳида мешавад. Чунин нуқсонҳо гурӯҳи хавфро вобаста ба пайдоиши мушкилоти гуногуни кӯдакон ҳангоми саводомӯзӣ, ёд гирифтани хондан, навиштан ва ҳисоб муайян менамоянд. Бинобар ин, инкишофи нутқ ва ислоҳи нуқсонҳои нутқии кӯдакон дар синни томактабӣ махсусан муҳим аст.

Бо ин мақсад технологияи махсуси компютерии «Заргӯши доно» таҳия гардид, ки барои ислоҳи нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ ва синни хурди мактабӣ пешбинӣ шудааст.

Технологияи « Заргӯши доно» дар асоси методикаҳои таълими кӯдакони дар инкишоф тамолюдоштаи Г. А. Каше, Л. В. Лопатина, Н. В. Серебрякова, Р. И. Лалаева, Н. С. Жукова, Е. М. Мастюкова, Т. Б. Филичева, инчунин Барномаи таълиму тарбия дар кӯдакистон бо таҳрири М. А. Василева таҳия шудааст. Он аз маҷмуи яклухти барномавию методӣ иборат буда, барномаи компютерии «Заргӯши доно» ва воситаи таълимию методиро бо тавсияҳои муфассали методии истифодаи зина ба зинаи он дар ҷараёни ислоҳию таълимӣ дар бар мегирад.

Технологияи махсуси компютерии «Заргӯши доно», пеш аз ҳама, барои истифодаи мутахассисони логопед ва дефектологи муассисаҳои кӯдакона пешбинӣ шудааст, вале волидоне, ки ислоҳ ва инкишофи нутқи кӯдакони худро мехоҳанд, онро барои машғулиятҳои мустақилона дар шароитҳои хона истифода бурда метавонанд.

Кор бо истифодаи барномаи махсус дар зери назорати мутахассисе, ки нақшаи инфиродиро тартиб медиҳад, гузаронда мешавад. Ин мутахассис машқҳои заруриро интихоб карда, аз тарафи кӯдак дуруст

иҷро шудани онҳоро назорат мекунад ва меъёри сарбории даркориро муайян менамояд.

Дар доираи усули мунтазамиислоҳи нуқсонҳои нутқ барномаи логопедии компютерии «Заргӯши доно» зиёда аз 50 машқро бо якчанд сатҳҳои мураккабӣ, ки дар чор қисмати мавзӯӣ гирдоварӣ шудаанд, дар бар мегирад:

- зада, нақарот;
- талаффузи садо;
- фонематика;
- лексика.

Ҳар як қисмати барномаи «Заргӯши доно» аз якчанд зерқисматҳои дар зерменю пешниҳодшуда иборат аст. Илова бар ин, машқҳое, ки ба таркиби зерқисматҳо дохил мешаванд, ба ислоҳу инкишофи унсурҳои муайяни забонӣ ва нутқӣ равона шудаанд.

Рангҳои ҳар як қисмат («Талаффузи садо» – ранги гулобӣ, «Талаффуз» – ранги сабз, «Фонематика» – ранги кабуд, «Лексика» – ранги зард) дар ҳамаи машқҳои таркиби он дар намуди таҳрангҳо нигоҳ дошта шуда, аз ҷиҳати психологӣ ба ташкили хати ягонаю пайвасткунандаи кори ислоҳӣ дар доираи ҳар як қисмат мусоидат мекунанд.

Кор бо машқҳои барнома дар такя ба назорати биноии натиҷаҳои фаъолияти кӯдак гузаронда мешавад. Визуализатсияи онҳо дар экрани монитор дар намуди симою аломатҳои мултипликатсионӣ сурат мегирад. Дар баъзе машқҳои мураккаб имконияти такяи иловагии шунавоӣ ҳангоми иҷрои супориш пешбинӣ шудааст. Ин имкон медиҳад, ки нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ дар муҳлати кӯтоҳ самаранок ислоҳ карда шаванд.

Барномаи «Заргӯши доно» имконияти танзими инфиродии параметрҳоеро, ки ба ҳамин сатҳ дар минтақаи инкишофи наздики кӯдак мутобиқанд, пешбинӣ менамояд. Машқҳои барнома супоришҳои

мураккабшавандаро дар бар мегиранд, ки ин интихоби супориши ба сатҳи воқеии инкишофи кӯдак мутобиқ ва ташкили кори ислоҳиро мувофиқи барномаи инфиродии ислоҳию таълимӣ имконпазир мегардонад.

Барномаи логопедии компютерии «Заргӯши доно» ба истифодабаранда баҳогузории объективии натиҷаҳои фаъолиятро дар се вариант пешниҳод мекунад: дар намуди визуалӣ, овозӣ ва рақамӣ.

Расмҳои ранга, тасвири ҳаҷмдор, аниматсияи объектҳо, ҳамроҳии садоӣ ва мусиқӣ барномаро барои кӯдакон ҷолиб мегардонанд.

Ҳамаи машқҳои барнома дар шакли бозӣ таҳия шудаанд, илова бар ин, вазъияти мушкил ба вуҷуд оварда мешавад, ки он бо воситаҳо ва имкониятҳои ба кӯдак дастраси барнома бартараф мегардад. Дар ҷараёни кор бо машқҳо кӯдак ҳангоми бозӣ ба қаҳрамони компютерӣ Палангча барои иҷрои супориш ёрӣ мерасонад ва онҳо якҷоя ба натиҷаи зарурӣ ноил мешаванд. Аз тарафи компютер на барномаи бехусусият, балки қаҳрамони хушҳолу ғалатии компютерӣ Палангча баромад мекунад. Палангча ба кӯдак мақсаду қоидаҳои иҷрои супориши пешниҳодшавандаро мефаҳмонад, дар иҷрои ин супориш ёрдам медиҳад, амалҳои иҷрошударо ба таври ҷамъбастӣ ё мобайнӣ баҳогузорӣ мекунад. Ин ҳавасмандии мусбатро ҳангоми кор бо барнома фароҳам меорад, чунки ба кӯдак муошират бо қаҳрамони компютерӣ шавқовар аст.

Дар ҷараёни кори ислоҳию логопедӣ таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии нутқ инкишоф меёбад, вале бисёр вақт дар низоми анъанавии таълим кӯдак донишҳои андӯхтаашро дар муошират истифода бурда наметавонад. Муошират бо қаҳрамони барномаи компютерӣ Палангча ба инкишофи малакаҳои муоширатии кӯдакон аз он ҳисоб мусоидат мекунад, ки супоришҳои махсус таҳия ва интихобшуда кӯдакро ба муошират бо Палангча водор менамоянд.

Идораи барномаи логопедии компютерии «Заргӯши доно» осон аст. Ҳамин тавр, барои кор бо барнома омӯзиши махсус лозим нест ва

малакаҳои истифодабарӣ бевосита дар ҷараёни истифодаи он ҳосил мешаванд. Истифодаи осони барнома ҳангоми кор бо кӯдакони синни томактабӣ шарти зарурӣ аст, чунки компютер набояд мавзӯи омӯзишии кӯдаки синни томактабӣ бошад.

Барномаи махсуси логопедии компютерии «Қасри офтобӣ»

Барномаи махсуси логопедии компютерии «Қасри офтобӣ» силсилаи машқҳоеро дар бар мегирад, ки барои ислоҳи ҷиҳатҳои фонетикию фонематикии нутқ равона шудаанд. Барнома кори самаранок бо кӯдакони нуқсонҳои гуногуни нутқидоштаро имконпазир мегардонад. Барномаи « Қасри офтобӣ» барои кӯдакони синни хурди томактабӣ (3 - 4 - сола), синни миёнаи томактабӣ (4-5 сола) ва синни калони томактабӣ (5 - 6 - сола) пешбинӣ гардида, ҳангоми кор бо хонандагони хурдсол ҳам истифода шуда метавонад.

Барномаи махсуси логопедии компютерии «Қасри офтобӣ» , пеш аз ҳама, барои истифодаи мутахассисони логопед ва дефектологи муассисаҳои томактабии кӯдакона пешбинӣ шуда бошад ҳам, вале онро ба доираи васеи истифодабарандагон ба шарти гирифтани машварати тахассусӣ тавсия додан мумкин аст. Дар барномаи махсуси логопедии компютерии «Қасри офтобӣ» принсипҳои зерин татбиқ шудаанд:

- принсипи усули полисенсории ислоҳи нуқсонҳои нутқ. Кор бо ҳамаи машқҳои барнома дар такя ба назорати биноӣ, шунавоӣ ва ломисаи натиҷаҳои фаъолияти кӯдакон гузаронда мешавад;

- принсипи усули умумии ислоҳи нуқсонҳои нутқ. Ба ислоҳи нуқсонҳои асосии нутқ мусоидат мекунад: шунавоии фонематикӣ; ташаккули дарки фонематикӣ; кинестезияи баръакси нутқ; моторикаи хурди ангуштони дастон (кор бо манипулятор – мушак, клавиатураи махсус); дарки шунавоӣ ва биноӣ; диққат; хотира;

- принсипи усули тафриқашудаи таълими кӯдакони нуқсонҳои нутқидошта. Барномаи «Қасри офтобӣ» имконияти танзими инфиродии тарафҳоеро, ки ба ҳамин сатҳ дар минтақаи инкишофи наздики кӯдак

мутобиқанд, пешбинӣ менамояд. Машқҳои барнома супоришҳои мураккабшавандаро дар бар мегиранд, ки ин интихоби супориши ба сатҳи воқеии инкишофи кӯдак мутобиқ ва ташкили кори ислоҳиро мувофиқи барномаи инфиродии ислоҳию таълимӣ имконпазир мегардонад;

- принсипи баҳогузории объективии натиҷаҳои фаъолияти кӯдак. Дар барномаи «Қасри офтобӣ» натиҷаҳои фаъолияти кӯдак ҳамчун амали садоӣ ва визуалӣ пешниҳод шудаанд, ки баҳогузории субъективиро истисно мекунанд. Баҳогузории объективии натиҷаҳои фаъолият дар шакли шифоҳӣ ҳам гузаронда мешавад, агар супориш дуруст иҷро шуда бошад ё шарҳи садоӣ нодуруст иҷро шудани супоришро нишон диҳад. Бо салоҳдиди логопед ҳодисаро бо хабарҳои садоӣ («Офарин, дуруст, як бори дигар кӯшиш намо!» ) ё воситаҳои садоӣ (шайпурнавозӣ, хандаи кӯдак) овоздор кардан мумкин аст.

Барномаи компютерии «Қасри офтобӣ» барои истифода дар машғулиятҳои инфиродӣ ва зергурӯҳӣ пешбинӣ шудааст. Ҳангоми кор бо ин барнома муаллим-логопед аз рӯи принсипи ҳамкории сегона нақши аввалиндараҷа мебозад: муаллим – компютер – кӯдак.

Идораи ин барномаи логопедии компютерӣ осон аст. Интерфейси оддию фаҳмо дорад, ки малакаҳои кор бо таъминоти барномавиро талаб намекунад. Барнома бо ёрии клавиатураи асосӣ, мушак ва (агар бошад) клавиатураи махсус (қисми дастгоҳӣ) идора карда мешавад, илова бар ин, дар компютерҳое, ки бо touch screen ва touch pad (ҳамагуна дигар нишондиҳандаҳои ҳадаф) таҷҳизонида шудаанд, клавиатураи махсусро истифода бурдан мумкин аст. Ҳамаи намуди дастгоҳҳои дар боло номбаршуда бо барнома дар як вақт кор мекунанд. Ба барнома қасдан қаҳрамони амалкунанда дохил карда нашудааст, чунки барнома барои таъмини алоқаи логопед – кӯдак пешбинӣ гардида, компютер нақши воситаи таълимиро иҷро мекунад. Мо боварии комил дорем, ки ягон компютер муоширати бевоситаро иваз карда наметавонад ва ҳамаи

фарқиятҳои дар ҷараёни таълими кӯдак пайдошавандаро ягон барномаи компютерӣ пешбинӣ карда наметавонад.

Дар барномаи логопедии «Қасри офтобӣ» дараҷаҳои объектҳо муайян гардида, аз рӯи нишонаҳои зерин гурӯҳбандӣ шудаанд:

- боғи ҳайвонот – ҳайвоноту парандаҳои хонагӣ;
- толори шикорчӣ – сокинони ҷангал;
- манораи устоҳо – асбобҳои сохтмонӣ ва хоҷагӣ;
- купруки навозандагон – асбобҳои мусиқӣ;
- манораи механик – наклиёти рӯизаминӣ, обӣ ва ҳавоӣ;
- манораи Нигаҳбон – дар ин дараҷа моделҳои сеандоза (3D)-и ҳамаи объектҳои номбаршуда, аз ҷумла техникаи маишӣ пешниҳод шудаанд.

Дастгоҳи овозӣ садои воқеии объектро айнан такрор мекунад, ки чунин воқеиятро бе истифодаи воситаҳои техникӣ ба даст овардан номумкин аст.

Ҳарчанд шунавоӣ муътадил ва зеҳн беосеб бошад ҳам, вале ҳамаи таркибҳои системаи забонӣ (талаффузи садо, захираи луғавӣ, сохти имлоӣ)-и кӯдакони нуқсонҳои вазнини нутқидошта вайрон мешаванд. Дар баробари хусусиятҳои нутқ ба онҳо пурра ташаккул наёфтани ҷараёнҳои ба фаъолияти нутқ вобастагии зичдошта хос аст: вайрон шудани диққат, хотира, фикррони мантиқӣ. Чунин кӯдак ҷойгиршавии 4-5 ашёро баъди ҷойивазкунӣ бо душворӣ барқарор мекунад, ғалатҳоро дар расм мушоҳида намекунад, на ҳамеша ашё ё калимаро аз рӯи нишонаи додашуда муайян мекунад.

Вайрон шудани диққат ва хотира бештар ба фаъолияти ихтиёрӣ дахл дорад. Кӯдакон ҳангоми таснифи ашё ва ҷамъбасти падидаю нишонаҳо душворӣ мекашанд. Мулоҳизаронии онҳо каммазмун, соддалавҳона ва бемантиқ аст. Амалан дар ҳамаи кӯдакон ин ё он тамоюли неврологӣ мушоҳида мешавад, ки бо нуқсонҳои гуногуни ҳаракат, бозмондагӣ ё, баръакс, бо барангезиши зиёд зоҳир мегардад; нишонаҳои

номукаммалии ҳиссӣ ва танзими сусти фаъолияти ихтиёрӣ ба назар мерасанд. Маҳз барои ҳамин мақсади машғулиятҳо бо истифодаи бозиҳои компютерӣ на танҳо омӯхтани донишҳои нав ва устуворгардонии донишҳои андӯхта, балки озод гузоштани кӯдакон ва фаъолгардонии кору амали онҳо аст, чунки одатан барои кӯдакони нуқсонҳои нутқидошта нобоварӣ, сустӣ ва номустақилӣ хос буда, фаъолияти маърифатии чунин кӯдакон вайрон шудааст [54]. Бозиҳои компютерӣ мувофиқи барнома, қисмҳои кори ислоҳӣ ва бо назардошти банақшагирии мавзуъ интихоб мешаванд. Ҳар як бозиро бояд пешакӣ логопед ва мурабиён тамошо кунанд. Ба ҳар як кӯдак ин ё он шакли бозӣ вобаста ба хусусиятҳои нутқ ва сифатҳои инфиродӣ тавсия дода мешавад. Машғулиятҳо тавре гузаронда мешаванд, ки кӯдакон бояд бозию ҳаракат кунанд, ба ҳамдигар ёрӣ расонанд, худро озод ҳис намоянд. Ноил шудан ба ин ҳадафҳо бояд ба таъмину танзими бозиҳои компютерӣ мусоидат кунад: минтақаи табиӣ, минтақаи фаъолияти театрӣ, минтақа барои сохтани объектҳо аз бозичаҳои гуногун, зерқисматҳои нарми муҳитсоз, кубикҳо, ҳуҷраи релаксатсия, инчунин машғулиятҳои мунтазам (на камтар аз ду маротиба дар як ҳафта).

Агар барои кӯдакони нуқсонҳои нутқинадошта ва муътадил инкишофёбанда бозиҳои компютериро бе системаи муайян, вобаста ба шавқу завқи кӯдак, бе гузарондани кори пешакӣ ва омодагии махсус истифода бурдан мумкин бошад, пас, барои кӯдакони нуқсонҳои нутқидошта системаи махсуси кори пешакӣ лозим аст. Илова ба ин, тавре аз таҷрибаи мо бармеояд, истифодаи методикаҳои логопедӣ самаранокии зиёд дошта метавонад.

Ҳангоми гузарондани озмоиш мо кӯдаконро ба ду гурӯҳ тақсим намуда, бо гурӯҳи якум машғулият бо истифодаи компютер ва бо гурӯҳи дуюм машғулият бо истифодаи методикаҳои анъанавиро гузаронидем.

Азбаски вобаста ба корҳои ислоҳӣ барои кӯдакони нуқсони алалиядошта аз тарафи мутахассисони ватанӣ барномаҳои компютерӣ то

ба ҳол коркарда нашудаанд, мо бо такя ба методикаҳои таълими кӯдакони имкониятҳои маҳдуддоштаи Ф. Ф. Рау, С. Познер, Р. Боскис, Н. В. Серебрякова, Р. И. Лалаева, Н. С. Жукова, Е. М. Мастюкова ва дигарон озмоиши барномаи компютерии «Заргӯши доно» -ро амалӣ намудем [115].

Ба раванди озмоиш кӯдакони нуқсони алалиядоштаи синни томактабии Ташкилоти ҷамъиятии «Чашмаи Умед» (10 нафар) ҷалб карда шуданд:

| **Ном ва насаби** | **Дараҷаи нуқсон** |
|---|---|
| 1.Азизаи К. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дараҷаи III |
| 2.Маҳинаи О. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дараҷаи III |
| 3.Манучеҳри Л. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дараҷаи III |
| 4.Каримҷони Ҳ. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дараҷаи III |
| 5.Озодаи И. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дараҷаи III |
| 6.Иброҳими Д. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дараҷаи III |
| 7.Далер Т. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дараҷаи III |
| 8.Зуҳро М. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дараҷаи III |
| 9.Мафтуна К. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дараҷаи III |
| 10.Зулфиқор А. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дараҷаи III |

**Ҷадвали 2.3.- Рӯйихати кӯдакони озмудашавандагони Ташкилоти ҷамъиятии “Чашмаи Умед”**

| Ном ва насаби | Дарачаи нуқсон |
|---|---|
| 1.Азизаи К. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дарачаи III |
| 2.Маҳинаи О. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дарачаи III |
| 3.Манучеҳри Л. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дарачаи III |
| 4.Каримчони Ҳ. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дарачаи III |
| 5.Озодаи И. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дарачаи III |
| 6.Иброҳими Д. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дарачаи III |
| 7.Далер Т. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дарачаи III |
| 8.Зуҳро М. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дарачаи III |
| 9.Мафтуна К. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дарачаи III |
| 10.Зулфиқор А. | нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқ, дарачаи III |

**Чадвали 2.4.- Рӯйихати кӯдакони озмудашавандагони** Маркази офиятбахшии “Инсайд”

Барномаи компютерии «Заргӯши доно», қисмати «Талаффуз».

Машқҳои қисмати мазкур ба ислоҳи хусусиятҳои зерини талаффузии нутқи алалиядошта равона шудаанд:

- давомнокӣ ва қувваи нафасбарорӣ бо нутқ;
- баландӣ ва лаҳни садо;
- суръату мунтазамӣ;
- баёни садо;
- бурро ва фаҳмо будани нутқ.

Қоидаи кори ин қисмат дар муоширати фаъоли кӯдак бо компютер бо истифодаи баландгӯяк асос меёбад. Илова ба ин, фаъолнокии нутқ бо

баландагӯяк сабт шуда, дар экрани компютер дар намуди расмҳои визуалию аниматсионӣ пешниҳод мегардад.

Зерқисмати «Нафас».

Машқҳои ин зерқисмат такмили нафасбарории ҳамвор, дароз ё кӯтоҳ, якбора, пайгирии лаҳзаи фаъолшавии нутқ, инчунин чен кардани қувва ва дарозии нафасбарорӣ бо нутқ ва садоро имконпазир мегардонанд (бо воҳидҳои нисбӣ ва сонияҳо мутаносибан).

**1. Машқи инкишофи дарозӣ ва қувваи нафасбарорӣ бо нутқ дар компютер**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 3 кӯдак сатҳи миёнаи дарозӣ ва қувваи нафасбарорӣ бо нутқ ва 2 кӯдак сатҳи баланди дарозӣ ва қувваи нафасбарорӣ бо нутқ доранд. Аз ин бармеояд, ки дарозӣ ва қувваи бо нутқ нафасбарории кӯдакон дар сатҳи миёна қарор дорад.

Истифодаи методикаҳои анъанавӣ аз рӯи фасли «Нафас» .

Дар ин фасл машқҳои зерин истифода бурда шуданд: «Пуфакро ба халта ворид намо» , «Лоларо пуф кун» , «Дудбарории чойник» , «Дастонро гарм кун» .

**2. Машқи инкишофи дарозӣ ва қувваи нафасбарорӣ бо нутқ аз рӯи методикаҳои анъанавӣ**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 2 кӯдак сатҳи миёнаи дарозӣ ва қувваи нафасбарорӣ бо нутқ ва 3 кӯдак сатҳи баланди дарозӣ ва қувваи нафасбарорӣ бо нутқ доранд. Аз ин бармеояд, ки дарозӣ ва қувваи бо нутқ нафасбарории кӯдакон дар сатҳи баланд қарор дорад.

Зерқисмати «Якҷоягӣ».

Машқҳои ин зерқисмат такмили возеҳӣ ва бурроии нутқи кӯдакро дар асоси ҷумлаҳо, қувваю дарозии нафасбарорӣ ва садоро дар асоси нафасбарорӣ бо нутқ бо савтиёт (фонатсия), бе савтиёт – дар маводи

овозҳои садонок ва бесадо, талаффузи якҷояи садоҳо, ҳиҷоҳо, калимаҳо ва ҷумлаҳо имконпазир мегардонанд.

**3.Машқи инкишофи возеҳӣ ва бурроии нутқ дар компютер**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 1 кӯдак сатҳи пасти возеҳӣ ва бурроии нутқ, 3 кӯдак сатҳи миёнаи возеҳӣ ва бурроии нутқ, 1 кӯдак сатҳи баланди возеҳӣ ва бурроии нутқ доранд. Аз ин бармеояд, ки возеҳӣ ва бурроии нутқи кӯдакон дар сатҳи миёна қарор дорад.

Истифодаи методикаҳои анъанавӣ аз рӯи фасли «Якҷо».

Дар ин фасл машқҳои зерин истифода бурда шуданд: «Нафаси пурра гирифта, дар нафасбарорӣ ибораро талаффуз кардан», «Нафаси пурра гирифта, дар нафасбарорӣ ҳисоб кардан», «Шеърро бо суръати муътадил хонда, нафасбарориро баробар дар се калима тақсим кардан» ва ғ.

**4. Машқи инкишофи возеҳӣ ва бурроии нутқ аз рӯи методикаҳои анъанавӣ**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 1 кӯдак сатҳи пасти возеҳӣ ва бурроии нутқ, 4 кӯдак сатҳи миёнаи возеҳӣ ва бурроии нутқ доранд. Аз ин бармеояд, ки возеҳӣ ва бурроии нутқи кӯдакон дар сатҳи миёна қарор дорад.

Зерқисмати «Назм».

Машқҳои зерқисмати «Назм» такмили сохтори мавзун ва ҳиҷоии калима, инчунин возеҳӣ ва бурроии нутқи кӯдакро имконпазир мегардонанд.

**5.Машқи инкишофи суръату мавзунии нутқ дар компютер**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 1 кӯдак сатҳи пасти ташаккули суръату мавзунии нутқ, 2 кӯдак сатҳи миёнаи ташаккули суръату мавзунии нутқ ва 2 кӯдак сатҳи баланди ташаккули суръату мавзунии нутқ доранд. Аз ин бармеояд, ки суръату мавзунии нутқи кӯдакон дар сатҳи миёна қарор дорад.

Истифодаи методикаҳои анъанавӣ аз рӯи фасли «Назм».

Дар ин фасл машқҳои зерин истифода бурда шуданд: «Ҷумларо гӯш карда, аз паси логопед такрор кун», «Чӣ хел сухан гуфтани логопедро пай бурда, расми даркориро нишон деҳ», «Вобаста ба расм босуръат ва оҳиста бихон».

**6. Машқи инкишофи суръату мавзунии нутқ бо истифодаи методикаҳои анъанавӣ**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 3 кӯдак сатҳи миёнаи ташаккули суръату мавзунии нутқ ва 2 кӯдак сатҳи баланди ташаккули суръату мавзунии нутқ доранд. Аз ин бармеояд, ки суръату мавзунии нутқи кӯдакон дар сатҳи миёна қарор дорад.

Зерқисмати «Баландӣ ва лаҳн».

Дар ин зерқисмат барномаи логопедии компютерии «Бозӣ барои Заргӯш» сабти визуалӣ ва чен кардани тавсифҳои такроршавандагии нутқро бо мақсади ислоҳи минбаъда дар машқҳои ҳамин зерқисмат, инчунин интихоби диапазони мувофиқи лаҳнии нутқи кӯдаки нуқсони фонатсиядоштаро имконпазир мегардонад. Машқҳои ин зерқисмат инчунин имкон медиҳанд, ки барои инкишофи дастгоҳи овози кӯдак супоришҳои вокалӣ тартиб дода шаванд. Ба ин такмили нафасбарорӣ бо нутқ, баландӣ ва дарозии садо мусоидат мекунад.

Кор бо машқҳои ин зерқисмат дар асоси овозҳои алоҳида, маҷмуи онҳо, ҳиҷоҳо, калимаҳо ва ҷумлаҳо сурат мегирад.

**7. Машқи инкишофи баландӣ ва лаҳни садо дар компютер**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 1 кӯдак сатҳи пасти баландӣ ва лаҳни садо, 3 кӯдак сатҳи миёнаи баландӣ ва лаҳни садо, 1 кӯдак сатҳи баланди баландӣ ва лаҳни садо доранд. Аз ин бармеояд, ки баландӣ ва лаҳни садои кӯдакон дар сатҳи миёна қарор дорад.

Истифодаи методикаҳои анъанавӣ аз рӯи фасли «Баландӣ ва лаҳн».

Дар ин фасл машқҳои зерин истифода бурда шуданд: «Айнан такрор кардани садоҳои маҳдудшуда ва тақлиди садо бо овози паст ва баланд», «Фарқи лаҳни садо дар маводи нидо», «Тағйири лаҳни садо вобаста ба кадом қаҳрамони афсона тақлид кардани кӯдак».

**8. Машқи инкишофи баландӣ ва лаҳни садо бо истифодаи методикаҳои анъанавӣ**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 1 кӯдак сатҳи пасти баландӣ ва лаҳни садо, 3 кӯдак сатҳи миёнаи баландӣ ва лаҳни садо, 1 кӯдак сатҳи баланди баландӣ ва лаҳни садо доранд. Аз ин бармеояд, ки баландӣ ва лаҳни садои кӯдакон дар сатҳи миёна қарор дорад.

Ҳангоми иҷрои машқҳо кӯдаконе, ки аз компютер истифода бурданд, нисбат ба кӯдаконе, ки машқҳоро аз рӯи методикаҳои анъанавӣ иҷро карданд, зуд ва осон супоришҳоро иҷро намуданд. Зеро дар компютер супоришҳо шавқовару ранга буданд ва кӯдакон камтар диққати худро ба корҳои дигар ҷалб карданд.

Қисмати «Талаффузи садо».

Кор бо машқҳои қисмати «Талаффузи садо» ташаккули қисмҳои интиқолдиҳанда (ташаккули хосиятҳои таҳрикии узвҳои талаффуз) ва табдилдиҳандаи системаи нутқро имконпазир мегардонад.

**Ташаккули хосиятҳои таҳрикии узвҳои талаффуз дар компютер**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 3 кӯдак сатҳи миёнаи ташаккули хосиятҳои таҳрикии узвҳои талаффуз ва 2 кӯдак сатҳи баланди ташаккули хосиятҳои таҳрикии узвҳои талаффуз доранд. Аз ин бармеояд, ки ташаккули хосиятҳои таҳрикии узвҳои талаффузи кӯдакон дар сатҳи миёна қарор дорад.

Истифодаи методикаҳои анъанавӣ аз рӯи фасли «Талаффузи садо»

Дар ин фасл машқҳои зерин истифода бурда шуданд: машқи талаффуз, машқҳо барои инкишофи узвҳои талаффуз.

**9. Машқи инкишофи хосиятҳои таҳрикии узвҳои талаффуз бо истифодаи методикаҳои анъанавӣ**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 5 кӯдак сатҳи миёнаи ташаккули хосиятҳои таҳрикии узвҳои талаффуз доранд. Аз ин бармеояд, ки ташаккули хосиятҳои таҳрикии узвҳои талаффузи кӯдакон дар сатҳи миёна қарор дорад.

Ҳангоми иҷрои машқҳо кӯдаконе, ки аз компютер истифода бурданд, нисбат ба кӯдаконе, ки машқҳоро аз рӯи методикаҳои анъанавӣ иҷро карданд, зуд ва осон супоришҳоро иҷро намуданд. Зеро дар компютер супоришҳо шавқовару ранга буданд ва кӯдакон камтар диққати худро ба корҳои дигар ҷалб карданд.

Қисмати «Фонематика».

Қисмати «Фонематика»-и барномаи логопедии компютерии «Бозӣ барои Заргӯш» ба ислоҳ ва инкишофи ҷараёнҳои фонематикии кӯдакони нуқсонҳои нутқидошта равона шудааст.

Зерқисмати «Овозҳо».

Машқҳои зерқисмати «Овозҳо» инкишофи шунавоии фонематикиро дар маводи овозҳои ғайринутқӣ, овозҳои нутқӣ ва маҷмуи овозҳо имконпазир мегардонанд.

**10. Машқи инкишофи шунавоии фонематикӣ дар компютер**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 1 кӯдак сатҳи пасти инкишофи шунавоии фонематикӣ, 3 кӯдак сатҳи миёнаи инкишофи шунавоии фонематикӣ ва 1 кӯдак сатҳи баланди инкишофи шунавоии фонематикӣ доранд. Аз ин бармеояд, ки инкишофи шунавоии фонематикии кӯдакон дар сатҳи миёна қарор дорад.

Истифодаи методикаҳои анъанавӣ аз рӯи фасли «Овозҳо».

Дар ин фасл машқҳои зерин истифода бурда шуданд: «Овози чӣ?», Аз рӯи овоз дарёб, чӣ кор кардан лозим?», «Кадом овозҳо ба хомӯшӣ халал мерасонанд?».

**11. Машқи инкишофи шунавоии фонематикӣ бо истифодаи методикаҳои анъанавӣ**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 3 кӯдак сатҳи пасти инкишофи шунавоии фонематикӣ ва 2 кӯдак сатҳи миёнаи инкишофи шунавоии фонематикӣ доранд. Аз ин бармеояд, ки инкишофи шунавоии фонематикии кӯдакон дар сатҳи паст қарор дорад.

Зерқисмати «Ҷамъбаст».

Машқҳои зерқисмати «Ҷамъбаст» ташаккули дарки фонематикии кӯдаконро имконпазир мегардонанд.

**12. Машқи инкишофи идроки фонематикӣ дар компютер**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 3 кӯдак сатҳи миёнаи инкишофи дарки фонематикӣ ва 2 кӯдак сатҳи баланди инкишофи дарки фонематикӣ доранд. Аз ин бармеояд, ки инкишофи дарки фонематикии кӯдакон дар сатҳи миёна қарор дорад.

Истифодаи методикаҳои анъанавӣ дар фасли «Ҷамъбаст».

Дар ин фасл машқҳои зерин истифода бурда шуданд: Шиносоӣ бо садои маҳдудшуда вобаста ба симои мушаххас (дар ҳикояҳо); фарқи садоҳои маҳдудшуда вобаста ба симои мушаххас; фарқи садо дар калима; муайян намудани ҷои садо дар калима (дар аввал, мобайн ва охири калима); фарқи шунавоии садоҳо дар калимаҳое, ки аз рӯи садодиҳӣ ва талаффуз ба ҳамдигар наздиканд (ҳуштакӣ - фашшосӣ, ҷарангдор - беҷаранг, Р – Л ва ғ.).

**13. Машқи инкишофи дарки фонематикӣ бо истифодаи методикаҳои анъанавӣ**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 3 кӯдак сатҳи миёнаи инкишофи дарки фонематикӣ ва 2 кӯдак сатҳи пасти инкишофи дарки фонематикӣ доранд. Аз ин бармеояд, ки инкишофи дарки фонематикии кӯдакон дар сатҳи миёна қарор дорад.

Ҳангоми иҷрои машқҳо кӯдаконе, ки аз компютер истифода бурданд, нисбат ба кӯдаконе, ки машқҳоро аз рӯи методикаҳои анъанавӣ иҷро карданд, зуд ва осон супоришҳоро иҷро намуданд. Зеро дар компютер супоришҳо шавқовару ранга буданд ва кӯдакон камтар диққати худро ба корҳои дигар ҷалб карданд.

Қисмати «Лексика».

Ин қисмат ба ислоҳи нуқсонҳои лексикию грамматикии нутқи кӯдакон равона шудааст. Қисмат се зерқисматро дар бар мегирад. Мақшҳои ҳар як зерқисмат ташкили кори ислоҳиро аз рӯи самти муайян имконпазир мегардонанд.

Қисмати «Калимаҳо».

Машқҳои зерқисмати «Калимаҳо» такмили ҷиҳати лексикии нутқро дар асоси нишонаҳои гуногуни семантикӣ имконпазир мегардонанд. Ин зерқисмат ба ташаккули сохтори маънои калима ва ташкили майдонҳои семантикӣ дар асоси алоқаҳои тасрифии калима мусоидат мекунад.

Ҳангоми кор бо машқҳои зерқисмати «Калимаҳо» луғати кӯдакон аз мавзӯъҳои асосии зерин зиёд мешавад: «Либос», «Пойафзол», «Мебел», «Зарф», «Асбобҳо» ва ғ. Инчунин мафҳуму маънои калимаҳои ҷамъбастӣ ташаккул меёбад.

**14. Машқи инкишофи зиёдшавии луғат дар компютер**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 4 кӯдак сатҳи миёнаи зиёдшавии луғат ва 1 кӯдак сатҳи баланди зиёдшавии луғат доранд. Аз ин бармеояд, ки зиёдшавии луғати кӯдакон дар сатҳи миёна қарор дорад.

Истифодаи методикаҳои анъанавӣ дар фасли «Калимаҳо».

Дар ин фасл супоришҳои зерин истифода бурда шуданд: Васеъ кардани ҷумлаҳо, гузоштани калимаҳои аз тарафи кӯдакон партофташуда, ёфтани чистонҳо, таснифи ашё, талаффуз ва аз ёд кардани тезгӯякҳо.

**15. Машқи инкишофи зиёдшавии луғат бо истифодаи методикаҳои анъанавӣ**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 4 кӯдак сатҳи миёнаи зиёдшавии луғат ва 1 кӯдак сатҳи пасти зиёдшавии луғат доранд. Аз ин бармеояд, ки зиёдшавии луғати кӯдакон дар сатҳи миёна қарор дорад.

Қисмати «Ибораҳо».

Машқҳои қисмати «Ибораҳо» такмили ҷиҳати лексикии нутқро дар асоси ибораҳо имконпазир гардонда, ба ташкили майдонҳои семантикӣ дар асоси алоқаҳои синтагматикӣ мусоидат мекунанд, инчунин сохти грамматикии калимаҳо ва ибораҳоро такмил медиҳанд.

Ҳангоми кор бо машқҳои зерқисмати «Ибораҳо» луғати кӯдакон аз мавзӯъҳои асосии зерин зиёд мешавад: «Ҳайвонҳои ваҳшӣ», «Ҳайвонҳои хонагӣ» ва «Парандагон». Инчунин мафҳуму маънои калимаҳои ҷамъбастӣ ташаккул меёбад. Дар барнома имконияти тағири мураккабии супоришҳо пешбинӣ шудааст. Ин имкон медиҳад, ки ҷараёни ислоҳию таълимӣ мувофиқи талаботи кӯдак инфиродӣ карда шавад.

**Инкишофи ҷиҳати лексикии нутқ дар асоси ибораҳо дар компютер**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 2 кӯдак сатҳи пасти инкишофи ҷиҳати лексикии нутқ дар асоси ибораҳо ва 3 кӯдак сатҳи миёнаи инкишофи ҷиҳати лексикии нутқ дар асоси ибораҳо доранд. Аз ин бармеояд, ки инкишофи ҷиҳати лексикии нутқи кӯдакон дар асоси ибораҳо дар сатҳи миёна қарор дорад.

Истифодаи методикаҳои анъанавӣ дар фасли «Ибораҳо».

Дар ин фасл супоришҳои зерин истифода бурда шуданд: сохтани ибораҳо аз қатори додашудаи калимаҳо бо роҳи муттаҳид кардани онҳо аз рӯи маъно ва бо тағири шакли калимаҳо, сохтани ибораҳо аз рӯи калимаи асосии додашуда бо роҳи интихоби калимаҳои аз рӯи маъно вобаста, сохтани ибораҳо аз рӯи калимаи вобастаи додашуда (исм,

сифат, зарф) бо роҳи интихоби калимаи асосӣ, сохтани ибораҳое, ки дар онҳо калимаи асосӣ кор фармудани пешоянди муайянро талаб мекунад.

**Инкишофи ҷиҳати лексикии нутқ дар асоси ибораҳо бо истифодаи методикаҳои анъанавӣ**

Дар натиҷаи гузарондани ин машқҳо муайян шуд, ки 3 кӯдак сатҳи пасти инкишофи ҷиҳати лексикии нутқ дар асоси ибораҳо ва 2 кӯдак сатҳи миёнаи инкишофи ҷиҳати лексикии нутқ дар асоси ибораҳо доранд. Аз ин бармеояд, ки инкишофи ҷиҳати лексикии нутқи кӯдакон дар асоси ибораҳо дар сатҳи паст қарор дорад.

Ҳангоми иҷрои машқҳо кӯдаконе, ки аз компютер истифода бурданд, нисбат ба кӯдаконе, ки машқҳоро аз рӯи методикаҳои анъанавӣ иҷро карданд, зуд ва осон супоришҳоро иҷро намуданд. Зеро дар компютер супоришҳо шавқовару ранга буданд ва кӯдакон камтар диққати худро ба корҳои дигар ҷалб карданд.

**Намунаи тарзи истифодаи барномаҳои дидактик-компютерӣ дар таълими кӯдакони нуқсони алалиядошта**

Технологияи компютерии ислоҳи алалия дар асоси таҳқиқоти Ф. Рау, Р. Боскис, А. Р. Лурия, А. А. Леонтев, Р. Е. Левина, В. А. Ковшиков, Е. Ф. Соботович, Б. М. Гриншпун, В. К. Воробев, Н. С. Жукова, Р. И. Лалаева, Ж. Пиаже, Е. М. Мастюкова ва дигарон таҳия шудааст. Ин технологияи компютерӣ барои кӯдакони синни томактабии дорои алалияи моторӣ, инчунин барои кӯдакони синни калони томактабии дорои алалияи сенсорӣ, ки малакаҳои нутқи хаттӣ доранд, пешбинӣ гардидааст.

Мазмуни ин технология машқҳое мебошанд, ки дар 4 фасл муттаҳид шуда, менюи асосии технологияро ташкил медиҳанд: нутқи ғайришифоҳӣ, луғат, имло, нутқи ҷумлагӣ.

Машқҳои ин барнома хусусияти бозӣ доранд. Ҳар як фасл «Роҳбари»-и худ– қаҳрамони афсонавиро дорад, ки бозиро пешниҳод мекунад:

- Фасли «Нутқи ғайришифоҳӣ»-Моҳичаи тиллоӣ.

- Фасли «Луғат» - Нахӯдак.

- Фасли «Имло» - Донояк.

- Фасли «Нутқи ҷумлагӣ» - Чӯҷаи заррин.

Идора кардани ин технологияи компютерӣ осон буда, барои бо ин барнома кор кардан омӯзиши махсус талаб карда намешавад. Бо тугмаи чапи «мушак» қаҳрамони афсонавии дахлдорро зер карда, фасли даркории барномаро интихоб кардан мумкин аст.

Ҳар як фасли ин технология аз машқҳое иборат аст, ки ин машқҳо дар зерменю бо аломати муайян барои кӯдакони дорои алалияи моторӣ ва бо номи матнӣ барои кӯдакони дорои алалияи сенсорӣ пешниҳод шудаанд. Агар курсор ба болои аломат ё матн гузошта шавад, барнома бевосита ба супориши интихобшуда мегузарад. Имконияти ифодаи супоришҳо бо матн барои кӯдакони дорои алалияи сенсорӣ ба таҳқиқотҳое вобаста аст, ки дар натиҷаи онҳо хеле осон нутқи хаттиро ёд гирифтани чунин кӯдакон ба қайд гирифта мешавад. Ба ғайр аз ин, ба дарки биноӣ такя кардан мувофиқи мақсад аст, чунки дарки биноии кӯдакони дорои алалияи сенсорӣ нисбат ба дарки шунавоии онҳо хубтар аст.

Дар ҳар як саҳифаи барнома аломатҳои навигатсионӣ (роҳнамо) ҳастанд:

- Аломати «Хона» - бозгашт ба менюи асосӣ.

- Аломати қаҳрамони афсонавӣ - гузаштан ба зерменю.

- Аломати «Акрабак» - гузаштан ба супориши оянда.

- Аломати «А» - ҳамроҳии матнӣ.

- Аломати «  » гузаштан ба саҳифаи «Офарин!».

Фаслҳои барнома бо паиҳамии муайян, ки ба марҳилаҳои кор бо кӯдакони алалиядошта мувофиқ аст, пешниҳод шудаанд. Аммо, ногуфта намонад, ки вобаста ба натиҷаҳои муоинаи пурраи ташхисии кӯдак кориислоҳиро аз фасли лозимӣ оғоз намудан мумкин аст. Илова ба ин, дар

фасли даркорӣ омӯзгор машқро мувофиқи самти инфиродии таълимии ҳар як кӯдаки мушаххас интихоб мекунад. Машқҳои ин технологияи компютериро ба сифати яке аз марҳилаҳои машғулияти умумии ислоҳӣ ва бо иловаи ҳатмии танаффусҳои динамикӣ ва машқҳои гуногун (биноӣ, ангуштӣ ва ғ.) истифода бурдан мумкин аст. Машғулиятҳоро ба таври инфиродӣ ду-се маротиба дар як ҳафта дар нимаи якуми рӯз гузаронидан мувофиқи мақсад аст. Давомнокии кор бо компютер барои кӯдакони 6 сола – 10 дақиқа ва барои кӯдакони 7 сола – 10-15 дақиқа.

| № Р/т | Насаби кӯдак | Дарачаи нуқсон | Машулияти 1 | Машулияти 2 | Машулияти 3 | Машулияти 4 | Машулияти 5 | Машулияти 6 | Машулияти 7 | Машулияти 8 | Машулияти 9 | Машулияти 10 | Машулияти 11 | Машулияти 12 | Машулияти 13 | Машулияти 14 | Машулияти 15 | Машулияти 16 | Машулияти 17 | Машулияти 18 | фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ДАР КОМПЮТЕР** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 1 | Азизаи К | Миёна | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 60% |
| 2 | Маҳинаи О | Баланд | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 90% |
| 3 | Манучеҳри Л | Миёна | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 60% |
| 4 | Каримҷони Ҳ | Баланд | 2 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 90% |
| 5 | Озодаи И | Паст | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 50% |
| **АЗ РӮИ МЕТОДИКАҲОИ АНЪАНАВӢ** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 6 | Иброҳими Д | Паст | | 1 | | 1 | | 1 | | 1 | | 1 | | 1 | | 1 | | 1 | | 2 | 30% |
| 7 | Далер Т | Баланд | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | 60% |
| 8 | Зуҳро М | Миёна | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | 40% |
| 9 | Мафтуна К | Паст | | 1 | | 1 | | 1 | | 1 | | 1 | | 1 | | 1 | | 1 | | 1 | 30% |
| 10 | Зулфиқор А | Миёна | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | | 2 | 40% |

**Ҷадвали 2.4.- Натиҷаи истифодаи методикаҳои анъанавӣ ва барномаи махсуси компютерӣ**




**Диаграммаи 2.1. -Натиҷаи истифодаи методикаҳои анъанавӣ ва барномаи махсуси компютерӣ**

## Қисмати «Нутқи ғайришифоҳӣ»

Марҳилаи якум дар ислоҳи алалия таҳияи механизмҳои фаъолияти нутқӣ аст, яъне чунин асоси нутқии кӯдаки алалиядоштаро фароҳам овардан лозим аст, ки инкишоф ва ташаккули нутқро имконпазир мегардонад. Бинобар ин, такмили ҷараёнҳои ғайринутқӣ такмили таваҷҷуҳи биноӣ ва дарк, такмили хотира, инкишофи таҳлилу ҷамъбасти биноию маконӣ ва фикррониро дар бар мегирад. Машқҳои ин фасл ташаккул ва устуворгардонии тасаввуротро дар бораи рангҳои асосӣ ва шаклу андозаҳои возеҳ имконпазир мегардонанд. Ба ғайр аз ин, барои сарфаҳм рафтан ба макону фаслҳои сол мусоидат мекунанд. Дар ин фасл кӯдак супоришро ғайришифоҳӣ иҷро мекунад.

Машқи «Андоза». Мақсади машқ – ташаккул додани (устувор гардондани) тасаввуроти кӯдакон дар бораи андозаҳои возеҳ (калон, хурд, миёна). Мураббия расмро нишон дода, номбар мекунад: «Ин курсии калон. Ин курсии хурд. Ин курсии миёна» . Баъд аз кӯдак хоҳиш мекунад: «Курсии калонро нишон деҳ». Агар кӯдак машқро дуруст иҷро кунад, расм давр мезанад. Дар ҳолати акс – Моҳичаи тиллоӣ ба вай такрор кардани амалро «пешниҳод мекунад». Дар мавриди алалияи сенсорӣ бошад, дастурамалҳо ва машқро кӯдак худаш мехонад.

Супоришҳо:

- «Курсии ҳаҷман калонтарро нишон деҳ».
- «Себи ҳаҷман хурдро нишон деҳ».
- «Кубики ҳаҷман миёнаро нишон деҳ».
- «Тоқии ҳаҷман хурдро нишон деҳ».













**Расми 2.2. - Машқи “Андоза”.**

Машқи «Рангҳо».

Мақсади машқ – ташаккул додани (устувор гардондани) тасаввуроти кӯдакон дар бораи рангҳо (сурх, зард, кабуд, сабз, сафед, сиёҳ). Мураббия расмҳоро нишон дода, номбар мекунад: « Ин кубики сурх. Ин саққочаи сурх. Ин мошинчаи сурх». Баъд аз кӯдак хоҳиш мекунад: «Саққочаи сурхро нишон деҳ». Агар кӯдак машқро дуруст иҷро кунад, расм давр мезанад. Дар ҳолати акс – Моҳичаи тиллоӣ ба вай такрор кардани амалро «пешниҳод мекунад» . Дар мавриди алалияи сенсорӣ бошад, дастурамалҳо ва машқро кӯдак худаш мехонад.

Супоришҳо:

- «Кулоҳи зардро нишон деҳ».
- «Мошини сафедро нишон деҳ».
- «Тӯби сафеду сиёҳро нишон деҳ».
- «Чатри сиёҳро нишон деҳ».


Нутқи ғайришифоҳӣ
ОФАРИН
КУЛОҲИ ЗАРДРО НИШОН ДЕҲ
вазифаи навбатӣ


Нутқи ғайришифоҳӣ
Мошини сафедро нишон деҳ
Вазифаи навбатӣ







**Расми 2.3. - Машқи “Рангҳо”.**

Машқи «Аз рӯи ранг пайдо кун». Мақсади машқ – фарқ кардани рангҳои гуногун. Мураббия расмҳоро нишон дода, номбар мекунад: «Ин кулоҳи кабуд. Ин кулоҳи сурх. Ин кулоҳи зард. Ин кулоҳи сабз». Баъд аз кӯдак хоҳиш мекунад: «Кулоҳи зардро нишон деҳ». Агар кӯдак машқро дуруст иҷро кунад, расм давр мезанад. Дар ҳолати акс – Моҳичаи тиллоӣ ба вай такрор кардани амалро «пешниҳод мекунад» . Дар мавриди алалияи сенсорӣ бошад, дастурамалҳо ва машқро кӯдак худаш мехонад.

Супоришҳо:

- «Бодиринги сабзро нишон деҳ».

- «Ноки зардро нишон деҳ».







**Расми 2.4. - Машқи “Аз рӯи ранг пайдо кун”.**

Машқи «Нишон деҳ - чӣ дар куҷо аст?»

Мақсади машқ – ба макон сарфаҳм рафтан. Мураббия расмҳоро нишон дода, нақл мекунад: «Лӯхтак дар болои кат аст. Тӯб дар зери миз аст. Хирсак дар болои курсӣ аст. Гурба дар болои диван аст. Мошинча дар болои фарш аст. Харгӯшак дар болои раф аст. Китоб дар болои миз аст». Баъд аз кӯдак хоҳиш мекунад: «Дар куҷо будани лӯхтакро нишон деҳ». Агар кӯдак машқро дуруст иҷро кунад, расм давр мезанад. Дар

ҳолати акс - Моҳичаи тиллоӣ ба вай такрор кардани амалро «пешниҳод мекунад». Дар мавриди алалияи сенсорӣ, дастурамалҳо ва машқро кӯдак худаш мехонад.

Супоришҳо:

- «Тӯб дар куҷост?».
- «Хирсак дар куҷост?».






**Расми 2.5. - Машқи “Нишон деҳ- чӣ дар куҷост”.**

Машқи «Фаслҳои сол». Мақсади машқ – ба фаслҳои сол сарфаҳм рафтан.

Мураббия расмҳоро нишон дода, лаҳзаҳои ба ҳар як фасли сол хосро нақл мекунад:

- «Ин расми фасли тобистон аст. Дар тобистон борон меборад. Кӯдакон ба мактаб меравaнд».

- «Ин расми фасли зимистон аст. Дар зимистон барф меборад. Кӯдакон яхмолакбозӣ мекунанд».

- «Ин расми фасли баҳор аст. Дар баҳор барфҳо об мешаванд. Парандагон лона месозанд. Кӯдакон киштичаҳоро ба об сар медиҳанд».

- «Ин расми фасли тобистон аст. Дар тобистон ҳаво бисёр гарм мешавад. Кӯдакон дар дарёча оббозӣ мекунанд». Баъд аз кӯдак хоҳиш мекунад: « Канӣ нишон деҳ, дар зимистон чӣ кор мекунанд». Агар кӯдак машқро дуруст иҷро кунад, матн дар назди расми дахлдор ҷойгир мешавад. Дар ҳолати акс Моҳичаи тиллоӣ ба вай такрор кардани амалро « пешниҳод мекунад» . Дар мавриди алалияи сенсорӣ, дастурамалҳо ва машқро кӯдак худаш мехонад.

Супоришҳо:

- «Дар фасли зимистон чӣ меборад?».

- «Дар фасли тирамоҳ чӣ меборад?».




**Расми 2.6. - Машқи “Фаслҳои сол”.**

Машқи «Чӣ ғайб зад?». Мақсади машқ – такмил додани хотира. Мураббия расмҳоро нишон дода, номбар мекунад: «Ин лӯхтак, пирамида, хирсак ва тӯб аст. Бодиққат нигоҳ кун ва ба хотир гир! Чашмонатро пӯш!». Баъд муаллим расми хирсакро зер мекунад – расм гум мешавад ва 3 расм пайдо мешавад, ба ҷуз расми хирсак. Мураббия аз кӯдак хоҳиш мекунад: « Канӣ нишон деҳ, кадом расм ғайб зад?». Агар кӯдак машқро дуруст иҷро кунад, расм ба ҷои худ бармегардад, дар ҳ8олати акс Моҳичаи тиллоӣ ба вай такрор кардани амалро « пешниҳод мекунад» . Дар мавриди алалияи сенсорӣ дастурамалҳо ва машқро кӯдак худаш мехонад.

Супориш бо расмҳои дигар такрор мешавад:

- Тӯб гум мешавад.
- Пирамида гум мешавад.




**Расми 2.7. - Машқи “Чӣ ғайб зад?”.**

Машқи «Чорумаш нодаркор аст».

Мақсади машқ – такмил додани фикрронӣ. Мураббия расмҳои қатори якумро нишон дода, номбар мекунад: «Ин себ, нок, бодиринг ва лимӯ аст», «Ин себ, нок, бодиринг ва пуфак аст». Баъд аз кӯдак хоҳиш мекунад: «Канӣ нишон деҳ, чӣ нодаркор аст». Агар кӯдак машқро дуруст иҷро кунад, расм гум мешавад, дар ҳолати акс Моҳичаи тиллоӣ ба вай такрор кардани амалро «пешниҳод мекунад» . Дар мавриди алалияи сенсорӣ дастурамалҳо ва машқро кӯдак худаш мехонад. Супориш бо қаторҳои дигари расмҳо такрор мешавад.




**Расми 2.8. - Машқи "Чорумаш нодаркор аст".**

Машқи «Расмҳои бурида».

Мақсади машқ – такмил додани фикрронӣ. Мураббия расмро нишон дода, номбар мекунад: «Ин кулоҳ аст», сипас аз кӯдак хоҳиш мекунад: «Нисфи дигари расмро дарёб», «Ин хирсак аст», сипас аз кӯдак хоҳиш мекунад: «Нисфи дигари расмро дарёб». Агар кӯдак машқро дуруст иҷро кунад, расмҳо ба ҳам пайваст мешаванд, дар ҳолати акс Моҳичаи тиллоӣ ба вай такрор кардани амалро «пешниҳод мекунад». Дар мавриди алалияи сенсорӣ дастурамалҳо ва машқро кӯдак худаш мехонад. Супориш бо расмҳои дигар такрор мешавад.




**Расми 2.10. - Машқи “Расмҳои бурида”.**

## Қисмати « Луғат»

Калима яке аз воҳидҳои муҳими забон аст, аз ин рӯ, асоси инкишофи нутқи кӯдаконро ҷараёни аз худ кардани захираи луғавӣ ташкил медиҳад, яъне ба кӯдак зарур аст, ки маънои калимаҳоро аз худ карда, онҳоро дар ҷараёни муошират бамаврид истифода бурда тавонад. Ба ғайр аз ин, таваҷҷуҳи фаъол ва маҳорати то ба охир шунидани ҷумлаҳоро такмил додан лозим аст. Машқҳои ин фасл ба васеъ кардани ҳаҷми луғати ғайрифаъол ва ташаккули луғати фаъоли дастрасу оддӣ равона шудаанд.

Машқи «Кадом амал ба чӣ тааллуқ дорад». Мақсади машқ – интихоби ашё барои амал. Мураббия расмро нишон дода, номбар мекунад: « Ин шабпарак, гурба, пашша, уқоб ва буз аст». Баъд аз кӯдак хоҳиш мекунад: «Канӣ нишон деҳ, чӣ парвоз мекунад». Агар кӯдак машқро дуруст иҷро кунад, расм давр мезанад. Дар ҳолати баръакс Нахӯдак ба вай такрор кардани амалро «пешниҳод мекунад». Дар мавриди алалияи сенсорӣ дастурамалҳо ва машқро кӯдак худаш мехонад.

Супоришҳо:

- «Нишон деҳ, кадоме парвоз мекунад».

- «Нишон деҳ, чӣ шино мекунад».







**Расми 2.11. - Машқи “Кадом амал ба чӣ таалluқ дорад”.**

Машқи «Қисмҳоро пайдо кун». Мақсади машқ – интихоби қисмҳои ашёи яклухт. Мураббия расмҳоро нишон дода, номбар мекунад: «Ин мошинча, ин чанбарак, тӯбча, дар ва чарх аст». Баъд аз кӯдак хоҳиш мекунад: «Қисмҳои мошинчаро нишон деҳ». Агар кӯдак машқро дуруст иҷро кунад, расм ба тарафи расми асосӣ ҳаракат мекунад. Дар ҳолати баръакс Нахӯдак ба вай такрор кардани амалро «пешниҳод мекунад» . Дар мавриди алалияи сенсорӣ бошад, дастурамалҳо ва машқро кӯдак худаш мехонад. Супоришҳо бо расмҳои дигар такрор мешаванд.




**Расми 2.12. - Машқи “Қисмҳоро пайдо кун”.**

Машқи «Кадом ашё барои чӣ лозим аст».

Мақсади машқ – шинохтани ашё  аз рӯи таъиноти онҳо. Мураббия расмҳоро нишон дода, номбар мекунад ва баъд аз кӯдак хоҳиш мекунад: «Канӣ нишон деҳ, ту бо чӣ хӯрок мехӯрӣ». Агар кӯдак машқро дуруст иҷро кунад, расмҳои дигар гум мешаванд. Дар ҳолати баръакс – Нахӯдак ба вай такрор кардани амалро «пешниҳод мекунад» . Дар мавриди алалияи сенсорӣ бошад, дастурамалҳо ва машқро кӯдак худаш мехонад.

Супоришҳо:

- «Канӣ нишон деҳ, бо чӣ расм мекашанд».

- «Канӣ нишон деҳ, бо чӣ хӯрок мехуранд».




**Расми 2.13. - Машқи “Кадом ашё барои чӣ лозим аст”.**

Машқи «Шинохтан аз рӯи тасвир».

Мақсади машқ – шинохтани ашёҳо аз рӯи таъиноти онҳо. Мураббия расмҳоро нишон дода, номбар мекунад: «Он думи серпашм, мӯйи

мулоим ва мӯйлабҳои дароз дорад». Баъд аз кӯдак хоҳиш мекунад: «Канӣ нишон деҳ, он чӣ аст». Агар кӯдак машқро дуруст иҷро кунад, расми гурба мемонад ва расмҳои дигар гум мешаванд. Дар ҳолати баръакс – Нахӯдак ба вай такрор кардани амалро «пешниҳод мекунад». Дар мавриди алалияи сенсорӣ бошад, дастурамалҳо ва машқро кӯдак худаш мехонад.

Супоришҳо:

- «Думи серпашм, пашми мулоим ва мӯйлабҳои дароз дорад, нишон деҳ».
- «Гирдашакл, сурх, сероб ва ширин аст».




**Расми 2.14. - Машқи “Шинохтан аз рӯи тасвир”.**

Машқи «Садонокҳо».

Мақсади машқ – талаффуз кардани садонокҳо. Мураббия расмро нишон медиҳад: «Кӯдакон талаффуз мекунанд: А-О-У-И-Ӯ-Э». Ҳангоми расмро зер кардан матн пайдо мешавад. Баъд аз кӯдак хоҳиш мекунад: «Канӣ нишон деҳ, кӯдакон чӣ хел месароянд». Дар мавриди алалияи сенсорӣ бошад, дастурамалҳо ва машқро кӯдак худаш мехонад.

Супоришҳо:

- «Кӯдакон талаффуз мекунанд: А-О-У-И-Ӯ-Э».
- «Такрор намо мурғ чи тавр овоз мебарорад: Ко-ко-ко».







**Расми 2.15. - Машқи “Садонокҳо”.**

Машқи «Ҳиҷоҳо».

Мақсади машқ – талаффуз кардани ҳиҷоҳо. Мураббия расмро нишон медиҳад: «Мурғ овоз мебарорад: Қут-Қут-Қут». Ҳангоми расмро зер кардан матн пайдо мешавад. Баъд аз кӯдак хоҳиш карда мешавад: «Канӣ нишон деҳ, мурғ чӣ хел қут-қут мекунад». Дар мавриди алалияи сенсорӣ бошад, дастурамалҳо ва машқро кӯдак худаш мехонад.

Супоришҳо:

- «Ғоз фарёд мезанад: Ға-Ға-Ға»

- «Гов баос мезанад: Буу»

-«Духтарак ба лӯхтак хӯрок медиҳад: Ма-ма-ма»




**Расми 2.16. - Машқи “Ҳиҷоҳо”.**

Машқи «Расмҳо аз сабадча».

Мақсади машқ – талаффузи калимаҳои якҳиҷоӣ, дуҳиҷоӣ ва сеҳиҷоӣ. Мураббия ба кӯдак мефаҳмонад, ки дар сабадча калимаҳои гуногун пинҳон шудаанд ва барои аз сабадча гирифтан онҳоро талаффуз кардан лозим аст. Ҳангоми зер кардани сабадча расм пайдо мешавад, ки номи онро барои кӯдак талаффуз кардан лозим аст. Баъди талаффуз расмро

пахш кардан лозим аст, то он дар саҳифа ҷойи худро ишғол кунад. Ҳангоми такроран пахш кардани сабадча калимаи дигар пайдо мешавад.

Калимаҳои якҳиҷоӣ: ғоз, роҳ, тӯб, дар, миз, нон. Калимаҳои дуҳиҷоӣ:

а) зада дар ҳиҷои якум: гурба, пашша, собун, моҳӣ, шадда, чана;

б) зада дар ҳиҷои дуюм: арра, рӯбоҳ, бузак, чеҳра, тухмак, дастак.

Калимаҳои сеҳиҷоӣ:

а) зада дар ҳиҷои дуюм (миёна): мошинча, чойникча, гурбача, сатилча, гунҷишкак, гӯсола;

б) зада дар ҳиҷои якум: чӯҷача, ширинӣ, бозича, тиреза;

в) зада дар ҳиҷоӣ охир: мураббо, киштича, мӯзача, қатора.

Дар мавриди алалияи сенсорӣ бошад, якҷоя бо расм номи он пайдо мешавад, ки онро кӯдак хонда метавонад.




**Расми 2.17. - Машқи "Расмҳо аз сабадча".**

Машқи «Ман оғоз мекунам, ту идома бидеҳ». Мақсади машқ – интихоби калимаҳо-амалҳо аз рӯи мавзуъҳои луғавӣ. Мураббия матнро мехонад ва аз кӯдак хоҳиш мекунад, ки давом диҳад, пас аз ҷавоби дурусти кӯдак, ҳангоми пахши аломати савол, расм пайдо мешавад.

Дар мавриди алалияи сенсорӣ бошад, матнро кӯдак худаш мехонад. Мавзуъҳои луғавӣ: Баҳор. Тобистон. Тирамоҳ. Зимистон. Ҳайвонҳои хонагӣ.

### Имло

Сохти имлоии нутқ дар баробари зиёдшавии луғат ташаккул меёбад. Машқҳои ин фасл имкон медиҳанд, ки маҳорати истифодаи дурусти шаклҳои имлоӣ (шумораи танҳо ва ҷамъ, бандакҳо, калимасозӣ ва ғ.) такмил дода шаванд.

Машқи «Якто-бисёр», «Ҳисоб кун».




**Расми 2.18. - Машқи "Якто-бисёр", "Ҳисоб кун".**

Мақсади машқ: сохтани шумораи ҷамъи исмҳо. Мураббия ба кӯдак пешниҳод мекунад, ки сеҳргар шавад ва аз як ашё ашёи зиёд созад. Ҳангоми пахши расми як ашё, расме пайдо мешавад, ки дар он чунин ашёҳо зиёд аст. Онҳоро барои кӯдак номбар кардан лозим аст. Дар мавриди алалияи сенсорӣ бошад, матнро кӯдак худаш мехонад. Мақсади машқ: ба ҳам мувофиқ кардани номҳои шумора ва исм. Вақте ҳамаи

расмҳо кушода мешаванд, ба кӯдак ҳисоб кардани онҳоро пешниҳод намудан мумкин аст.

Машқи «Чӣ думи серпашм дорад?»

Мақсади машқ: сохтани шумораи танҳои исм. Мураббия расмҳоро номбар мекунад: « Рӯбоҳ, санҷоб, муш, гурба» ва мепурсад: «Кадоме аз инҳо думи серпашм дорад?». Кӯдак бояд ба савол ҷавоб диҳад ва расми дахлдорро пахш кунад. Ҳангоми дуруст ҷавоб додан расм давр мезанад, ҳангоми нодуруст ҷавоб додан расм гум мешавад. Дар мавриди алалияи сенсорӣ бошад, матнро кӯдак худаш мехонад.

Машқи «Кӣ чӣ мехӯрад?»

Мақсади машқ: сохтани шумораи танҳои исм. Мураббия расмҳоро номбар карда, мепурсад: «Мурғ ва асп чӣ мехӯранд?». Кӯдак бояд ба савол ҷавоб диҳад ва расми дахлдорро зер кунад. Ҳангоми дуруст ҷавоб додан расми ҳайвон дар назди расми хӯрок ҷойгир мешавад. Дар мавриди алалияи сенсорӣ бошад, матнро кӯдак худаш мехонад.




**Расми 2.19. - Машқи “Кӣ чӣ мехӯрад?”.**

Машқи «Рассом».

Мақсади машқ: сохтани шумораи танҳои исм. Мураббия расмҳоро номбар карда, мепурсад: «Рассом чӣ ва ё киро тасвир мекунад?». Кӯдак бояд ба савол ҷавоб диҳад ва расми дахлдорро пахш кунад. Ҳангоми дуруст ҷавоб додан расм дар чорчӯбаи рассом ҷойгир мешавад. Дар мавриди алалияи сенсорӣ бошад, матнро кӯдак худаш мехонад.




**Расми 2.20. - Машқи “Рассом”.**

Машқи «Деҳқон». Мақсади машқ: сохтани шумораи танҳои исм. Мураббия расмҳоро номбар карда, мепурсад: «Деҳқон ҷӯякҳоро бо чӣ меканад?». Кӯдак бояд ба савол ҷавоб диҳад ва расми дахлдорро пахш кунад. Ҳангоми дуруст ҷавоб додан расм давр мезанад, ҳангоми нодуруст ҷавоб додан расм гум мешавад. Дар мавриди алалияи сенсорӣ бошад, кӯдак худаш мехонад.

Супоришҳо:

- «Деҳқон бо чӣ ба дарахтон об медиҳад?»;

- «Деҳқон бо чӣ заминро нарм мекунад?».







**Расми 2.21. - Машқи “Деҳқон”.**

## Қисмати «Нутқи ҷумлагӣ»

Кор бо нутқи ҷумлагӣ аз ташаккули иборахо ва ҷумлаҳо оғоз меёбад. Бо ин мақсад, пеш аз ҳама, барои кӯдак бо истифодаи силсилаи расмҳои сюжетдор, рамзҳои гуногун ва расмҳои алоҳида барномаи васеи баёни фикрро тартиб додан лозим аст. Дар ин фасли барнома машқҳо ва матнҳои паиҳам пешниҳод шудаанд, ки ба ташаккули маҳорати кӯдакон барои аз калимаҳо сохтани ибора ва ҷумла мусоидат мекунанд.

Машқи «Пайваст кардани калимаҳо».

Мақсади машқ: аз калимаҳо сохтани ибора. Мураббия расмҳоеро, ки аз тарафи чап ва аз тарафи рости ақрабак ҷойгир шудаанд, номбар

